ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ
ТОҶИКИСТОН

Абдулҳамид Хонҷонов

# ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

(комплекси таълимию методӣ)

*Аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовара аз 26 феврали соли 2010, №3/16) ба сифати дастури таълимию методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ тавсия шудааст*

А И
ситета

Душанбе – 2010

ББК 65.9 (2) (262) + 65.262.2
У - 70
Хонҷонов Абдулҳамид. Фаъолияти бонкӣ. Душанбе: 2010. 392 с.
*Зери таҳрири умумии доктори илмҳои иқтисод,*
*профессор **Ҳабибов С. Ҳ.***

**Ҳаммуаллифони матни мухтасари лексияҳо:**
Ш. Раҳимзода, доктори илми иқтисод (мавзуи 12).
Н. Ашуров, номзади илми иқтисод, дотсент
(мавзӯҳои 4,5,6,7,8,11.1,11.2.,11.3.)

**Муқарризон:**
*д.и.и., профессор **Раҷабов Р.К.**, д.и.и., профессор **Раҳимов З.А.**,*
*н.и.и., дотсент **Қурбонов А.**, н.и.и., дотсент **Ҳасанов А.Р.**,*
*корманди ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», н.и.и., **Аслонов З.***

Дастури таълимӣ дар ҷаласаи Шурои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (суратҷаласаи №3 аз 11 январи соли 2010) муҳокима гардида, аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2010 ба чоп тавсия дода шудааст.

Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисоси 0604, ки аз руи низоми кредитӣ таҳсил менамоянд, пешбинӣ шудааст.

Дар дастури таълимӣ масъалаҳои назариявию амалии фаъолияти бонкӣ, мавқеъ, моҳият ва асосҳои ҳуқуқию ташкилии муассисаҳои қарзӣ, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмилёбии он, таънзим ва вазифаҳои асосии фаъолияти бонкӣ, таҷрибаи бонкҳои ватанӣ ва хориҷӣ оиди фаъолияти бонкҳо гирд оварда шудаанд.

Ин асар дар асоси таҷрибаи назариявии беш аз 20-сола ва малакаи амалии беш аз 17-солаи муаллиф тавлид гардидааст.

Дастур барои истифодаи омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантони мактабҳои олии Ҷумҳурӣ ва кормандони бонкҳо тавсия карда мешавад.

© А. Хонҷонов, 2010

*Ба соли маориф ва фарҳанги техникӣ бахшида мешавад*

# САРСУХАН

«Фаъолияти бонкӣ» яке аз илмҳои махсуси таълимӣ ва амалӣ ба ҳисоб рафта, таҷрибаи тӯлонии кори муассисаҳои қарзиро дар худ таҷассум менамояд.

Аз худ кардани ҷанбаҳои гуногуни ин фан аҳамияти муҳим дорад. Муносибатҳои пулӣ ва қарзӣ ҳамчун унсурҳои таркибии муносибатҳои иқтисодӣ тарафҳои умдатарини ҳаёти ҷомсаро дар бар мегиранд ва онҳо ба муносибатҳои байни одамон сару кор доранд.

Бо ёрии истифодаи фишангҳои пул ва қарз одамон сатҳи зиндагиашонро беҳтар мекунанд. Бо вуҷуди ин, аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ғайрисамаранок истифода бурдани пул ва қарз, инчунин аз тарафи бонкҳо ба таври кофӣ истифода набурдани технологияи бонкӣ онҳоро ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мекунад.

Китоби «Фаъолияти бонкӣ» аз 14 мавзӯи алоҳида иборат аст, ки дар он таҷрибаи бонкҳои Ҷумҳурӣ ва байналхалқӣ, масоили ташкил ва фаъолияти онҳо мавриди баррасию натиҷагирӣ қарор дода шудааст.

Дар ин китоб ба масоили зерин бештар таваҷҷӯҳ зоҳир гардидааст:

- моҳият ва асосҳои иқтисодии фаъолияти бонкӣ;
- асосҳои ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ;
- тартиботи ташкилии муассисаҳои қарзӣ;
- низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмилёбии он;
- Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва вазифаҳои онҳо;
- идора кардани амалиётҳои бонкии бонкҳои тиҷоратӣ;
- низом ва шаклҳои қарз дар шароити ҳозира;
- механизми ҳисобу китоб дар бонкҳо;
- хавфҳои бонкӣ ва таснифи онҳо;
- технологияи ҳозиразамони фаъолияти бонкӣ;
- низоми байналхалқии бонкӣ;
- хусусияти андозбандӣ дар бонкҳо;

КИТОБХОНАИ ... ТОҶИКИСТОН
БИБЛИОТЕКА
Инв. № 23177

Максади асосии шиносои бо ин фан - самаранок истифода бурдани имкониятҳои бонки, малакаи кории бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ ва ватанӣ, ба хонандагон маслиҳатҳои муфиду муҳим пешниҳод кардан мебошад.

Вазифаи ин илми тахассусӣ тайёр кардани мутахассисони ҷавон дар соҳаи бонкдорӣ ва фаъолияти мустакилонаи онҳо дар шароити иктисоди бозорӣ мебошад.

Дар шароити гузариш ба иктисоди бозорӣ пеш бурдани иктисодиёти ин ё он мамлакатро бе истифодаи низоми бонки тасаввур кардан ғайри имкон аст. Аз ин лиҳоз низоми бонкдорӣ дар ташкили идоракунии иктисодиёти давлат нақши басо муҳим мебозад.

Китоби мазкур дар асоси таҷрибаи беш аз 20-солаи омӯзгорӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурӣ ва кори амалии бонкдории муаллиф иншо гардида, ба шарҳи масъалаҳои назариявию амалии фаъолияти бонкӣ бахшида шудааст.

Ба донишҷӯён дастрас набудани маводи таълимии маҷмӯӣ ба забони тоҷикӣ оид ба «Фаъолияти бонкӣ» дар шароити таҳсил бо низоми кредитӣ моро водор сохт ба кадри имкон ҷабҳаҳои фаъолияти бонкиро пешкаши донишҷӯёну мутахассисони соҳаи бонкдорӣ, муштариёни бонкҳо, соҳибкорону тоҷирон намоем.

Муаллиф дар асной таълифи дастури таълимӣ ба китобҳои дарсиву мақолаҳои илмӣ, маводи таълимии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин маслиҳату машваратҳои судманди мутахассисони соҳа такя намуда, дар равшан намудани бисёре аз масъалаҳои фаъолияти бонкӣ аз адабиётҳои илмӣ ва маслиҳатҳои устодони донишгоҳҳои олӣ (н.и.и., дотсент Ашуров Н., профессор Раҷабов К., профессор Султонов З.) ва кормандони бонкҳои Ҷумҳурӣ (д.и.и. Шариф Раҳимзода, н.и.и. Аслонов З.) истифода бурдааст ва аз ин хотир ба ин шахсон миннатдории худро ба камоли ихлос баён медорад.

Муаллиф аз ҳамаи он шахсоне, ки минбаъд оид ба беҳтар кардани мазмуну мӯҳтавои китоб марок зоҳир мекунанд ва пешниҳодҳои хешро дар ин амр дарег намедоранд, қаблан изҳори миннатдорӣ менамояд ва эҳтиморона хоҳиш мекунад, ки фикру мулоҳизаашонро ба нишонии: шаҳри Душанбе, кучаи Деҳоти ½ Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, факултаи «Умури бонкӣ» ирсол намоянд.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИИ ТОҶИКИСТОН

ФАКУЛТЕТИ «УМУРИ БОНКӢ»
КАФЕДРАИ «ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ»

«Тасдиқ мекунам»
ноиби ректор оид ба корҳои таълим,
дотсент Сангинов Н.С.

_______________

аз 20 октябри 2009 сол

# СИЛЛАБУС

*аз фанни «Фаъолияти бонкӣ»*
*барои ихтисоси 0604*

*Ҷамъи кредитҳо – 8:*
*Ҳамагӣ корҳои аудиторӣ ва КМРУ – 128 соат*
*аз он ҷумла:*
*Корҳои лексионӣ - 32 соат;*
*Корҳои амалӣ - 32 соат;*
*КМРУ – 64 соат*

Шакли натиҷаи санҷиш: рейтинг ва имтиҳон

Душанбе – 2009

Силлабус аз фанни «Фаъолияти бонкӣ» барои донишҷӯён дар асоси Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.06.2004 тасдиқ гардидааст, аз тарафи номзади илми иқтисод Абдулҳамид Хонҷонов тартиб дода шудааст.

Силабус бо қарори кафедраи «Фаъолияти бонкӣ» аз 12 октябри соли 2009 суратмаҷлиси № 4 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Мудири кафедра
н. и. и., дотсент Қурбонов А.Р.

Шӯрои илмӣ-методии факултети «Умури бонкӣ» аз 14 октябри соли 2009 суратмаҷлиси № 2 муҳокима ва тасдиқ намудааст

Декани факултет,
д. и. и., профессор Раҷабов Р. К.

## Мақсад ва ҳадафи таълиму омӯзиши фанни «Фаъолияти бонкӣ»

«Фаъолияти бонки» ин яке аз илмҳои махсуси таълимӣ ва амалии низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, вай ба дигар фанҳои иқтисодӣ алоқаи зич дорад.

Мақсад аз шиносоӣ бо ин фан – ин самаранок ва ҳаматарафа истифода бурдани малакаи кории бонкҳои тиҷоратии хориҷӣ ва ватанӣ буда, ба хонандагон оиди танзими фаъолияти бонкӣ маслиҳатҳои муфиду муҳим медиҳад.

Ҳадафи ин фан аз тайёр намудани мутахассисони ҷавон дар соҳаи бонкдорӣ, фаъолияти мустақилонаи онҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва дар тафаккури мутахассисони ояндa ба вуҷуд овардани донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалии кор дар соҳаи бонкдорӣ ба шумор меравад.

Омӯзиши ин фан ба донишҷӯ имкон медиҳад:

- вазифаҳо, мақсадҳои фан, моҳият ва фаъолияти бонкҳо, ташкил ва ташаккулёбии онҳо, идора кардани амалиётҳои бонкӣ, таҳлил ва самаранок истифода бурдани малакаи кории бонкҳои пешқадамро омӯзад;
- тамоилҳои асосии инкишофи низоми бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда, ҳолатҳои проблемавиро тадқиқ кунад ва масъалаҳои мушаххасро нисбати такмилёбии низоми бонкӣ ҳалу фасл намояд;
- оиди робитаи тарафайни ин фан бо дигар фанҳои умумиқтисодӣ ва махсус тасаввуроти аниқ пайдо кунад.

Фаҳмиши ин фан на танҳо барои низоми бонкӣ, балки барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёт аҳамияти махсус дорад, бинобарин зарур аст, ки дар раванди иҷрои кори амалӣ дониши назариявӣ ҳарчӣ бештар мукаммал гардида бошад.

<u>**Перереквизити**</u> фанни «Фаъолияти бонкӣ» аз он иборат аст, ки муайян карда шавад то чӣ андоза донишҷӯ дар давоми дар мактаби миёна таъсил карданаш фанҳои риёзиёт ва асосҳои илми иқтисодро азхуд кардааст.

<u>Постреквизитҳои</u> фанни «Фаъолияти бонкӣ» – ин аз интихоби маҷмӯъи фанҳои иқтисодӣ оиди ин фан, навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ ва дипломӣ иборат аст.

**Дар рафти омӯзиши ин фан донишҷӯ бояд масоили зеринро аз худ намояд:**

- донишҳои назариявӣ оиди фаъолияти ташкилӣ ва ҳуқуқии бонкҳо;

- низом ва сиёсати бонкӣ;

- мафҳумҳои асосии фанҳои бонкӣ;

- фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ;

- амалиётҳои активӣ ва пассивии бонк;

- низом ва шаклҳои қарздиҳӣ;

- низоми ҳисобу китоб;

- маҳсулот ва технологияи ҳозиразамони бонкӣ;

- низоми умумиҷаҳонии бонкҳо, амалиётҳои андозбанди дар бонкҳо;

- фоизи бонкӣ ва тарзи ҳисоб кардани он;

- даромаду хароҷотҳои бонк дар шароити бозоргонӣ;

- ҳуҷҷатҳои меъёрӣ нисбати ин фан аз қабили қонунҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо;

- нисбати низоми бонкӣ ва молӣ таҷрибаи кориро азхуд кунад.

Дар назар дошта шудааст, ки дарсҳои таълимӣ дар намуди лексия ва семинару корҳои мустақилона гузаронда мешаванд ва ҳаряки онҳо бояд мазмунан шавқовару замонавӣ бошанд ва дар ҳар як машғулият лавозимоти электронӣ ба таври васеъ истифода бурда шавад.

Дар машғулиятҳои амалӣ бошад, зарур аст, ки бештар баҳсу мунозираҳо, бозиҳои илмӣ аз тариқи криптограмма, красворд, масъала, тест, саволнома, иттилоҳот истифода бурда шуда ва барои ҳар як мавзӯ кори мустақилона ва саволномаҳои такрорӣ тартиб дода шаванд.

Силлабус бо назардошти талаботи стандартии давлатии байналхалқӣ дар соҳаи маориф тартиб дода шуда, моҳияти намунавӣ дорад ва он бо таъғироту иловаҳои камтарин дар дигар мактабҳои олии Ҷумҳурӣ метавонад истифода бурда шавад.

Мувофиқи нақшаи таълимӣ ин фанро донишҷӯёни тахассусҳои 0604 меомӯзанд ва донишҳои назариявию амалии азхуднамудаашонро бо супоридани рейтинг ва имтиҳон исбот менамоянд.

# НАҚШАИ КОРИИ МАВЗӮҲО ВА ТАҚСИМОТИ СОАТҲО

| № | Номгӯи мавзӯҳо | Лексия | Амалӣ | КМРУ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Моҳият ва асосҳои иқтисодии фаъолияти бонкӣ | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 2 | Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 3 | Асосҳои ташкилии муассисаҳои қарзи | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 4 | Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 5 | Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 6 | Бонки тиҷоратӣ ва моҳияти он | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 7 | Идора кардани амалиётҳои бонкӣ | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 8 | Низом ва шаклҳои қарз дар шароити ҳозира | 5 | 5 | 10 | 20 |
| 9 | Низоми ҳисобу китоб дар бонкҳо | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 10 | Хавфи бонкӣ ва таснифи онҳо | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 11 | Роҳҳои такмил додани фаъолити бонкӣ бо истифодаи маҳсулотҳо ва технологияи ҳозирзамон | 3 | 3 | 6 | 12 |
| 12 | Низоми байналхалқии бонкӣ | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 13 | Амалиётҳои андозбандӣ дар бонкҳо | 2 | 2 | 4 | 8 |
| 14 | Даромаду хароҷотҳои бонкҳо дар шароити бозоргонӣ | 2 | 2 | 4 | 8 |
| | **Ҳамагӣ:** | 32 | 32 | 64 | 128 |

## Талаботҳои пешакӣ

1. Барои азхуд намудани фанни «Фаъолияти бонкӣ» донишҷӯ ҳатман баҳои қаноатбахши «С» ва аз ин хубтарро бояд ноил гардад;
2. Талаботҳои дохилии донишгоҳро риоя намояд;
3. Вазифаҳои супоридашударо сари вақт иҷро намояд;
4. Ба омӯзиш машғул шуда, дар амал дастовардҳои илмиро истифода барад;
5. Аз китобхонаи донишгоҳ самарабахш истифода барад;
6. Саривақт корҳои мустақилонаро ба устод супорад;
7. Дар вақти холигӣ ба назди устод барои машварат ҳозир шавад;
8. Дар рафти дарсҳо аз телефонҳои дастӣ истифода набарад.

Дар рафти иҷрои корҳои амалӣ донишҷӯ малакаи назариявиии дар асвои машғулиятҳои лексионӣ ва корҳои мустақил гирифтаашро сайқал медиҳад.

## Лавозимоти таълимӣ:

- китоби «Фаъолияти бонкӣ» ва дигар адабиётҳои оварда шуда;
- ҳисобкунак;
- қалам, ручка, дафтар;
- варақаҳои тоза, хаткашак ва хаттозакунак.

## Сиёсат ва тартиби курси фанни «Фаъолияти бонкӣ»

Курси «Фаъолияти бонкӣ» асосан курси назариявӣ бо омезиши малакаи таҷрибавӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин ҳам, шарти асосии назорат ин иҷрои корҳои амалӣ, мустақил ва вазифаҳои фардӣ ба ҳисоб меравад.

## Баҳодиҳӣ ба натиҷаҳо

Баҳои умумӣ аз рӯи натиҷаҳои ҳар як кредит гузошта шуда, он аз руи таҳлили ҷавоби ҳар як саволи тестҳои гузаронида шуда муайян карда мешавад.

Донишҷуёне, ки дар ҷамъбаст аз 65% камтар натиҷа ба даст даровардаанд, аз тарафи кафедра таҳти назорат гирифта мешаванд. Дар рафти чараёни таълим чунин баҳогузорӣ бо % истифода бурда мешавад:

Рейтинги якум 100 хол (60 хол тест + 40 хол илова)

Рейтинги дуюм 100 хол (60 хол тест + 40 хол илова)

Ба мақсади сифатан ҷамъбаст кардани натиҷаҳо зарур аст, ки холҳои ҳавасмандӣ ва ҷаримавӣ ҳисоб карда баромада шавад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

**а) холҳои ҳавасмандӣ:**

- иштироки фаъолона дар дарсҳо – (+ 5 хол);
- иҷрои пурраи вазифаи хонагӣ - (+ 10 хол);
- баромад дар дарсҳои семинарӣ - (+ 3 хол);
- иҷрои корҳои мустақилона - (+ 7 хол).

**б) холҳои ҷаримавӣ:**

- барои иштирок накардан дар ҳар як машғулиятҳо дар алоҳидагӣ новобаста ба сабаби ҳозир набудан - (- 4 хол);
- барои иҷро накардани ҳар як корҳои лексионӣ ва амалӣ, новобаста ба сабаби иҷро накарданаш - (- 4 хол);
- барои мустақилона ҳар як мавзӯъи гузаштаро дастнавис накардан - (-3 хол);
- барои дар сари вақт иҷро накардани корҳои мустақилона - (- 1 балл);
- барои ба сабаби ба дарс ҳозир набудан иҷро накардани вазифаи назоратии мустақил ё корҳои амалӣ - (- 2 хол);
- барои дар вақти дарс истифода бурдан аз телефонҳои мобили - (-1хол);
- барои дар вақти дарс бо ҳамдигар гуфтугӯ кардан - (-2 хол);

- барои дар вақти дарс диққати дигар донишҷӯёнро ба тарафи худ кашидан, барои вайрон кардани ин қоида - (- 4 хол);

- барои сабабгори вазъи ҷанҷоли байни донишҷӯён будан, барои ҳар як ин қонунвайронкуни - (- 4 хол):

Холҳои ҳавасмандӣ ба натиҷаи ҳар як рейтинг зам шуда, холҳои ҷаримавӣ тарҳ карда мешаванд.

Баҳо бо низоми баллӣ (баҳодиҳӣ), ки аз тарафи Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳ тасдиқ карда шудааст, гузошта мешавад (Низомнома оиди ташкили ҷараёни таълим бо истифодаи низоми қарзӣ);

## Вазифаи хонагӣ

Барои ҳар як донишҷӯ иҷрои вазифаи хонагӣ ҳатмӣ мебошад. Вазифаи хонагӣ баробари ба итмом расидани машғулият дода мешавад. Барои дар сари вақт иҷро накардани вазифаи хонагӣ гузориши баъдинаи он ба назар гирифта намешавад.

Баъди ҷамъбасти сифати иҷрои вазифаҳои хонагӣ ба донишҷӯ баҳои миёнаи умумӣ гузошта мешавад. Ин баҳогузорӣ дар асоси холдиҳӣ ба ҳар як вазифаи хонагӣ дар алоҳидагӣ гузошта мешавад. Ҷамъи умумии холҳо бояд аз 100 балл баланд набошад.

Зарур аст, донишҷӯ сиёҳнависҳои худро ба устод пешниҳод намояд. Дар ҳоли ба талабот ҷавобгӯ будани тарзи навишт ва ҳалли онҳо, донишҷӯ соҳиби холл ва кредит мегардад.

## Имтиҳони ҷамъбастӣ

Дар давоми омӯзиш имтиҳонҳои стандартӣ гузаронида мешаванд. Санаю соати баргузории имтиҳонҳо ба донишҷӯён пешакӣ хабар дода мешавад.

Имтиҳонҳо дар маркази тестқабулкунӣ баргузорӣ мешаванд. Баланд намудани холҳо дар ҳолати баҳои паст гирифтани донишҷӯ ва ба ин мақсад ба вай ягон хел саволҳои

иловагӣ додан ва аз нав супоридани имтиҳон, дар рафти имтиҳон истифода бурдани матни лексияҳо ва китобҳои дарсӣ қатъиян манъ аст.

Имтиҳони ҷамъбастӣ бояд ҳамаи мавзуҳоро фаро гирад ва ҳамчун ду имтиҳони муқаррарии стандартӣ ба ҳисоб меравад:

Рейтинги 1 100 хол 25%;

Рейтинги 2 100 хол 25 %;

Имтиҳон 100 хол 50 %

Дар муайян намудани шумораи умумии холҳо дар имтиҳони хотимавӣ формулаи зерин истифода бурда шавад:

$$O = \frac{(P1 + P2)}{2} \times 0,5 + V0,5$$

**Тарзи муайян кардани холи умумии донишҷӯён**

| *№* | *Холҳо* | *Ифодаи амалии холҳо* | *Фоиз* | *Баҳо бо ҳарф* | *Истифодаи анъанавии холҳо* |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 565-600 | 4.0 | 95-100 | A | Аъло |
| 2 | 530-564 | 3,67 | 89-94 | A - | |
| 3 | 495-529 | 3,33 | 84-88 | B + | Хуб |
| 4 | 460-494 | 3,00 | 78-83 | B | |
| 5 | 425-455 | 2,67 | 73-77 | B - | |
| 6 | 390-424 | 2,33 | 68-72 | C + | Қаноатбахш |
| 7 | 365-389 | 2,00 | 64-67 | C | |
| 8 | 320-364 | 1,67 | 59-63 | C - | |
| 9 | 285-319 | 1,33 | 55-58 | Д + | |
| 10 | 250-284 | 1,00 | 50-54 | Д | |
| 11 | 0-249 | 0,00 | 0-49 | F | Ғайри-қаноатбахш |

Аз рӯи ин ҷадвал 95% - и холҳои имконпазир бо баҳои «А» (93-96,5%) баробар аст. Ҳангоми иштирок накардан дар як машғулият 5 фоизи холи имтиҳони фосилавӣ кам карда

мешавад. Дар мавриди ба 25 фоизи машғулиятҳо иштирок накардани донишҷӯ барои иштирок намудан дар дарсҳои фанни мазкур иҷозат дода намешавад.

**Намудҳои назорати иловагӣ, вақти гузаронидан ва баҳодиҳӣ**

| | *Намудҳои назорати иловагӣ* | *Вақти гузаронидан* | *Баҳои максималӣ ё %* |
|---|---|---|---|
| | СЕМЕСТРИ 5. | | |
| 1 | Санҷиши тестии рейтинги 1 | ҳафтаи 7-ум | 75 - 25 |
| 2 | Санҷиши тестии рейтинги 2 | ҳафтаи 14-ум | 75 - 25 |
| 3 | Имтиҳони ҷамъбастӣ | ҳафтаи 17 –19-ум | 100 |
| | СЕМЕСТРИ 6. | | |
| 1 | Санҷиши тестии рейтинги 1 | ҳафтаи 7-ум | 75 - 25 |
| 2 | Санҷиши тестии рейтинги 2 | ҳафтаи 14-ум | 75 - 25 |
| 3 | Имтиҳони ҷамъбастӣ | ҳафтаи 17 -19-ум | 100 |

**Намуди санҷишҳои даврагӣ ва ҷорӣ**

| *Намуди санҷиш* | *Шакли гузаронидани санҷиш* |
|---|---|
| Санҷиши даврагӣ | Рефератҳо, бaромадҳо, вазифаи хонагӣ, кори амалӣ |
| Санҷиши ҷорӣ | Санҷиши тестӣ, кори контролӣ, презентассия |

# МАТНИ МУХТАСАРИ ЛЕКСИЯҲО
## *ОИД БА ФАННИ «ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ»*

### Мавзӯи 1. МОҲИЯТ ВА АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

*Лексия – 2 соат*
***Амалӣ – 2 соат***

Нақша:

1.1. Тавсифи бонк чун ҷузъи низоми бонкӣ
1.2. Фаҳмиши ҳозираи мафҳуми бонк
1.3. Мазмуни фаъолияти бонкӣ

Бонкҳо ва таърихи пайдоиши онҳо. Бонкҳои аввалин ва фаъолияти онҳо. Асосоҳои пайдоиши бонкҳо.

Фаҳмиши ҳозираи мафҳуми бонк. Амалиётҳои бонкии ҳозиразамон.

Мазмуни фаъолияти бонкӣ. Вазифаҳои бонк.

***Адабиётҳо**: 13 (с. 130-131; 149-151), 14 (с.48-53), 15 (с. 4-10), 20 (с.14-25), 40 (5-8), 6, 2.1*

### Мавзӯи 2. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

***Лексия – 2 соат***
***Амалӣ – 2 соат***

**Нақша:**

2.1. Низоми ҳозираи қонуниятҳои пайдоиш ва зарурияти бонк
2.2. Фаҳмиши умумии қонуниятҳои бонкӣ
2.3. Асосҳои қонунии фаъолияти бонкҳои ҳозиразамон.

Фаҳмиши ҳозиразамони моҳияти бонк. Қонуниятҳо оиди бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ. Аҳамияти қонуниятҳои

бонкӣ. Такомули (эволуссияи) қонуниятҳои бонкӣ. Хусусиятҳои аввалини қонуниятҳои бонкии солҳои 1990. Тавсифномаи умумии қонуниятҳои бонкии ҳозиразамон

*Адабиётҳо: 13 (с. 149-152), 14 (с. 53-60), 15 (с.11-25), 20 (с.19-25), 40 (с.11-20), 6, 3.15*

## Мавзӯи 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ МУАССИСАҲОИ ҚАРЗӢ

***Лексия – 2 соат***
***Амалӣ – 2 соат***

**Нақша:**

3.1. Таъмини бехатарии бонк
3.2. Таҷдид ва барҳамдиҳии бонкҳо
3.3. Сохтори идоракунии бонкҳо
3.4. Усулҳои асосии ташкили идоракунии бонкҳо

Низоми таъмини бехатарии бонк. Иҷозатнома оиди бурдани амалиётҳои бонкӣ. Меъёрҳои иқтисодии бонк. Қоидаҳои тартиб додан ва ба чоп омода сохтани ҳисоботҳои бонкӣ.

Мафҳуми таҷдиди бонкҳо. Хусусиятҳои таҷдиди бонкҳои тиҷоратӣ.

Фаҳмиши барҳамдиҳии бонкҳо. Муфлисшавии бонкҳо.

Усулҳои ташкили идоракунии бонкҳо. Омилҳос, ки ба сохтори идоракунии бонк таъсир мерасонанд.

*Адабиётҳо: 20 (с.147-136; 172-191), 13 (с. 132-135), 40 (с.47-56), 15 (с.342-345), 6, 2.1, 3.19*

## Мавзӯи 4. НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Лексия – 2 соат*
*Амалӣ – 2 соат*

**Нақша:**

4.1. Таъсиси бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
4.2. Низоми бонкии ҳозиразамони Ҷумҳурии Тоҷикистон
4.3. Марҳилаҳои ислоҳоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таърихи пайдоиши бонкҳои аввалин дар Тоҷикистон. Низоми бонкии ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Марҳилаҳои ислоҳоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Адабиётҳо: 13(с.149-157), 14(с. 46-53), 6.*

## Мавзӯи 5. БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Лексия – 2 соат*
*Амалӣ – 2 соат*

**Нақша:**

5.1. Бонки миллии Тоҷикистон ва вазифаҳои он
5.2. Сохтори ташкилии Бонки миллии Тоҷикистон
5.3. Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ.

Таъсиси Бонки миллии Тоҷикистон. Вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон. Ҳуқуқҳои Бонки миллии Тоҷикистон. Сохтори ташкилии Бонки миллии Тоҷикистон.

Ташкилотҳои молиявӣ, мақсад ва вазифаҳои онҳо. Нақши ташкилотҳои молиявӣ дар баланд бардоштани иқтисодиёт

*Адабиётҳо: 13 (с. 153-156), 14 (с. 195-200), 40 (с. 38-46), 5.*

N 23177

## Мавзӯи 6. БОНКИ ТИҶОРАТӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

*Лексия – 2 соат*
*Амалӣ – 2 соат*

**Нақша:**

6.1. Мафҳуми бонки тиҷоратӣ ва сохтори он
6.2 Тартиби ифтитоҳи бонк, бақайдгирӣ ва барҳам додани он
6.3. Вазифаҳои асосӣ ва мақсади бонки тиҷоратӣ
6.4. Омӯхтани имкониятҳои хизматрасонии бонкӣ
6.5. Муносибати бонки тиҷоратӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон.

Хусусиятҳои фарққунандаи бонкҳо аз дигар муссисаҳои молиявию қарзӣ.

Мафҳуми бонки тиҷоратӣ ва сохтори он. Таъиноти бонкҳои тиҷоратӣ.

Фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби ифтитоҳи бонк, бақайдгирӣ ва барҳам додани он. Ташкили бонкҳои тиҷоратӣ. Дар хусуси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ».

Ҳуҷҷатгузорӣ нисбати таъсиси бонкҳои тиҷоратӣ. Саҳмдорони бонк. Ҳиссаи иштироки саҳмдорон.

Ҳолатҳои ситондани ҷарима. Назорат аз болои бонкҳои тиҷоратӣ. Мақсади асосии танзими бонкӣ ва бурдани назорати бонкӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Вазифаҳои Мудири муваққатӣ.

Вазифаҳои бонки тиҷоратӣ. Имкониятҳои хизматрасонии бонкӣ. Таҳлили имкониятҳо. Талабот ба хизматҳои бонкӣ.

Муносибати бонки тиҷоратӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон. Усулҳои танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ.

Захираҳои бонкӣ. Дастурамал «Дар бораи захираҳои ҳатмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзис, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ медоранд». Меъёри захираҳои ҳатмии бонкҳо.

Чораҳои зарурӣ дар ҳолати аз тарафи бонкҳо риоя нашудани меъёрҳои Бонки миллии Тоҷикистон.

***Адабиётҳо:*** *13 (с. 130-143), 14 (с. 40-45), 15 (с. 11-25), 40 (с.57), 6.*

## Мавзӯи 7. ПАРДОХТПАЗИРӢ ВА ИДОРА КАРДАНИ АМАЛИЁТҲОИ БОНКӢ

***Лексия – 2 соат***
***Амалӣ – 2 соат***

**Нақша:**

7.1. Мафҳуми пардохтпазирии бонк
7.2. Идора кардани амалиёти активӣ
7.3. Идора кардани амалиёти пассивӣ

Мафҳуми пардохтпазирии бонк. Меъёрҳои иқтисодии Бонки миллӣ.

Идора кардани амалиёти активӣ. Мақсадҳои сиёсати бонкӣ. Таҳлили хатари бонкӣ. Хизматҳои бонкӣ. Вазифаҳои роҳбарияти бонк ва кормандони шӯъбаи қарз дар масъалаи баргардондани қарз ва идора кардани амалиётҳои активӣ.

Идора кардани амалиёти пассивӣ.

Мавқеи кормандони бонк дар идоракунии амалиёти пассивӣ.

***Адабиётҳо:*** *13 (130-143), 14 (с. 40-45), 15 (с.11-25), 40 (с.57), 6.*

# Мавзӯи 8. НИЗОМ ВА ШАКЛҲОИ ҚАРЗ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

*Лексия – 5 соат*
*Амалӣ – 5 соат*

Нақша:

8.1. Моҳият, зарурат ва таснифи қарзҳои бонкӣ
8.2. Ташкили додани қарзҳои бонкӣ
8.3. Тартиби додани қарз ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ
8.4. Захираҳои қарзӣ ва ба нақша гирифтани онҳо
8.5. Қарзҳои мушкилистон ва чораҷӯӣ оид ба ситондани онҳо

Моҳият ва зарурати қарз. Воситахои гардони бонк. Тавrҳои нишон додани қарз. Шаклҳои қарз. Захираҳои пулӣ ва истифодаи онҳо.

Ташкили додани қарзҳои бонкӣ. Субъектҳои муносибатҳои қарзӣ. Қарздиҳанда ва қарзгиранда. Мақсадҳои гирифтани қарз.

Тартиби додани қарз ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ. Ҳуҷҷатҳо барои гирифтани қарз. Меъёри додани қарз ба як муштарӣ. Қарзҳои кафолатдор. Қарз барои додани музди кор ва моҳона.

Қарз аз рӯи коғазҳои қиматнок. Қарз барои харидани амволи давлатӣ. Ҳуқуқи муштарӣ оиди амволи аз ҳисоби қарз харидааш. Қарзҳои боваринок. Қарз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ).

Тартиби додани қарзи дарозмуддат. Амалиётҳои лизингӣ ва шаклҳои он. Тартиби додани карзи лизингӣ. Лизинги зудамал ва лизинги молиявӣ. Додани қарзи истеъмолӣ ба аҳолӣ.

Тартиби додани қарз бо асъори хориҷӣ. Таъминнокии қарз ва усулҳои он. Ҳолатхои ба муштарӣ додани қарз бо асъори хориҷӣ.

Захираҳои қарзӣ ва ба нақша гирифтани онҳо. Таснифи захираҳои қарзӣ. Сарчашмаи асосии қарзи бонкӣ. Шаклҳои пасандози аҳолӣ.

Бозори қарзии байнибонкӣ. Қарзи мутамаркази Бонки миллӣ (марказӣ).

Қарзҳои мушкилистон ва чораҷӯи оид ба ситонидани онҳо. Гуруҳҳои қарзи бонкӣ. Баҳисобгирии қарзҳои мушкилситон. Қарзи таъминоти моддӣ надошта. Чораҷӯӣ оид ба ситонидани қарзҳои мушкилситон. Чораҳои зарурӣ барои баргардонидани қарзҳои мушкилситон.

Ташкили захираҳои пулӣ барои аз ҳисоб хориҷ намудани қарзҳои мушкилситон. Аз ҳисоб хориҷ кардани қарзҳои мушкилситон.

***Адабиётҳо:13 (с.72-78; 158-175 ), 15 (с. 164-219), 20 (с. 374-575); 38 (с. 88-109), 2.4, 3.7***

## Мавзӯи 9. НИЗОМИ ҲИСОБУ КИТОБ ДАР БОНКҲО

***Лексия – 2 соат***
***Амалӣ – 2 соат***

**Нақша:**

9.1. Аҳамият ва шаклҳои ҳисобу китоб дар бонкҳо
9.2. Тавозуни бонк ва усулҳои тартиб додани он
9.3. Проблемаҳои гузариш ба ҳисобҳои мувофиқ ба талаботҳои МСФО (СУҲМ)

Шаклҳо ва таснифи ҳисоботҳои бонкӣ. Ҳисоботҳои асосӣ ва иловагӣ.

Тавозуни бонк ва қисмҳои он. Талаботҳои асосӣ оиди ташкили ҳисоботҳои бонкӣ. Ҳисоботи солонаи муассисаи қарзӣ. Ҳисоботҳои нашр шуда. Ҳисоботҳои маҷмуӣ.

Стандартҳои умумичаҳонии ҳисоботҳои молӣ (СУҲМ) МСФО ва авзалиятҳои он.

Фарқиятҳои СУҲМ аз ҳисоботҳои мавҷуда. Принсипҳои асосии СУҲМ.Усули ҳисоб (зам) кардан.

*Адабиётҳо: 14 (с. 12-24); 20 (с. 740-758), 38 (с.364-365), 3.5.*

## Мавзӯи 10. ХАВФИ БОНКӢ ВА ТАСНИФИ ОНҲО

***Лекция – 2 соат***
***Амалӣ – 2 соат***

**Нақша:**

10.1. Мафҳуми хавфи бонкӣ.
10.2. Хелҳои хавфи бонкӣ.
10.3. Таҳияи стратегияи хавфи бонкӣ.
10.4. Барқарорсозии меъёри оптималии хавф.

Таснифи хавфи бонкӣ. Пайдоиши хавф дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ.

Хелҳои хавфи бонкӣ ва мафҳуми онҳо.

Пайдарпай таҳия намудани хавфҳо.

Тарзи барқарорсозии меъёри оптималии хавфҳо.

*Адабиётҳо: 12 (с. 47-57), 15 (с. 342-357), 20 (с. 58-64), 38 (с. 428-431), 6*

## Мавзӯи 11. РОҲҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ БО ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТҲО ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ҲОЗИРАЗАМОН

*Лексия – 3 соат*
*Амалӣ – 3 соат*

**Нақша:**

11.1. Моҳияти бозорёбии (маркетинги) бонкӣ
11.2. Мақсад ва усулҳои васеъ намудани бозор
11.3. Банақшагирии фаъолият ва бозорёбии бонкӣ
11.4. Худкорсозии фаъолияти бонкӣ ва ташкили низоми иттилоотии бонки
11.5. Амалиёти бонкӣ бо истифодаи пулҳои электронӣ
11.6. Индустрияи кортҳои пластикӣ

Бозорёбии бонкӣ ва фарқи он аз бозорёбии дигар соҳаҳо. Бозорёбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.

Роҳҳои васеъ намудани бозор.Тарзҳои чораёни омӯхтани талабот. Омилҳос, ки ба талабот таъсир мерасонанд.

Мафҳуми банақшагирӣ. Омилҳои васеъ кардани бозор

Мафҳуми худкорсозии бонкӣ. Низоми иттилоотӣ ва ташкили он дар низоми бонкӣ.

Пулҳои электронӣ ва истифодаи он дар бонкҳо.

Истифодаи кортҳои пластикӣ ва намудҳои он.

Банкоматҳо ва истифодабарии онҳо

***Адабиётҳо:*** *13 (с. 242-253), 14 (с. 66-70); 20 (с. 701-733), 40 (с. 151-165), 6*

## Мавзӯи 12. НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ БОНКӢ

*Лексия – 2 соат*
*Амалӣ – 2 соат*

Нақша:

12.1. Мафҳуми қарзи байналхалқӣ ва вазифаю намудҳои он
12.2. Бозори байналхалқии сармояи қарзӣ
12.3. Мақом ва таснифи қарзҳои байналхалқӣ
12.4. Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ
12.5. Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ

Мафҳуми қарзи байналхалқӣ. Вазифаҳои қарзи байналхалқӣ. Намудҳои қарзи байналхалқӣ. Қарзи байналхалқӣ ва нақши он дар пешрафти иқтисодиёт.

Мафҳуми сармояи қарзӣ. Шаклҳои амалиётҳо дар бозори байналхалқӣ.

Шаклҳои бозори байналхалқӣ вобаста ба муҳлати истифодаи сармояи қарзӣ. Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ.

Ташкилотҳои моливии минтақавӣ

*Адабиётҳо: 13 (с. 113-130), 41 ( с. 360-372).*

## Мавзӯи 13. АМАЛИЁТҲОИ АНДОЗБАНДӢ ДАР БОНКҲО

*Лексия – 2 соат*
*Амалӣ – 2 соат*

Нақша:

13.1. Қоидаҳои умумии андозбандӣ ва баҳисобгирии он
13.2. Намудҳои андозе, ки бонкҳо ба буҷа месупоранд
13.4. Ситондани андоз дар манбаи пардохт

Қоидаҳои умумии андозбандӣ мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазифаҳо ва ҳуқуқҳои асосии андозсупоранда. Тартиби баҳисобгирии даромадҳо, харочотҳо ва захираҳои молию моддӣ.

Намудҳои андозҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявис, ки бонкҳо ба буҷа месупоранд. Муносибатҳои тарафайни бонк бо мақомоти андоз. Ҳисобҳои тавозунӣ оиди ҳисоби амалиётҳои марбут ба андозбандӣ.

Шаклҳои ситондани андоз дар манбаи пардохт.

*Адабиётҳо 14 (с. 109-119), 3.*

## Мавзӯи 14. ДАРОМАДУ ХАРОҶОТҲОИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ БОЗОРГОНӢ

***Лексия – 2 соат***

***Амалӣ – 2 соат***

Нақша:

14.1. Даромади бонк, таркиб ва баҳисобгирии он.

14.2. Харочотҳои бонк ва таркиби онҳо.

14.3. Фароҳамоварӣ ва истифодабарии фоидаи бонк.

Мафҳуми умумии даромади бонк. Сиёсати бонк нисбати зиёд кардани фоидаи бонк. Даромадҳои фоизии бонк ва қисмҳои он. Даромадҳои бефоизаи бонк ва қисмҳои он. Сарчашмаҳои гирифтани даромадҳои ғайрифоизӣ.

Таркиб ва гуруҳҳои харочотҳои бонкӣ. Харочотҳои амалиётӣ, ёрирасон ва дигар харочотҳо.

Фоидаи бонк ва баҳисобгирии он. Фоидаи софи бонк. Тақсимоти фоидаи софи бонк ва ҳиссачудокунии аз фоидаи соф.

***Адабиётҳо**: 14 ( с.93-103), 20 ( с.233-259), 15 (395-398), 6*

# 1. Рӯйхати адабиётхои истифодашуда


1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 6 ноябри 1994 с. Тағироту иловаҳо соли 2005.
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1999
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2004
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», Душанбе, 2007.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Душанбе, 05.08.2009.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Душанбе, 19 маи 2009
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», Душанбе, 04.11.1995
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои молӣ», Душанбе, 2006
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеъӣ», Душанбе, 01.08.2003
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ», Душанбе, 27.12.1993
11. Қарори Раёсати БМТ «Дар бораи принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ»
12. Ашуров Н.А.Управление банковскими рисками. Душанбе.Первая типография, 1997.-152 с.
13. Ашуров Н., Лалбеков И. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, ҶСШК «Матбуот», 2002.-271с.
14. Ашуров Ғ., Азизмуродов Ш., Баҳисобгирии амалиёт дар бонкҳои тиҷоратӣ, КПВФ ҶТ, 2009 – 304 с.
15. Банковское дело. Учебник. Под ред. О. И. Лаврушина. М.: Банковский и биржевой научно – консультационный центр, 1992 г.- 428 с.
16. Банковское дело. Учебник. Под ред. Г.Н.Белоглазовой, Л.П. Кроливецкой. М.: Финансы и статистика, 2003 г.

17. Банковское дело. Учебник под ред. Г.Г. Коробовой. М.: Юристъ, 2002 г.
18. Банковское дело. Учебник. Под ред. А.М. Тавасиева. М.: ЮНИТИ, 2001 г.
19. Банковское дело: современная система кредитования. Под ред. О.И. Лаврушина. М.: КНОРУС, 2005 г.
20. Банковское дело. Учебник. Под ред. О. И. Лаврушина. Издание четвёртое. М. «КНОРУСс», 2006 г. 765 стр.
21. Банковское дело: стратегическое руководство. Под ред. В. Платонова, М. Хигинса. М.: Косалтбанкир, 1998 г.
22. Березина М. П. Безналичные расчёты в экономики России. М.: Консалтбанкир, 1997 г.
23. Деньги, кредит, банки. Уч. 3-е изд. Под ред. О.И. Лаврушина. М.:КНОРУС. 2005 г.
24. Ларионова И.В. Реорганизация коммерческих банков. М.:Финансы и статистика 2000 г.
25. Масленченков Ю.С. Технология и организация работы банка. М.: ДЕКА, 1998 г.
26. Масленченков Ю.С. Финансовый менеджмент в коммерческом банке. Кн. 1-3. М.: Перспектива,1996 г.
27. Основы банковской деятельности (Банковское дело): Учебник. Под ред. К.Р. Тагирбекова. М.: ИНФРА-М, 2001 г.
28. Оймамадов М., Рахимов Ш., Рахматова Г. «Современные международные банковские термины». Тегеран, 1997 г.
29. Панова Г.С. Кредитная политика коммерческого банка. М.: ДиС, 1997 г.
30. Пещанская И. В. Организация деятельности коммерческого банка. М.: ИНФРА-М, 2001 г.
31. Рахимов З. Развитие банковской системы Республики Таджикистан, Душанбе, с. 2003, 310 саҳ.
32. Роуз П. Банковский менеджмент. Предоставление банковских услуг. Пер. с англ. М.: Дело, 1997 г.
33. Синки Дж.мл.Управление финансами в коммерческом банке. М.:Каталакси, 1994 г.

34. Соколинская Н. Э. Учёт и анализ краткосрочных и долгосрочных кредитов. М.: Консолтбанкир, 1997 г.
35. Управление деятельностью коммерческого банка (Банковский менеджмент).Учебник. Под ред. Проф.О.И. Лаврушина. М.:Юристъ, 2002 г.
36. Финансово-кренditный энциклопедический словарь. М.: Финансы и статистика, 2002 г.
37. Тагирбекова М. Организация деятельности коммерческого банка, М.: Весь мир, 2004,411 с.
38. Хончопов А. Краткий справочник банкира, Душанбе, с. 2006- 62 саҳ.
39. Хончонов А. Луғати муосири истилоҳоти иқтисодӣ, Душанбе, с. 2008- 221 саҳ.
40. Хончонов А. Бонкдорӣ: саволу посухҳо, Душанбе, с. 2009- 172 саҳ.
41. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз, Душанбе, «Эр-граф», 2008 - 444 саҳ.

## 2. Низомномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон.

2.1. Низомномаи 79 «Оиди ба танзим даровардани фаъолияти муасиссаҳои қарзӣ»
2.2. Низомномаи 88 «Дар бораи нуқтаҳои намояндагии бонкҳо»
2.3. Низомномаи 95 «Оиди тартиби гузаронидани амалиётҳои асъорис, ки ба гардиши сармоя алоқамандаид»
2.4. Низомномаи 116 «Оиди кор бо қарзҳо»
2.5. Низомномаи 139 «Оиди тартиби татбиқи назорати асъорӣ аз болои ба ҶТ ворид шудани даромади асъорӣ аз содироти мол»
2.6.

## 3. Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон.

1.1. Дастурамали 19 «Оиди тартиби интиқоли асъори хориҷӣ аз ҶТ ва ба ҶТ бе кушодани суратҳисобҳои ҷорӣ».
1.2. Дастурамали 75 «Оиди пардохти хароҷотҳои сафари хизматӣ»

1.3. Дастурамали 90 «Оиди суратҳисобҳои бонкии амонатис, ки дар бонкҳои ҶТ кушода мешаванд»
1.4. Дастурамали 96 «Оиди ташкили назорати дохилӣ дар бонкҳо»
1.5. Дастурамали 98 «Оиди ташкили ҳисобҳои байнибонкӣ дар қаламрави ҶТ»
1.6. Дастурамали 112 «Оиди пардохтҳои ғайринақди дар ҶТ»
1.7. Дастурамали 116 «Оиди кор бо қарзҳо»
1.8. Дастурамали 138 «Оиди тартиби кушодан, бақайдгирӣ ва амал кардани нуктаҳои мубодилаи асъор ва бурдани амалиётҳои асъорӣ-мубодилавӣ бо асъори нақдии хориҷӣ»
1.9. Дастурамали 142 «Дар бораи тартиби ба ҶТ содир намудани асъори нақди хориҷӣ ва қоғазҳои қиматноки бо асъори хориҷӣ ифода ёфта»
1.10. Дастурамали 143 «Дар бораи муқаррар кардани ҳудудҳои мавқеъи кушодаи асъор ва назорат аз болои риояи онҳо аз ҷониби бонкҳои ваколатдори ҶТ»
1.11. Дастурамали 146 «Дар бораи тартиби аз ҷониби намояндагии бонкҳо кушодан ва пешбурдани ҳисобҳои асъории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ»
1.12. Дастурамали 147 «Оиди тартиби аз ҷониби шахсони воқеъӣ бе кушодани ҳисобҳои асъорӣ дар бонкҳо анҷом додани амалиёти интиқоли маблағҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ аз ҶТ ва гирифтани маблағҳои асъори хориҷӣ аз ҶТ»
1.13. Дастурамали 153 «Дар бораи захираҳои ҳатмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкис, ки дар БМТ ба амонат гузошта шудаанд»
1.14. Дастурамал «Оиди гузарондани тафтишоти бонкҳо ва дигар муассисаҳои ғайрибонкӣ (филиалҳои онҳо) аз тарафи намояндагии ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон»
1.15. Дастурамал «Оиди тартиби ба танзим даровардани фаъолияти бонкҳо»
1.16. Дастурамал «Оиди қарзҳои ломбардӣ»
1.17. Дастурамал «Оиди тартиби аз тарафи БМ ва ташкилотҳои он дар маҳалҳо муайян кардан ва татбиқ кардани равоҷиди ҷаримаҳо нисбати бонкҳо»

1.18. Дастурамали «Оиди тартиби бурдани амалиётҳои асъорис, ки ба гардиши сармоя алоқаманд аст»
1.19. Дастурамал «Оиди принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои молиқарзис, ки иҷозатномаи БМТ-ро доранд.
1.20. Дастурамал «Оиди қоидаҳои гузарондани аттестасияи кормандони роҳбарикунандаи муассисаҳои қарздиҳанда ва аудиторҳои бонкӣ»
1.21. Дастурамал «Оиди тартиби фароҳамоварӣ ва истифодабарии захира барои талафоти потенсиалӣ ва фонди пўшидани талафоти имконпазир аз рўи қарзҳо»
1.22. Дастурамал «Оиди тартиби гузаронидани амалиётҳои интиқолӣ аз ҶТ ва гирифтани воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷис, ки ба ҶТ интиқол шудаанд»
1.23. Дастурамали 173 «Оид ба корҳои кассавӣ дар муассисаҳои низоми бонкӣ», 11 июни соли 2009.

## 4. Рўйхати газетаю журналҳо

1. Ахбори Бонки Миллии Тоҷикистон дар 5 соли охир.
2. Бюллетени омори бонкӣ. Душанбе 2009 сол.
3. Деньги и кредит. Душанбе, 2009 г.
4. Финансовая газета. Душанбе, 2009 г.
5. «Экономика и жизнь». Душанбе, 2009 г.
6. Бонкдорӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2009 сол

## МАТНИ МУХТАСАРИ ЛЕКСИЯҲО

### Мавзӯи 1. МОҲИЯТ ВА АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

***Нақша:***

*1.1. Тавсифи бонк чун ҷузъи низоми бонкӣ*
*1.2. Фаҳмиши ҳозираи мафҳуми бонк*
*1.3. Мазмуни фаъолияти бонкӣ*

#### 1.1. Тавсифи бонк чун ҷузъи низоми бонкӣ

Таърихи асри қадима дар бораи он, ки бонкҳо кай пайдо шудаанд ва кадом амалиётҳоро иҷро мекарданд, мутаасифона барои мо ягон маълумотҳои дақиқро намондаанд. То даврони мо ба мо танҳо баъзе маълумотҳо оиди пулҳои аввалаи халқҳои қадим (тилло, нуқра, тангаҳои қадима) расидаанду, халос. Хулласе гарчанде, ки таърихи муосир оиди пул, пайдоиш ва гардиши он материалҳои бешумор ҷамъ оварда бошад ҳам, ба саволҳои он, ки муассисаҳои қарзии ҳатто одитарин чӣ гуна буданд, ҷавобе надода буд.[1]

Аввалин бонкҳо, мувофиқи ақидаи як қатор олимон дар шароити капитализм дар асрҳои XIV – XV дар шаҳрҳои Италио (Венессия, Генуя) пайдо шудаанд. Дар ин лаҳза бе ёрии қарз фаъолият кардани корхонаҳои капиталистӣ номумкин буд. Аз инҷост, ки асоси пайдоиши бонкро хоҷагии капиталистӣ ташкил мекард.

Бисёри олимон чунин мешуморидаанд, ки бонкҳо пештар, дар давраи феодализм пайдо шудаанд. Онҳо изҳор мекарданд, ки ҳанӯз дар давраи хоҷагии феодалӣ талабот ба бонкҳо чун даллол барои пардохт пайдо шуда буд. Аз ин ҷо бармояд, фарқият байни давраи пайдоиши бонкҳо на яку ду даҳсолаҳо, балки сад солаҳо фарқ мекунад. Яъне асоси масъала на дар муайян кардани давраи таърихии пайдоиши

[1] Банковкое дело. Под ред. О. О. Лаврушино. М.: «Кнорус», 2006, с. 14 - 19

бонкҳо, гарчанде ки ин масъала барои илми иқтисод зарур аст, балки дар масъалаи тавсиф ва моҳияти бонк меравад.

Калимаи «бонк» аз забони итолёӣ – «banco» гирифта шудааст. Ҳануз дар асри X дар Италиё дар майдонҳое, ки савдои калони молҳо мегузашт, «Мизи бонкӣ» мегузоштанд. Дар ин ҷо хариди мол ба воситаи тангаҳои ҳархелае, ки шаҳрҳою мамлакатҳо ва ҳатто одамони алоҳида мебаровардаид, сурат мегирифт.

Дар асри X Италиё – маркази ҷаҳонии савдо ба ҳисоб мерафт, дар ин ҷо аз бисёри мамлакатҳо пулу мол дохил мешуданд, аз ин ҷост, ки дар ин ҷо бонкдорон яке аз иштирокчиёни фаъол дар амалиётҳои савдо ба шумор рафта, миқдори «мизҳои бонкӣ» торафт зиёд мешуд.

Мувофиқи шаҳодати таърихомӯзон, аввалин бор амалиётҳои бонкӣ аз тарафи шахсони алоҳида ва муассисаҳои динӣе, ки дар онҳо миқдори зиёди маблағҳои пулӣ ҷамъ оварда шуда буданд, гузаронда шудааст.

Оҳиста, оҳиста бонкдорони аввалин фаҳмиданд, ки бойгарии беҳади пулии бе ҳаракат хобидаи онҳо ягон фоидае намебахшад, онҳоро бояд тавре истифода бурд, ки фоида оваранд, яъне ё онҳоро барои истифодаи вақтина ба касе додан лозим меояд, ё муассисаҳои савдоӣ ва косибии мустақил ташкил кардан даркор аст. Барои ин ба ҳисси гарав киштиҳо ва молҳои ҳархела, дар баъзе ҳолатҳо хонаҳои истиқоматӣ, молҳои қиматбаҳо ва ҳатто одамон (ғуломон) ба замонат мононда мешуданд.

Дар Руссия фоизи қарзҳои бонкӣ дар он давраҳо хеле баланд буданд ва қариб 36%-и солонаро ташкил медоданд. Дар ин ҷо дар баробари амалиётҳои бонкӣ оҳиста оҳиста ҳисобҳои амонатӣ ба воситаи *трансферита* (аз як ҳисоб ба ҳисоби дигар гузаронидани маблағҳои пулӣ) ташкил карда шуданд. Дар оянда дар баробари зиёд шудани талабот ба бонкҳо, мизоҷони онҳо низ зиёд шуданд. Дар ин ҳолат бонкҳо хизматҳои нав ба навро ба роҳ монданд, аз ҷумлаи хизматҳои боварнок оиди тартиб додани шартномаҳо байни мизоҷон, иҷро кардани вазифаи даллолӣ дар рафти амалиётҳои савдо ва ғайраҳо.Барои

сода кардани ҳисобҳо бонкҳои онвақта чинтаҳои бонкӣ бароварда буданд, ки ба ҳайси пул амал мекарданд

## 1.2. Фаҳмиши ҳозираи мафҳуми бонк

Дар замони ҳозира бонкҳо амалиётҳои гуногуни бонкиро мегузаронанд. Онҳо на танҳо амалиётҳои пулӣ ва қарзӣ, балки корҳои маблағгузориҳоро дар хоҷагии халқ, амалиётҳои хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок, вазифаи даллолиро дар идоракунии маблағҳо ичро мекунанд. Муассисаҳои қарзӣ ҳоло дар масъалаҳои баҳси нақшаю программаҳои хоҷагии халқ иштирок меварзанд, ҳисобҳои оморӣ мебаранд, хоҷагиҳои ёрирасони шахсро доранд, ва ғайраҳо.

Барои кушода додани мафҳуми бонк бояд ду тарафи масъала; ҳуқуқӣ ва иқтисодиро дар назар дошт. Дар ҳолати ҳуқуқӣ асоси масъала ба фаҳмиши «вазифа» ва «амлиётҳои бонкӣ» дахл доранд, яъне дар ин чо сухан дар бораи вазифа ва амалиётҳои бонкӣ ки мувофиқи қонун зимнан ба фаъолияти бонкӣ далх доранд меравад.

Бонк чун муассисаи махсус маҳсулоте мебарорад, ки бо куллӣ аз дигар махсулотҳои соҳаи истеҳсоли моддӣ фарқ мекунад, вай на танҳо мол мебарорад, балки моли махсусро дар шакли пул ва пардохти пулӣ мебарорад. Ғайр аз инҳо бонкҳо ба мизочонашон хизматҳои ҳархелаи вобаст ба пулро мерасонанд.[2]

Моҳияти бонк талаб мекунад, ки сохтори он муайян карда шавад. Сохтори бонк ин яъне сохторест, ки ба бонк шароити ҳамчун муассисаи махсусгардондашуда амал карданро медиҳад.

Ба ин мақсад чор чиз лозим аст:

1. Сармояи бонкӣ
2. Фаъолияти бонкӣ

---

[2] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 130 - 132

3. Мутахассисони маълумоти махсус дошта

4. Таъминоти техникӣ (бино, иморат, воситаҳои алоқа, техникаи электронӣ ва ғайраҳо)

## 1.3. Мазмуни фаъолияти бонкӣ

**Фаъолияти бонкӣ** - ин фаъолияти муассисаҳои пулӣ - қарзист дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ. Аз натичаи фаъолияти бонкҳо на танҳо тараққиёти иқтисодиёти мамлакат, балки шароити ичтимоии чамъият вобастагӣ дорад.

**Фаъолияти бонкӣ** чиҳатҳои зеринро дарбар мегирад:

1. Бонк асосан на дар соҳаи истеҳсолот, балки дар соҳаи мубодила кор мекунад.

2. Бонк – ин бо фаҳмиши пуррааш дониишкадаи молӣ мебошад. Ин чиҳат дар фаъолияти бонк чой дорад;

3. Бонк – ин ташкилоти тичоратист. Дар ин чо амалиётҳои эмиссионӣ ва тичоратӣ дар асоси пардохтпазирӣ гузаронида мешаванд. Барои додани қарзҳо бонк фоизи қарз, барои хизматҳо - хаққи хизмат (комиссия) мегирад.

4. Фаъолияти бонк ин характери соҳибкорӣ дорад. Бонк маблағҳои беҳаракати корхонаҳои алоҳидаро гардиш дода, онҳоро ба кор медароянд

5. Бонк – ин натанҳо муассисаи тичоратист, балки он институти чамъиятист, бонк на характери сиёсӣ, балки характери иқтисодӣ дорад.

**Вазифаҳои бонк** аз инҳо иборат аст:

1. Вазифаи захиранамоии воситаҳои пулӣ;
2. Вазифаи таҳаввули захираҳои пулӣ;
3. Вазифаи танзими муомилоти пул.

# Мавзӯи 2. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

*Нақша:*

2.1. *Низоми ҳозираи қонуниятҳои пайдоиш ва зарурияти бонк*
2.2. *Фаҳмиши умумии қонуниятҳои бонкӣ*
2.3. *Асосҳои қонунии фаъолияти бонкҳои ҳозиразамон*

## 2.1. Низоми ҳозираи қонуниятҳои пайдоиш ва зарурияти бонк

Фаҳмиши ҳозираи моҳияти бонк, тарзи фаъолияти он ва мақоми бонкҳоро дар иқтисодиёт сохтор ва мазмуни асосии қонуниятҳои бонкӣ муайян месозад. Ин равандҳо худ аз худ пайдо намешаванд. Баръакс, онҳо акси раванди таърихиро инъикос намуда, ҳолатҳои тараққиёти хоҷагии халқро инъикос менамоянд.

Қонуниятҳои бонкӣ дар чорчубаи сохти ҷамъиятии мавҷуда ташаккул меёбад. Дар ин марҳила талаботҳои хоҷагидорӣ таъсири махсус мерасонанд.

Фаъолияти бонкҳои марказӣ талаб ба миён меоваранд, ки давлат бояд чунин қонунҳои алоҳидаи бонкиро тартиб диҳад, ки он вазифа ва ҳуқуқҳои бонкҳоро муайян намояд. Муомилоти пулӣ талаб ба миён овард, ки ба воситаи қонун мавқеи бонки марказиро чун муассисаи интишории ягонае, ки бояд таъмини доимии пулро ба зима гирад, муайян созад.[3]

---

[3] Банковкое дело. Под ред. О. О. Лаврушино. М.: «Кнорус», 2006, с. 66

Дар натичаи тараққиёти бозори амволи ғайриманқул талабот ба миён омад, ки бонкҳои гаравӣ (ипотекӣ) ташкил карда шаванд.

Қонунҳои бонкӣ асосан дар се марҳила ташкил карда шудаанд.

Марҳилаи якум ду қонунро дар мегирад:

1) Қонун дар бораи бонки миллӣ;

2) Қонун дар бораи фаъолияти бонкӣ.

Дар марҳилаи дуюм дар низоми қонунбарории бонки бояд қонунҳое интишор шаванд, ки дар якҷоягӣ ҳам танзим ва ҳам фаъолияти бонкиро дар бар гиранд. Ба ин қабил қонунҳо қонун дар бораи коғазҳои қиматнок ва бозори коғазҳои қиматнок, гарав (ипотека), амалиётҳои боваринок (траст) ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Дар марҳилаи сеюм қонунҳои таъсироти умумӣ дошта нашр карда мешаванд. Ба онҳо инҳо дохил мешаванд: Кодекси шаҳрвандӣ, Конститутсия ва ғайраҳо

## 2.2. Фаҳмиши умумии қонуниятҳои бонкӣ

Қонунҳои танзими фаъолияти бонкӣ асосан барои бонкҳо зарур аст, дар онҳо меъёрҳои қонунӣ, амаликунони онҳо, доираи гузарондан ва нагузаронидани амалиётҳои бонкӣ, қоидаҳои додани иҷозатномаҳо, ҷавобгариҳо ва уҳдадориҳо, назорат ва ғайраҳо дарҷ мегарданд. Маълум аст, ки қонунҳои бонкӣ худ аз худ амал намекунанд, онҳо ба воқеъаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсир мерасонанд, ба қонунҳои умумӣ такя мекунанд. Бинобарин муҳим аст, ки қонунҳои бонкӣ ба қонунҳои умумӣ такя намоянд. Бонкҳои тиҷоратӣ тарафдори онанд, ки ҳамаи масъалаҳои зарурие, ки дар Бонки

миллӣ баррасӣ мешаванд, бояд дар қонун дар бораи Бонки миллӣ таҷассум ёбад.[4]

Қонунҳои бонкӣ барои мизоҷони бонк низ хело ҳам заруранд, зеро, ки тамоми муносибатҳои бонк бо мизоҷон дар асоси шартнома мувофиқи қонун бе ягон шахси сеюм амалӣ мегардад.

Ғайр аз қонунҳои бонкӣ барои танзими фаъолияти бонкӣ Дастурамалу Низомномаҳои Бонки миллӣ нашр карда мешаванд, ки мизоҷон бояд бо онҳо шинос шавад, зеро онҳо хуб медонад, ки ҳар як талаботҳои бонкӣ асосҳои ҳуқуқиро доранд.

Қонуниятҳои бонкӣ барои тараққиёти хоҷагии халқ низ аҳамияти калон дорад. Бонкҳо дар масъалаи тақсимоти захираҳои пулӣ, ҷалби онҳо, маблағгузориҳо ва додани қарзҳо роли калонро мебозанд. Онҳо қодиранд суръати тараққиёти иқтисодиро боз доранд ё тезонанд.

Давлат муфлисшавии бонкҳоро намехоҳад, зеро ин муфлисшавӣ ба кам шудани миқдори ёрии молӣ, сустшавии муомилоти иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

## 2.3. Асосҳои қонунии фаъолияти бонкҳои ҳозиразамон

Фаъолияти бонкӣ аз иҷрои амалиётҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ сар мешавад, ки онҳо дорои хусусиятҳои хосанд.

1. Ҳамчун муассисаи пулӣ-қарзӣ бонкҳо ба воситаи пул амалиёту хизматрасониҳои бонкиро иҷро мекунанд.
2. Ин амалиёту хизматрасониҳо характери тиҷратӣ доранд, ин аст ки барои иҷрои кор бонкҳо подош мегиранд

---

[4] Дар ҳамин ҷо, с. 67

3. Амалиёту хизматрасониҳои бонк дар шакли худихтиёри амалӣ мегарданд. Бонк ва мизоҷон мувофиҳи хоҳишашон худашон якдигарро интихоб мекунанд. Мизоҷон ҳақ дорад дар бонкҳои гуногун суратҳисоб кушояд
4. Амалиётҳо ва хизматрасониҳоро мумкин аст ба бонкӣ, иловагӣ ва ғайрибонкӣ тақсим шаванд.
5. Иҷрои амалиётҳо ва хизматрасониҳо аз тарафи бонкҳо маҳсулоти бонкӣ номида мешавад

Ҳар як бонк мувофиқи қонун дар он сурат метавонад бонк бошад, ки се амалиётҳои асосиро аз қабили амалиётҳои амонатӣ, қарзӣ ва ҳисоботӣ иҷро намояд ва ҳуқуқи гузаронидани ин амалиётҳоро дошта бошад, яъне иҷозатномаи Бонки миллиро дошта бошад.

Фаъолияти бонкҳои ҳозиразамон маҳдуд набуда, онҳо метавонанд ғайр аз амалиётҳои анъанавӣ дигар амалиётҳоро низ гузаронанд. Ба ин амалиётҳо дохил мешаванд:

- амалиётҳос, ки ҳисобҳои клирингиро ҷорӣ менамоянд;
- амалиётҳос, ки вазифаи пулрасонӣ, васиқарасонӣ, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ва ҳисобиро иҷро мекунанд;
- амалиётҳо нисбати ҷалби металлҳои қиматбаҳо дар пасандозҳо;
- амалиётҳои хариду фурӯши асъори хориҷӣ ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ;
- амалиётҳо оиди додани кафолатҳои бонкӣ.

Дар қатори амалиётҳои анъанавии амонатӣ, ҳисобӣ ва қарзӣ ин панҷ амалиётҳо ба худ мақоми амалиётҳои бонкиро гирифта ва ин амалиётҳоро мувофиқи қонун метавонанд танҳо бонкҳо иҷро намоянд.

## Мавзӯи 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ МУАССИСАҲОИ ҚАРЗӢ

*Нақша:*

*3.3. Таъмини бехатарии бонк*
*3.4. Таҷдид ва бархамдиҳии бонкҳо*
*3.3. Сохтори идоракунии бонкҳо*
*3.4. Усулҳои асосии ташкили идоракунии бонкҳо*

### 3.1 Таъмини бехатарии бонк

Сифати хуби қонунҳои бонкиро чигунагии таъминоти бехатарии бонк муайян мекунад. Ба ҳар як бонк бехатарии меъёрҳои иқтисодӣ - молӣ зарур аст.Ҳар як бонк бояд дар вақти фаъолияташ қоидаҳои чойдоштаро риоя намояд ва аз болои кафолатҳои бонкӣ назорат барад

Низоми бехатарии бонкӣ инҳоро дарбар мегирад:

- қоидаи корхона ва пӯшидани бонк – саршавӣ ва ба охиррасии фаъолияти бонкӣ;
- дар асоси тартиб додани меъёрҳои иқтисодӣ бурдани фаъолияти бонкӣ;
- риоя кардани тартиботи ҳисобу китоб ва нашри он;
- тарзи бурдани назорат аз болои фаъолияти бонкӣ;
- низоми огоҳӣ кардани бӯҳрони бонкӣ ва пешгирии он;
- дида баромадани чораҳои муҳофизати пасандозҳо

Асоси саршавӣ ва қатъ кардани фаъолияти бонкро Иҷозатнома оиди бурдани амалиётҳои бонкӣ ташкил мекунад. Ҳуқуқи додан ва бозхондани онро танҳо Бонки миллӣ дорад. Ҳар як бонки навтаъсис бояд пеш аз ҳама дар Китоби бақайдгирии давлатии муассисаҳои қарзӣ ба қайд гирифта шавад ва дар Рӯйхати махсус дар «Ахбори Бонки миллӣ» чоп карда шавад.

Дар қонун омадааст, ки мақсади асосии танзими ва назорати бонк аз таъмини низоми бехтарии он, муҳофизати манфиатҳои қарзгирандагон ва амонатгузорон иборат аст.

## 3.2. Таҷдид ва барҳамдиҳии бонкҳо

Дар шароити бозоргонии фаъолияти бонкҳо ба хавфҳои ҳархела дучор мешавад. Ин аз кормандони бонк маҳорати кории баландро талаб мекунад. Онҳо бояд ҳамарӯза тактика ва стратегияи бонкиро омӯзанд ва нисбати беҳтар шудани вазъи молии бонк чорабиниҳо тартиб диҳанд. Дар ҳоли иҷро накардани ин талаботҳо бонк метавонад муфлис эълон карда шавад ё таҳдид гардад.[5]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди муассисаҳои қарзӣ мувофиқи Кодекси шаҳрвандӣ, қонунҳо «Дар бораи ҷамъият-ҳои саҳомӣ», «Оид ба бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ», «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва Низомномаю Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Дар низоми бонкӣ таҷдид - ин дигар сохтани сохтори ташкилӣ ва мақоми бонки тиҷоратӣ дар сурати нигоҳ доштани вазифаю амалиётҳои пештара ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи қонунгузорӣ бонк дар ҳолатҳои иҷро накардани ӯҳдадориҳояш дар назди қарзгирандагон ва амонат-гузорон чун қоида метавонанд барҳам дода шавад.

**Барҳамдиҳӣ** - ин янъе боз доштани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ бе гузаштани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо ба шахси ҳуқуқи ё воқеии дигар мебошад.

Мувофиқи қонунгузориҳои бонкӣ бонк метавонад дар асоси қарори муассисони он ё мувофиқи қарори додгоҳ барҳам дода шавад.

Муфлисшавии бонк — ин янъе аз тарафи додгоҳи ҳакамият эълон кардани ҳолати қобилияти қонеъ кардани талаботи кредиторҳоро нисбати ӯҳдадориҳои пулӣ ва пар-дохтҳои ҳатмӣ надоштани бонк ба ҳисоб меравад.

---

[5] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 132 - 135

## 3.3. Сохтори идоракунии бонкҳо

Дар низоми бонкӣ хелҳои гуногуни бонкҳо вуҷуд доранд. Ҳамаи онҳо новобаста ба фаъолияташон блоки ягонаи идоракуниро доранд, ки аз инҳо иборат аст:

1) шӯрои бонк (шӯрои директорон);
2) раёсати бонк;
3) масъалаҳои умумии идоракунӣ;
4) фаъолияти тиҷоратӣ;
5) молия;
6) худкорсозӣ (автоматизассия);
7) маъмурият;
8) ҳайати тафтишотӣ;
9) кумитаи қарздиҳӣ

Ба **Шӯрои бонк** саҳмдорони бонк дохил мешаванд. Шӯро ҳисоботи солонаи бонкро тасдиқ мекунад, маҷлисҳои солонаи саҳомонро ташкил мекунад, дар иҷрои қарорҳои стратегии фаъолияти бонкӣ иштирок меварзад

**Раёсати бонк** масъалаҳои роҳбарии умумии бонкро ба ӯҳда дошта, равандҳи фаъолияти стратегии бонкро тасдиқ мекунад. Ба аъзогии раёсат роҳбарони сохторҳои болоии бонк, раиси раёсат, муовинони раиси раёсат дохил мешаванд.

Ба **масъалаҳои умумии идоракунӣ** дохил мешаванд: ташкили банақшагирии фаъолияти бонкӣ, тайёр кардани методология, хизматҳои ҳуқуқӣ ва бехатарӣ

**Фаъолияти тиҷоратӣ** - ин ташкили хизматҳои бонкӣ аз қабили қарздиҳӣ, маблағгузорӣ, амалиётҳои асъорӣ, ва дигар амалиётҳои активиро дарбар мегирад

**Молия** - харочотҳои дохилибонкиро таъмин мекунад.

**Худкорсозӣ** – элементи ҳатмии сохтори бонк буда, тамоми амалиётҳои бонкиро дар мӯҳлатҳо кӯҳтотарин иҷро мекунад

**Маъмурият** ба ҳайяти он шӯъбаи кадрҳо, котибот, дафтардор ва шӯъбаи хоҷагидорӣ дохил мешавад.

**Ҳайати тафтишотӣ** - аз болои кори бонк (риояи харҷномаи бонкӣ) назорат мебарад.

**Кумитаи қарздиҳӣ** - сиёсати қарзиро мебарад

## 3.4. Усулҳои асосии ташкили идоракунии бонкҳо

Бонк, чун дигар корхонаҳо дастгоҳи идоракунии худро дорад. Ба сохтори дастгоҳи идоракунӣ характери фаъолияти бонкӣ таъсир мерасонад. Ғайр аз он, ки бонк чун дигар муассисаҳо дастгоҳи идоракуниро дорад, вай ҳамчун муассисаи махсуси қарзӣ бояд мувофиқи фаъолияташ сохтори идоракуниро дошта бошад.

Ба сабабе, ки бонк ҳамчун муассисаи калони қарзӣ фаъолият мекунад, дар дастгоҳи идоракунии он бояд кадрҳои махсуси соҳаи қарз дохил шаванд ва ба сабабе, ки бонк ба ҳисобу китоб машғул аст, дар дастгоҳи идоракуниаш бояд сохторҳои ҳисобу китобӣ вуҷуд дошта бошад.

Мақсади асосии бонк аз таъмини бевоситаи тараққиёти он, бозоргирӣ ва даромаднокии он иборат аст. Аз ин чост, ки дар бонк бояд сохторҳое вуҷуд дошта бошанд, ки бевосита талаботи бозорро омӯзанд.

Асосҳои зерини ташкили идоракунӣ дар бонкҳо вуҷуд доранд:

- ташкили кори бонк;
- амалисозии мақсадҳои дар пеш истода;
- зинаи болоӣ ва поёнии идоракунӣ;
- таъмини корҳои муштарак;
- навовариҳо дар идоракунӣ;
- таъмин кардани назорат;
- таъмини иттилоотҳои пурра ва аниқ;

Ба омилҳои асосие, ки ба сохтори идоркунии бонкҳо таъсир мерасонанд инҳо дохил мешаванд:

- андозаи бонк ва шумораи кормандони бонк;
- ихтисоси кормандон;
- меъёри умумӣ ва махсусгардонии бонк;
- сарфаи хароҷотҳо ва самаранок истифодабарии кори кормандони бонк

## Мавзӯи 4. НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Нақша:*

*4.1. Таъсиси бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*4.2. Низоми бонкии ҳозиразамони Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*4.3. Марҳилаҳои ислоҳоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

### 4.1. Таъсиси бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[6]

Низоми бонкӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон оғоз ёфт. Нахустин муассисаи бонкии Тоҷикистон - Намояндагии Бонки давлатии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравиии Сотсиалистӣ (ИҶШС) дар шаҳри Душанбе моҳи июни соли 1925 ташкил гардид, ки ба доираи дар Осиёи Миёна будаи Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Тошканд тобеъ буд. Моҳи декабрӣ ҳамон сол намояндагии Бонки давлатии ИҶШС дар шаҳри Душанбе ба Идораи Бонки давлатии ИҶШС дар ш. Душанбе табдил дода шуд. Моҳи октябри соли 1934 Идораи Бонки давлатии ИҶШС дар ш. Душанбе ба тобеъияти бевоситаи Бонки давлатии ИҶШС гузашт ва ба худ номи Идораи Тоҷикистонии Бонки давлатии ИҶШС-ро гирифт. Соли 1935 бо 24 бахш (филиал) ба корхонаю шахсони ҷудогона хизмати бонкӣ мерасонд. Бахшҳои Бонки давлатӣ дар ноҳияҳои зерин фаъолият менамуданд: Қурғонтеппа, Кӯлоб, Гарм, Панҷакент, Хуҷанд, Уротеппа, Конибодом, Хоруғ, Исфара, Обигарм, Бауманобод, Шаҳринав, Янгибозор (ҳозира Кофарниҳон), Ҷиликӯл, Куйбишев (ҳозира Хоҷамастон), Шаҳритус, Мӯъминобод, Кангурт, Фархор, Пов, Ашт, Кагановичобод (Колхозобод), Кӯктош, Ҳисор. Дар соли 1942 филиалҳои Бонки давлатӣ то ба 42 ва дар соли 1987 бошад то ба 59 адад расид.

---

[6] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 150

Аз соли 1959 то соли 1987 дар Ҷумҳурӣ асосан се бонк, яъне Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС, Идораи Ҷумҳуриявии Бонки сохтмони ИҶШС ва Бонки амонатгузорӣ фаъолият мекарданд.

Соли 1987 дар асоси Қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ ва Шурои Вазирони ИҶШС таҳти № 821 аз 17 июли соли 1987 дар Иттиҳоди Шуравӣ ислохоти бонкӣ гузаронида шуд ва дар асоси ин карор низоми бонкии зерин ташкил карда шуд:

- Бонки давлатии ИҶШС;
- Бонки фаъолияти иктисодии хориҷии ИҶШС;
- Бонки саноату сохтмони ИҶШС;
- Бонки агросаноатии ИҶШС;
- Бонки хоҷагии манзилу коммуналӣ ва рушди иҷтимоии ИҶШС;
- Бонки амонатгузорӣ ва карздиҳӣ ба аҳолии ИҶШС.

Баъдан бо Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС таҳти № 1118 аз 6 октябри соли 1987 муайян карда шуд, ки дар ҷумҳуриҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон бонкҳои ҷумҳуриявии зерин ташкил карда шаванд:

- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки давлатии ИҶШС;
- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки саноату сохтмони ИҶШС;
- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки рушди манзилию иҷтимоии ИҶШС;
- Идораи Ҷумҳуриявии Бонки амонатгузории ИҶШС.

Аз сабаби он ки ба тамоми аҳолию субъектҳои хоҷагидорӣ Бонки давлатӣ, Бонки сохтмон ва Бонки амонатгузорӣ хизмат мерасониданд, баъд аз ташкил шудани бонкҳои дар боло номбурда, вазифаи бонкҳои амалкунанда, байни ҳамаи бонкхо тақсим карда шуданд.

Дар ин давра Бонки давлатии ИҶШС системаи пулию қарзиро тавассути идораҳои дар ҷумҳуриҳо мавҷуд буда, идора намуда сиёсати ягонаи пулию карзии мамлакатро тартиб медод, фаъолияти бонкҳои дигарро танзим ва назорат мекард. Баъдтар, яъне соли 1991, Шӯрои Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба Қарори худ аз 28 июни соли 1991 раками 332 Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Соли 1996 мувофиқи Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номи Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Бонки миллии Тоҷикистон табдил дода шуд. Ҳоло Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати бонки марказӣ фаъолият намуда, сиёсати пулию карзии мамлакатро тартиб медиҳад, талаботҳои онро амалӣ мегардонад ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро танзим менамояд.

## 4.2. Низоми бонкии ҳозиразамони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳар мамлакати мустақил, ки бо усулҳои иқтисоди бозорӣ амал менамояд ё ба ин бозор дохил шуда истодааст, бояд низоми инкишофёфтаи бонкӣ дошта бошад. Зеро барои фаъолият намудан дар шароити иқтисоди бозорӣ бонкҳо нақши асосиро иҷро мекунанд. Бонкҳо на танҳо амонат ва пасандозҳоро қабул менамоянд, балки тавассути бонкҳо тамоми пардохтҳои пулӣ амалӣ мегарданд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун бонки марказӣ ва теъдоди зиёди бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ амал менамоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон, чи тавре ки дар боло зикр кардем, дар заминаи Бонки давлатии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 таъсис дода шудааст. Бонкҳои соҳавие, ки вуҷуд доштанд аз 1 январи соли 1992 ба бонкҳои саҳомию тиҷоратии зерин табдил гаштанд.[7]

- Бонки саҳомию тиҷоратии саноату сохтмони «Ориёнбонк»;
- Бонки саҳомию тиҷоратии сармоягузории зироат ва саноати «Агроинвестбонк»;
- Бонки саҳомию тичоратии тараққиёти ичтимоиёт ва соҳибкорӣ «Тоҷикбонкбизнес».

---

[7] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, карз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 151 - 152

Вазъи молиявии ин бонк дар натичаи риоя накардани қоидаҳои додu ситади қарз бисер коҳиш ёфт ва теъдоди зиёди муштариёни он ҳисобҳои худро аз ин бонк гирифта, дар бонкхои дигар ифтитох намуданд ва дар охир ин бонк имконияти фаъолият карданро аз даст дод ва аз моҳи июни соли 1999 ҷиҳати барҳам додани он Бонки миллии Тоҷикистон қарор кабул кард.

Соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯъбаи Бонки фаъолияти иктисоди хориҷии ИҶШС ташкил дода шуда буд ва моҳи марти соли 1992 ба Бонки давлатию сахомии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷиксодиротбонк» табдил дода шуд.

Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 дар асоси шӯъбаи ҷумҳуриявии Бонки амонатгузории собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил карда шуд. Баъдтар мувофиқи Фармони Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №1123 аз 26 ноябри соли 1998 « Дар бораи азнавтаъсисдиҳии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ин бонк ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумхурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Бонкҳои саҳомию тиҷоратии мустақил дар кишварамон аз соли 1992 таъсис дода шуданд, ба монанди: Бонки саҳомию тиҷоратии «Тоҷбонк», Бонки тиҷоратии «Фонон», Бонки тиҷоратии «Хуҷанд». Соли 1993 бонки тиҷоратии «Сомонбонк», Бонки саҳомию тиҷоратии «Ганҷина», Бонки саҳомию тиҷоратии «Акбарбонк», Бонки кооперативию колхозии «Деҳқонбонк».

Соли 1994 Бонки тиҷоратии «Эсхата», Бонки тиҷоратии кооперативию универсалии «Айём» ва дар соли 1995 - Бонки тиҷоратии «Текстинвестбанк», Бонки саҳомию тиҷоратии таҷдид ва инкишофи саноати Тоҷикистон «Тоҷ-промбонк» таъсис дода шуданд. Ҳамин тавр таъсис диҳии бонкхо давом ёфта, дар солҳои 1996-1997 боз бонкхои нав созмон дода шуданд ва дар ин сол ба системаи бонкии кишвар Бонки универсалии саҳомию тиҷоратии тараккиёти савдо ва хӯроки умумии «Торибонк», Бонки тиҷоратии «Душанбе», Бонки тиҷоратии «Ришта», Бонки тиҷоратии «Зироат», Бонки

муштараки Люксембургу Тоҷикистон «Исткредитбонк» ва Бонки сахомию тиҷоратии «Илҳом» ҳамроҳ гардиданд.

Қобили тазаккур аст, ки фаъолият намудан дар шароити иқтисоди бозорӣ, талаб менамояд, ки бонк бояд барои ҳаматарафа дар ин бозор фаъолият намудан тайёр бошад. Мутаассифона, баъзе аз бонкҳои навташкил аз ӯҳдаи дар иқтисоди бозорӣ амал кардан баромада натавонистанд, меъёрҳои иқтисодии аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршударо риоя накарданд ва дар натиҷа қисме аз онҳо ба бонкҳои дигар ҳамроҳ шуданд ва қисми дигарашон барҳам дода шуданд. Ҳоло низ барҳам додани теъдоди бонкҳои тиҷоратие, ки барои фаъолият намудан сармояи кофӣ надоранд давом дорад ва дар оянда ҳамон бонкҳое амал карда метавонанд, ки ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ бошанд. Фаъолияти Бонки саҳҳомию тиҷоратии тараққиёти иҷтимоиёт ва соҳибкории «Тоҷикбонкбизнес» бинобар суст шудани вазъи молиявиаш аз 15 сентябри соли 2000 катъ гардид.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2009 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 бонк, 6 ҷамъияти қарздиҳӣ, 1 ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ ва 114 ташкилоти маблағгузории хурд фаъолият мекунанд. Дар муқоиса бо 1 июли соли 2009 шумораи бонкҳо зиёд шуда, шумораи ҷамъиятҳои қарздиҳӣ аз ҳисоби ба ҶСП «Кафолатбонк» табдил додани ҶСП «ҶҚ «Кафолат» 1 адад кам шуд. Шумораи ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ бетағйир монда, шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд бошад 9 адад зиёд гардид.

Шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд аз ҳисоби афзоиш ёфтани ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 9 адад зиёд гардид ва 1 ташкилоти қарзии хурд ба ташкилоти амонатии кредитии хурд табдил дода шуд, ки дар натиҷа шумораи ташкилотҳои қарзии хурд 1 адад кам гардид. Шумораи фондҳои қарзии хурд бетағйир боқӣ монд. Ба ҳолати 1 октябри соли 2009 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 172 филиал ва 70 шӯъбаи ташкилотҳои қарзӣ амал мекунанд. Дар муқоиса бо 1 июли соли 2009 шумораи филиалҳо аз ҳисоби кушода шудани филиали ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва БСТ ТИСТ

«Тоҷиромбонк» 2 адад зиёд гардид. Панҷ бонк, чун солҳои пешин, дар марҳилаи барҳамхӯрӣ қарор доранд.

Ташкилотҳои қарзие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, аз рӯи хусусиятҳои моликияташон ба шакли зайл гурӯҳбандӣ мешаванд:[8]

**1. Бонкҳо:**

давлатӣ - 1 адад;
саҳомӣ - 9 адад;
хориҷӣ - 3 адад.

**2. Ҷамъиятҳои қарздиҳӣ:**

саҳомӣ - 5 адад;
ҶҚММ- 1 адад.

**3. ТМҒ:**

саҳомӣ – 1 адад.

**4. Ташкилотҳои амонатии кредитии хурд:**

ҶСП – 9 адад;
ҶММ – 19 адад;
аз ҷумла:
*бо иштироки сармояи хориҷӣ - 3 адад.*

**5. Ташкилотҳои қарзии хурд:**

ҶСП- 9 адад;
ҶММ -34 адад;
аз ҷумла:
*бо иштироки сармояи хориҷӣ - 3 адад*

**6. Фондҳои қарзии хурд:**

Ҷамъиятӣ - 43 адад.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2009 гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ ташкил гардид, ки сармояи оинномавии онҳо аз ҳисоби

---

[8] Сайти Бонки миллии Тоҷикистон: www.nbt.tj

фурӯши саҳмияҳояшон бо асъори хориҷӣ фароҳам омадааст ва он аз 5 бонк ва 1 ташкилоти молиявии ғайрибонкии амалкунанда иборат мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ аз 1 июли соли 2009 то 1 октябри соли 2009 шумораи ташкилотҳои қарзӣ бинобар аз ҳайати гуруҳи мазкур баромадани ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ду ҷамъияти қарздиҳӣ - ҶСП «ҶҚ «Кафолат» ва ҶСПҚ «Ренессанс - Капитал» 3 адад кам шуд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» аз 28 декабри соли 2005, № 133 андозаи (ҳиссаи) иштироки бонки хориҷӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда шуд.

Ба ҳолати 1 октябри соли 2009 гурӯҳи бонкҳое, ки бо иштироки сармояи хориҷӣ сармояи оинномавӣ доранд, аз 12 бонк иборат мебошад. Дар давраи сипаригардида аз 1 июли соли 2009 то 1 октябри соли 2009 шумораи бонкҳо 1 адад аз ҳисоби ҶСП «Кафолатбонк» зиёд шуд.

## 4.3. Марҳилаҳои ислоҳоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз давраи ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон яъне соли 1991 то ба имрӯз метавон ислоҳоти низоми бонкиро ба чанд марҳила ҷудо намуд.[9]

Барои ин бояд гуфт, ки дар давраи солҳои 1991 то 1993 дар Тоҷикистон бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ягон тағйироту ислоҳот ба чашм нарасид ва таи солҳои 1993 - 1994 Бонки миллии Тоҷикистон ягон фишанги сиёсати пулию қарзии ҷумҳуриро истифода набурд ва муомилоти пулӣ ба танзим дароварда нашуд.

То соли 1993 дар муомилот рубли Шӯравӣ истифода мешуд ва аз 1 январи 2004 пули нақдинаи Федератсияи Русия

---

[9] И. Х. Давлатов. Становление и развитие банковской системы Таджикистана. Душанбе, 2005. с. 160

гардиш мехӯрд, ҷумҳурӣ мустақилан ба воридшавии зонаи пулӣ қобилият надошт.

Таи ин солҳо имконияти ташкили низоми бонкии Тоҷикистон ба миён омад ва нишонаи аввалини он ба муомилот ворид сохтани аввалин пули миллӣ - рубли тоҷикӣ мебошад. Ин омил ба Бонки миллии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки сиёсати арзиву қарзӣ ва асъории ҷумҳуриро тартиб дода мавриди истифода қарор диҳад.

Гузариш ба арзи миллӣ барои Бонки миллӣ давраи душворро ба миён овард, зеро тамоми маблағҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ ҷамъоварӣ шуда, аз нав ҳисоб шуда, мувофиқи қурби муайян шуда, пешниҳод мегардиданд.

Натиҷаи марҳилаи якуми ислоҳоти низоми бонкӣ дар ташкили низоми ду зинагӣ ва пайдошавии аввалин бонкҳои тиҷоратӣ мушоҳида гардид.

***Марҳилаи дуюми ислоҳоти бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон таи солҳои 1997 - 1999 номид.***

Дар раванди ин солҳо чунин воқеаҳову чорабиниҳо ба вӯқӯъ пайвастанд:

- ҷалб намудани сармоягузориҳо барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ҳаҷми васеъ;
- гузаронидани якумин музояда дар моҳи декабри соли 1997 (ва аз соли 1998 сар карда музоядаҳои моҳона гузаронида мешуданд);
- якумин эмиссияи (дар охири соли 1998) векселҳои давлатӣ ба муомилот;
- қабули қонунгузориҳои бонкӣ ва ғайраҳо.

Давраи муҳимро дар ин марҳила қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» ташкил медиҳад, ки 23 майи 1998 қабул гардид ва барои ташкили бонкҳои тиҷоратӣ асоси ҳуқуқӣ ва заминаи мустаҳкам гардид.

***Марҳилаи сеюми ислоҳоти низоми бонкӣ*** *таи солҳои 1999 - 2000 қарор гирифтааст,* ки аҳамияти асосиаш ба муомилот ворид гардидани асъори миллӣ бо номи сомонӣ (октябри 2000) аст ва ин марҳила чунин хусусиятҳоро дорост:

- мукаммалгардонии базаи ҳуқуқӣ дар низоми бонкӣ;

• мустаҳкам гардонии назорати бонкӣ;
• ҷорӣ гардидани ҳисоботҳо дар асоси стандарта байналмилалӣ;
• 30-юми октябри 2000 ба муомилот ворид гардидани асъори миллӣ бо номи сомонӣ;
• Давра ба давра болоравии Маҷмӯи Маҳсулоти Миллӣ (МММ).

***Марҳилаи чорум*** *ин тайи солҳои 2000 - 2004-ро дар бар мегирад, ки чунин натиҷаҳоро ба мо фароҳам овард:*

- инкишофи баланди МММ (дар як сол 2,2 то 2,6%);
- паст гардидани сатҳи беқурбшавии пул;
- таъмини қобилияти харидории асъори миллӣ;
- ташкил ва инкишофи ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ;
- афзудани ҳаҷми хизматрасониҳои бонкӣ ва беҳтар гардонии сифати онҳо;
- инкишофи фаъолияти бонкӣ дар асоси дастгирии фаъолияти соҳибкории хурду миёна;
- ҷорӣ гардонидани технологияи пешқадам, аз ҷумла кортҳои пластикӣ;
- қабули сиёсати нави мӯътадилгардонии раванди сармоягузориҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва ғайраҳо.

***Марҳилаи панҷум*** *тайи солҳои 2005 – 2007-ро дар бар мегирад.* Ба ин давра рушди иқтисодиёт, сатҳи мӯътадили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва таҳкими низоми бонкии мамлакат таълуқ дошт.

Дар ин давра ***сатҳи таваррум*** аз 5,1 фоизи соли 2005 дар соли 2007 ба 19.7 фоиз расид, ки сабаби ин аз баланд шудани нархи маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ иборат буд.

***Қурби пули миллӣ*** дар ин давра нисбати дигар асъорҳои хориҷӣ раванди пастшавиро дошт ва беқурб шуд, ки сабаби асосии он касри манфии тавозуни савдои хориҷӣ буд.

Дар низоми бонкӣ дар ин давра шумораи бонкҳо 1 адад, ТМХ 16 адад, ТКХ 5 адад ва ФҚХ 8 адад зиёд шуданд, ҳаҷми умумии амонатҳои ҷалбшуда аз 539,1 млн. сомонии соли

2005 дар соли 2007 ба 2397,6 млн. сомонӣ, маблағгузориҳои қарзӣ мутаносубан 1286,3 млн сомонӣ ва 3977,2 млн. сомониро ташкил доданд. Танҳо дар соли 2005 аз ҷониби бонкҳо 4798 адад кортҳои пластики бароварда шуда, 27 адад банкоматҳо васл карда шуданд. Дар солҳои 2006 ва 2007 ин намудҳои хизматрасониҳо мутаносубан ба 13675 ва 36872 адад расиданд.

Дар соли 2005 ва солҳои минбаъда корҳои ташкилӣ ва ҷорикунонии низоми пардохти миллӣ бо истифодаи технологияи пешқадам идома меёбад.

Ба мақсади иҷроиши ин ва амсоли ин гуна масъалаҳо дар инкишофи низоми молиявӣ базаи ҳуқуқӣ мустаҳкам гардид, яъне қонуну санадҳои нави ҳуқуқӣ таҳия гардиданд.

Аз он ҷумла дар соли 2006 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коғазҳои қиматнок» аз нав таҳия карда шуданд.

***Марҳилаи шашӯм солҳои 2008- 2010-ро*** дар бар мегирад. Дар ин давра ба мақсади дурустгар ба роҳ мондани сиёсати қатъии пулию қарзӣ аз тарафи Раёсати бонки миллии Тоҷикистон Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ ва гурӯҳи корӣ оид ба сиёсати пулию қарзӣ таъсис дода шуд, ки дар ҷаласаи он намояндаи доимии Хазинаи Байналмиллалии асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Вазорати молия ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок меварзанд. Дар Ҷаласа масъалаҳои пулию молиявӣ, тавозуни бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва бисёр дигар масъалаҳо дида баромада мешаванд.

Дар ин давра сатҳи меъёри бозтамвил аз 12 фоиз то 10 фоиз паст карда шуда, меъёри захираҳои ҳатмӣ аз рӯи амонатҳо бо асъори миллӣ 7,0 фоиз ва аз рӯи амонатҳо бо асъори хориҷӣ 9,0 фоиз муқаррар карда шуданд.

Танҳо дар соли 2009 шумораи ташкилотҳои қарзӣ назар ба соли 2008 ба 25 адад ва шӯъбаҳои бонкҳо ба 170 адад зиёд шуданд.

Дар соли 2009 нисбати соли 2008 таваррум 19,2 фоиз кам шуда 6,1 фоизро ташкил дод. Дар ин давра ҳаҷми бақияи умумии амонатҳо 12,4 фоиз, қарзҳои низоми бонкӣ 19,8 фоиз зиёд шуданд.

Дар соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва чандин Низомномаю Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон аз нав таҳия карда шуданд.

Дигар масъалаи ҳалталаб дар ин радиф, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои иловагии захираҳои сармоягузорӣ аст. Пешниҳоди захираҳои қарзӣ ба иқтисодиёти давлат ба ташкили ширкатҳои байналмилалии суғуртагузор тақвият бахшида, ҳалли як қатор масъалаҳои инвеститсиониро ба зима мегирад.

Тамоюли дигари инкишофи низоми бонкӣ дар ҷумҳурӣ аз таъмини муътадил ва молиягузории кифоя ба бонкҳои тиҷоратии амалкунанда вобаста буда, ҳамчунин зиёдгардонии сатҳи сармояи бонк ва сифати он, вассъгардонии хизматрасонӣ оиди ҷамъоварӣ ва ҷо ба ҷо гузории амонатҳо аз омилҳос мебошанд, ки фаъолияти бонкҳои тиҷоратии амалкунандаро мукаммал мегардонанд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо дигар мақомоти дахлдор бояд аз нав тартибу ташкили як қатор қонунгузориҳои мутобиқ ба замону маконро омода созад, алалхусус дар бахши ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ.

Масъалаи фаъолона ҷалб намудани ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ва инкишофи онҳо дар ҷумҳурӣ ба инкишофи муносибатҳои миёнаравӣ, вассъшавии соҳаи маблағгузорӣ, қонеъгардонии талаботҳои аҳолӣ ва ғайраҳо оварда мерасонад.

Бо мақсади дар оянда гузаштан ба ислоҳоти низоми бонкӣ моро зарур аст, ки ба ҳалли чунин масъалаҳо диққати асоси диҳем:

- мубадалгардонии бонкҳои тиҷоратӣ ба иштирокчии фаъоли раванди сармоягузорӣ, шарики ҳақиқии

субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҷумла дар соҳаи соҳибкории хурду миёна, хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ;

- вобаста ба талаботу дархости бозор таъмини сифатан беҳтари хизматрасониҳои бонкӣ;
- мустаҳкам ва мукаммал гардонии манбаи захиравӣ ва сармояи бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси ҷалб намудани манбаъҳои озоди саҳомону аҳолӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва ҳамчунин сармоягузорони хориҷӣ;
- дастгирии молиявии ташкилотҳои ғайридавлатӣ бо мақсади ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини бозор бо молҳои ватанӣ ва зиёд намудани ҳаҷми молҳои содиротӣ;
- тақвият бахшидан ба чараёни хусусигардонии амволи давлатӣ, мустаҳкам гардонидани идораи корпаративии соҳаи бонкдорӣ ва нақши саҳмдорони ватанӣ дар идора намудани бонкҳои тиҷоратӣ.

Қисмати муҳими инкишофи низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мукаммал гардонии менеҷменти бонкӣ ва тарзи бозомӯзӣ намудани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ мебошад.

Ҳамин тавр, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағийротҳои ҷиддиро аз сар гузаронида аз зинаи ягонаи идораи бонкӣ ба низоми дузинагии бонкдорӣ гузашта, давра ба давра сифати хизматрасониҳоро беҳтар месозад. Вақтҳои охир аксарияти бонкҳои тиҷоратӣ ба талаботҳои стандарти байналхалқии хизматрасонӣ ҷавобгӯй мебошанд.

## Мавзӯи 5. БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАШКИЛОТҲОИ МОЛИЯВИИ ҒАЙРИБОНКӢ

***Нақша:***

*5.1. Бонки миллии Тоҷикистон ва вазифаҳои он*
*5.2. Сохтори ташкилии Бонки миллии Тоҷикистон*
*5.3. Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ*

### 5.1. Бонки миллии Тоҷикистон ва вазифаҳои он

Бонки миллии Тоҷикистон, бонки марказии барорингар (эмиссиягар) ва захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои нигоҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ - сомонӣ чораҳои зарурӣ меандешад. Ба ин мақсад, Бонки миллии Тоҷикистон барои ба таври мунтазам фаъолият намудани бозорҳои пулӣ, қарзӣ ва асъор шароити мусоид фароҳам меоварад, *системаи бонкии ҷумҳуриро тавсеа дода*, фаъолияти онҳоро танзим менамояд, дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он системаи пардохтҳоро ташкил ва танзим менамояд.[10]

Бонки миллии Тоҷикистон дар моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва дар назди Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (палатаи поёнии Парламент) масъул мебошад.

Мувофиқи Қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон (05.08.2009), Бонки миллии Тоҷикистон шахси мустақили ҳуқуқӣ буда, метавонад ба мақсади иҷрои вазифаҳои худ, ташкилотҳоеро, ки дорои ҳуқуқи шахси юридикӣ мебошанд, таъсис диҳад, биноҳо, иншоот ё амволи дигарро ба даст орад, ки барои таъмини фаъолияти вай заруранд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бе розигии Бонки миллии Тоҷикистон қабул шудаанд, масъулият надорад.

---

[10] Сайти Бонки миллии Тоҷикистон: www.nbt.tj

Давлат ҳимояи ҳуқуқи амволии қонунии Бонки миллии Тоҷикистонро кафолат медиҳад ва намставонад амвол, фондҳо, воситаҳои пулии онро мусодира намояд, ё сармояи оинномавии онро кам кунад.

Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро мустақилона ташкил карда, ба амал мебарорад ва дар доираи салоҳиятс, ки ба вай қонун додааст, соҳибихтиёр аст. Мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроия ҳақ надоранд ба фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва воҳидҳои он дар амалӣ намудани ваколатҳои қонунан ба зиммааш гузошташуда дахолат намоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон мставонад бо салоҳдиди худ дар мамлакат ва хориҷ аз он шӯъбаҳо ва намояндагиҳо кушояд. Бонки миллии Тоҷикистон метавонад ба муассисаҳои хориҷӣ, ҳукуматӣ, молиявӣ ва бонкӣ, инчунин ташкилотҳои байналхалқӣ, ки дар онҳо Бонки миллии Тоҷикистон ё Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд, хизматҳои бонкӣ расонад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ ба сифати намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мставонад ба зиммаи худ ӯҳдадориҳо гирад ва амалиётро, ки ба иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналхалқӣ вобастаанд, иҷро намояд.

Бонки миллии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад, ки вай фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъин ва аз вазифа озод намудани Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва муовинони вайро тасдиқ мекунад, ҳисоботи солонаи пешниҳодкардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва хулосаи аудиториро баррасӣ менамояд.

**Вазифаҳои асоситарини** Бонки миллии Точикистон **аз** инхо иборатанд:[11]

[11] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, карз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 153 - 155

- таҳияи сиёсати пулӣ, қарзӣ, асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар амал татбиқ намудани он;
- гузаронидани таҳлили пулӣ-иқтисодӣ ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани тадбирҳо оид ба танзими муомилоти пули ва рушди иқтисодиёт;
- додани иҷозатномаҳо барои фаъолияти бонкҳои нав таъсисёфта;
- додани қарз ба бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ;
- таъмини самаранокии системаи пардохтҳои байнибонкӣ ва дигар ташкилотҳо;
- иҷро кардани ӯҳдадориҳо ва амалиёте, ки аз иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ дар соҳаҳои бонкӣ, қарзӣ ва пулӣ вобастаанд;
- тартиб додани тавозуни (баланси) пардохти давлат ва ғайра.

Бонки миллии Тоҷикистон барои бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии гайрибонкӣ захираи пулии ҳатмӣ муайян менамояд. Ҳамаи бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон бояд захираҳои пулӣ дошта бошанд. Ба воситаи ин захираҳои пулӣ Бонки миллии Тоҷикистон, аз як тараф миқдори пули дар муомилот бударо танзим менамояд ва аз тарафи дигар дар вакти муфлис шудани бонкхои саҳомию тиҷоратӣ барои қисман ва ё пурра қонеъ намудани талаботи амонатгузорон ва пасандоздорон истифода мебарад. Имрӯз меъёри захираи ҳатмӣ 20%-и ӯҳдадориҳои бонкро ташкил медиҳад. Ин меъёр барои баъзе бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ метавонад камтар бошад.

Амалиёти Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори озод ба он равона карда мешавад, ки дар вақтҳои зарурӣ ҷиҳати танзими миқдори пули дар муомилотбуда коғазҳои қиматноки дар бозорбударо бихарад ва ё коғазҳои қиматноки худро бифурӯшад.

Дар баъзе ҳолатҳо Бонки миллии Точикистон чиҳати танзими микдори пули дар муомилотбуда ва сатҳи таваррум

ба бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ маҳдудиятҳои миқдорӣ ҷорӣ менамояд.

Мафҳуми маҳдудсозиҳои миқдорӣ иборат аз он аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми дар муомилот зиёд шудани пул ва суръат гирифтани таварруми он ба бонкхои саҳомию тиҷоратӣ барои ба муштариён додани қарз ҳудуд муайян менамояд ва бонкҳо ин ҳудудро ҳатман риоя мекунанд.

Бонки миллии Тоҷикистон оид ба масъалахос, ки ба салохияташ дохил мешаванд, мувофики Қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ таҳия менамояд, ки иҷрои онхо барои идораҳои давлатӣ ва ҳокимиятҳои иҷроияи маҳаллӣ, ҳамаи бонкҳо, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ шарт ва зарур аст.

### *Ваколати Раиси Бонки миллии Тоҷикистон*

Мувофиқи моддаи 72-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 05.08.2009 Раиси Бонки миллии Тоҷикистон:

1) аз номи Бонки миллии Тоҷикистон амал мекунад ва бе ваколатнома намояндаи манфиатҳои он дар муносибат бо мақомоти ҳокимият ва идораҳои давлати, ташкилоти кредитӣ, ташкилотҳои давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ мебошад, шартномаҳо мебандад, аз рӯи ҳамаи масъалаҳои фаъолияти он, ба истиснои масъалаҳос, ки ба салоҳияти Раёсат тааллуқ доранд, қарорҳо қабул мекунад;
2) дар ҷаласаҳои Раёсат раисӣ мекунад;
3) ба санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, қарорҳо ва протоколҳои маҷлиси Раёсат, шартномаҳо ва қарордодҳое, ки Бонки миллии Тоҷикистон мебандад, имзо мекунад;
4) вазифаҳоро дар байни муовинон тасдиқ мекунад;
5) маоши вазифавии муовинони Раис ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар мекунад;

6) фармонҳоро имзо мекунад ва амрҳо медиҳад, ки ичроишон барои ҳамаи хизматчиёни бонк ва муассисаҳои он ҳатмӣ мебошад;
7) барои фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон комилан масъул мебошад, амали намудани вазифаҳои онро таъмин мекунад.

Дар вақти набудани Раиси Бонки миллии Тоҷикистон вазифаҳои онро муовини аввал, дар набудани муовини аввал, яке аз муовинон иҷро менамояд.

### *Вазифаҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон*

Мувофиқи моддаи 73-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Раёсат маърӯзаҳоро дар бораи вазъияти иқтисодӣ ва пулии давлат муҳокима мекунад. Бо ин мақсад муовини аввали Раиси Бонки миллии Тоҷикистон – муовини Раиси Раёсат вақт – вақт аз тарафи департаментҳо, мудириятҳо ва шӯъбаҳо пешниҳод намудани гузоришро дар бораи:

1) идоракунии амалиёти Бонки миллии Тоҷикистон ва амалӣ намудани онҳо;
2) амалӣ ва танзим кардани сиёсати пулӣ;
3) вазъияти системаи бонкӣ;
4) вазъияти бозори молиявӣ ва асъорӣ;
5) гузоришҳои дигарро бо қарори Раёсат таъмин мекунад.

### *Ваколатҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон*

Мувофиқи моддаи 74-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» Раёсат ваколатҳои зерин дорад:

1) сиёсати пулии давлат, аз ҷумла, маҳдудкунии амалиётро дар бозори озод, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад, меъёри фоизӣ аз рӯи депозитҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон, шароити додани кредитҳо, намудҳо ва андозаи захираҳо, ки

бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ бояд онҳоро дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ доранд, таҳия менамояд;

2) сиёсати асъории давлат, аз ҷумла тартиби муқаррар намудани қурби асъори миллиро анҷом медиҳад;
3) санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистонро барои татбиқи умумӣ қабул ва тасдиқ менамояд;
4) гузориш ва тавсияҳоеро, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд, баррасӣ ва маъқул медонад;
5) дар бораи иштироки Бонки миллии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналхалқӣ қарорҳо қабул менамояд;
6) арзиши номиналӣ, ороиши пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо, тартиби ба муомилот даровардани онҳо ва шарту шароити аз муомилот гирифтани онҳоро муайян мекунад;
7) додани ҳар кредитро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартибе, ки моддаи 25 ин Қонун муқаррар кардааст, тасдиқ менамояд;
8) камаш бо аз се ду ҳиссаи аъзоёни Раёсат, ки дар маҷлис ҳозиранд, додани ҳар як кредит ё истифодаи дигар воситаҳои молиявиро ба манфиати бонк ё ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ мувофиқи қисми 3 моддаи 21 тасдиқ мекунад;
9) бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавии Бонки миллии Тоҷикистон қарор қабул мекунад;
10) гузоришҳо ва ҳисоботи ҳарсолаи Бонки миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;
11) дар бораи баровардани ӯҳдадориҳои қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, андоза ва шарту шароити баровардани он қарор қабул мекунад;
12) ӯҳдадориҳои қарзиро, ки барори инвеститсияи Бонки миллии Тоҷикистон короям аст, муайян мекунад;

13) сохтори Бонки миллии Тоҷикистонро муайян мекунад ва маоши вазифавии Раиси Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар менамояд;
14) мувофиқи қонунҳои ҷорӣ тартиб ва шароити ба кор қабул намудани кормандони Бонки миллии Тоҷикистонро муайян мекунад;
15) шуъбаҳо ва намояндагиҳои Бонки миллии Тоҷикистонро таъсис ва барҳам медиҳад;
16) сметаи даромад ва хароҷотҳои Бонки миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад;
17) ҳар гуна айбдоркуниро оиди сӯиистифодаи мансаби расмӣ ва вазифаҳои худро иҷро карда натавонистани аъзоёни Раёсат баррасӣ намуда, дар сурати асоснок донистани ин гуна айбдоркуниҳо, бо хулосаю тавсияҳои худ ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш мефиристонад.
18) дигар масъалаҳои ба салоҳияти Бонки миллии Тоҷикистон тааллуқдоштаро баррасӣ мекунад.

### 5.2. Сохтори ташкилии Бонки миллии Тоҷикистон

Бонки милии Тоҷикистон аз дастгоҳи марказӣ ва шӯъбаҳои минтақавӣ иборат аст. Дар айни замон дар сохтори дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон 1 мудирият, 15 идора, 4 шӯъбаи мустақил ва маркази матбуот фаъолият менамоянд. Сохтори минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар худ 6 шӯъбаро фаро мегирад.

Идоракунии Бонки миллии Тоҷикистон тавассути Раёсат ва Раиси Бонки миллии Тоҷикистон сурат мегирад. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз номи Бонки миллии Тоҷикистон амал мекунад ва бе ваколатнома намояндаи манфиатҳои он дар муносибат бо шахсони сеюм мебошад, аз руи ҳамаи масъалаҳои фаъолияти он, ба истиснои масъалаҳое, ки ба салоҳияти Раёсат тааллуқ доранд, қарорҳо қабул мекунад.

Раёсат аз Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, муовинони ӯ ва се нафар аъзои он, ки бо пешниҳоди Раиси Бонки миллии

Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, иборат мебошад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва муовинони ӯ аз рӯи вазифа ба ҳайати Раёсат дохил мешаванд. Маҷлиси Раёсат аз тарафи Раиси Раёсат ё муовини вай камаш моҳе як маротиба даъват карда мешавад. Маҷлисҳоро бо аризаи хаттии се нафар аъзои Раёсат низ даъват кардан мумкин аст.

## 5.3. Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ

Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ - шахсони ҳуқуқи-анд, аммо бонк намебошанд ва дар асоси иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллӣ (марказӣ) ҳуқуқ доранд баъзе амалиёти бонкиро анҷом дода, ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҷиҳати молиявӣ хизмат расонанд.

Ба ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ташкилотҳои зеринро дохил кардан мумкин аст: ташкилотҳои бима (суғурта), фонди нафақа, иттиҳодияҳои карзӣ ва ғайра.

Ташкилотҳои бима дар натиҷаи суғурта кардани амвол ва ҳаёти одамон, инчунин амволи шахсони ҳуқуқӣ фонди суғуртавӣ ташкил медиҳанд. Аз ҳисоби ин фонд, дар вақти рӯй додани ҳодисаҳои ғайричашмдошт ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пули бима пардохта мешавад. Дар ҳолатҳои озод мондани маблағҳои ин фонд ташкилотҳои бима метавонанд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қарзҳои кӯтохмуддат диҳанд. Илова бар ин, ташкилотҳои бима метавонанд коғазҳои қиматнок нашр намуда ба муштариёни худ фурӯшанд, ки ин низ манбаи афзоиши фонди пулии онҳо мебошад.

Фонда иҷтимоии аҳолӣ аз ҳисоби маблағи субъектҳои хоҷагидорӣ ташкил мегардад. Субъектҳои хоҷагидорӣ ҳар моҳ дар вақти ҳисоб кардани музди маоши коргарон бимаи иҷтимоӣ ҳисоб карда як қисми онро ба ин фонд мегузаронанд ва аз ин фонд ба нафақахӯрон нафақа ва маблағи варақаҳои корношоямӣ пардохта мешавад. Дар ин фонд доимо маблағи муайяни пулӣ боқӣ мемонад ва ташкилоти фонди нафақа

метавонад қисми ин маблағҳоро барои додани қарзҳои кӯтоҳмуддат истифода барад.

Дар баъзе мамлакатҳо иттиҳодияҳои қарзӣ вуҷуд доранд, ки дар қатори бонкҳо онҳо низ қарз медиҳанд. Фаъолияти ин иттиҳодияҳо дар ИМА хеле ривоҷ ёфтааст.

Иттиҳодияҳои қарзӣ асосан бо ташаббуси иттифоқи касаба ё ки бо ташаббуси гуруҳи одамон ташкил карда мешаванд. Ин иттиҳодияҳо асосан қарзро ба аъзои худ медиҳанд. Агар маблағи пулии онҳо кофӣ бошад, метавонанд ба дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ низ қарз диҳанд.

## Мавзӯи 6. БОНКИ ТИҶОРАТӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

***Нақша:***

6.1. *Мафҳуми бонки тиҷоратӣ ва сохтори он*
6.2. *Тартиби ифтитоҳи бонк, бақайдгирӣ ва барҳам додани он*
6.3. *Вазифаҳои асосӣ ва мақсади бонки тиҷоратӣ*
6.4. *Омӯхтани имконият ҳои хизматрасонии бонкӣ*
6.5. *Муносибати бонки тиҷоратӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон*

### 6.1. Мафҳуми бонки тиҷоратӣ ва сохтори он

Бонк - ташкилоти қарзӣ буда, дорои ҳуқуқи гузаронидани чунин амалиётҳо аст:

- ҷалб намудани амонат ва пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва аз ҳисоби онҳо аз номи худ додани қарз, аз рӯи усулҳои муздноки, мӯҳлатнокӣ ва баргардонидан дар вақтҳои муайяншуда;
- кушодан ва пешбурди ҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ.

Таъиноти асосии бонк - миёнарав будан байни қарздиҳанда ва қарзгиранда, инчунин байни фурӯшандагон ва харидорон аст. Бонкҳо бо ду хусусияти худ аз дигар муссисаҳои молиявию қарзӣ фарқ мекунанд.[12]

**Якум**, барои бонкҳо хусусияти дучандаи табодули ӯҳдадориҳои қарзӣ вуҷуд дорад: аз як тараф онҳо воситаҳои хусусии худро (амонатҳо, тасдиқномаҳои амонатӣ ва ғайра) паҳн месозанд, аз тарафи дигар воситаҳои ҷалбкардаашонро

---

[12] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 130 - 131

барои харидани коғазхои қиматноки баровардаи дигар корхона ва муассисахо истифода мебаранд.

Дуюм, бонкҳо дар вақти кушодани суратҳисоб ва ҳисобҳои ҷорӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ ва қабули амонатҳо дар назди шахсони воқеӣ уҳдадориҳои пулӣ мегиранд, илова бар ин хатарҳоро ба зиммаи худ мегиранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудани бонкҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» сурат мегирад. Мутобиқи ин қонун, бонкҳо чун бонкҳои умумӣ (универсалӣ) фаъолият менамоянд, яъне тамоми амалиёти бонкиро мегузаронанд.

Бо мафҳуми том бонк ё муассисаи қарздиҳанда шахси ҳуқуқиест, ки мақсади асосии вай гирифтани фоида аз фаъолияташ мебошад.

Бонк метавонад чунин амалиётҳоро гузаронад:

- қабули амонатҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- кушодан ва бурдани суратҳисоб ва ҳисобҳои ҷории мштариён;
- амалиёти хазинавӣ (қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан ва нигоҳ доштани пули қоғазӣ ва тангаҳо);
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо супориши муштариён аз як ҳисоб ба ҳисоби дигар;
- ба муштариён додани қарз;
- ташкили амалиёти мубодилаи пули миллӣ бо асъори хориҷӣ;
- аз номи муштариён пахн намудан, яъне фурӯхтани коғазҳои қиматнок;
- нигоҳ доштани коғазҳои қиматнок, ашёи гаронбаҳо ва дигар амалиётҳо.

Бонкҳо метавонанд дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ бахш ва ё намояндагиҳои худро таъсис диҳанд. Бахш ва намояндагиҳои бонкҳои тиҷоратӣ шахси ҳуқуқӣ набуда, бо супориши бонки болоӣ амалиёти ҷудогонаро иҷро менамоянд.

## 6.2. Тартиби ифтитоҳи бонк, бақайдгирӣ ва барҳам додани он

Тартиби ифтитоҳ, бақайдгирӣ ва барҳам додани бонкҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» сурат мегирад.[13] Мутобиқи ин қонун фаъолияти бонкӣ фақат дар асоси иҷозатномаи Бонки Миллии Тоҷикистон сурат мегирад. Ин гуна иҷозатномаҳо ба ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ низ дода мешаванд.

Фаъолияти муассиса ва ташкилотҳои ғайрибонкие, ки амалиёти бонкӣ мегузаронанд, аз тарафи давлат ва Бонки Миллии Тоҷикистон таҳти назорати қатъӣ гирифта танзим карда мешаванд ва дар феҳристи иҷозатномаҳое, ки бароииҷрои амалиёти бонкӣ дода шудаанд, ба қайд гирифта мешавад.

Бонки тиҷоратӣ дар ҳолати дар Бонки миллии Тоҷикистон гузаштани бақайдгирии давлатӣ ташкилшуда ҳисоб меёбад. Бонкҳои тиҷоратӣ бо ташаббуси муассисон шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ташкил карда мешаванд ва онҳо тайёранд барои ҳиссагузорӣ ба сармояи оинномавии бонк саҳм бигиранд. Ба сифати саҳмдорони бонк ҳамон шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дохил мешаванд, ки қонунҳои амалкунанда барои иштироки онҳо дар ташкили муассисаи

---

[13] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ». Душанбе, 19.05.2009.

қарзӣ иҷозат медиҳанд. Корхона ва муассисаҳос, ки тавозуни (балански) пардохтнопазир доранд ва муфлисшуда эълон гаштаанд, саҳмдорони бонк шуда наметавонанд, инчунин ба сифати саҳмдор баромад кардани ташкилотҳои буҷтӣ низ манъ шудааст.

Ҳиссаи иштироки ҳар муассис аз 65 фоизи сармояи оинномавии бонк зиёд буда наметавонад. Андозаи сармояи оинномавии бонки таъсисшаванда аз тарафи Раёсати Бонки Миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Бонкҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти худ мустақил буда, аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ҷавобгар намебошанд.

Дар ҳолатҳои бе иҷозатнома гузаронидани амалиёти бонкӣ аз тарафи шахси ҳуқуқӣ, аз он ҷарима ситонида мешавад, яъне мутобиқи Қонун «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», тамоми фоидаи аз ин амалиёт ба дастомада ва ба андозаи ду баробари ин маблағ муайяншуда ҷарима шуда,ба ҳисоби буҷети давлатии ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад. Аз рӯи фаъолияти бонкҳо ва иҷрои меъёрҳои муайяншуда Бонки Миллии Тоҷикистон назорати доимӣ бурда, фаъолияти онҳоро танзим менамояд.

**Мақсади асосии танзими бонкӣ** ва бурдани назорат – ин нигаҳдории босуботи системам бонкӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Бонки Милли Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории бонкӣ, барои рафъи камбудиҳо чораҳои зарурӣ меандешад. Агар зарур бошад иҷозатномаи гузаронидани баъзе амалиётро бозхонда мегирад ва маъмурияти муваққатӣ таъйин менамояд. Мудири муваққатӣ баъди таъйин шуданаш дар давоми се рӯз тамоми чораҳоро меандешад, то ки идорасозии фаъолияти бонкро ба дасти худ гирад. Мудири муваққатӣ

баъди панҷ рӯзи таъйин шуданаш дар бораи вазъи молиявии бонк ва нешомади он барои баррасии Раёсат ҳисоботи хаттӣ пешниҳод менамояд. Мудири муваққатӣ баъди таҳлили фаъолияти бонк дар ҳисоботи худ якс аз ин чораҷӯйиҳоро пешниҳод мекунад:

1. Нақшаи муфассали барқарорсозии бонк;
2. Нақшаи дигаргунсозии сохтори бонк;
3. Тавсияҳо оиди аз бонк бозхондани иҷозатномаи фаъолияти бонкӣ.

Агар Раёсат ба барҳамдиҳии бонк амр диҳад, он гоҳ Бонки Миллии Тоҷикистон ба ин мақсад мудири барҳамдиҳӣ таъйин менамояд. Ин мудир то барҳам додани бонк корро давом медиҳад.

## 6.3. Вазифаҳои асосӣ ва мақсади бонки тиҷоратӣ

Вазифаҳос, ки бонки тиҷоратӣ иҷро менамояд, бо сатҳи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат ва муносибатҳои бозорӣ алоқамананд. Бинобар ин, вобаста ба сатҳи муносибатҳои бозорӣ, бонк метавонад дар назди худ вазифаҳои зиёдеро гузорад. Баъзе аз вазифаҳои асосии бонкро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст:

- миёнаравӣ байни фурӯшандагону харидорон, байни қарзгирону қарздиҳандагон;
- ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ барои дар бонкҳо нигоҳ доштани маблағҳои пулӣ;
- миёнаравӣ байни субъектҳои ҷудогонаи хоҷагидорӣ ва ҳисоббаробаркунӣ байни бонкҳои мустақил;
- нашр, фурӯш, харид ва нигоҳдории коғазҳои қиматнок.

## 6.4. Омӯхтани имкониятҳои хизматрасонии бонкӣ

Омӯхтан ва арзёбӣ намудани имкониятҳои бонк шароит фароҳам меорад, ки барои беҳтар намудани фаъолияти он чораҳои зарурӣ андешида шавад, яъне барномаи дурнамои бонк ва фаъолияти он дар шароити иқтисоди бозорӣ ва барномаи идорасозии он тартиб дода шавад.

Таҳлили имкониятҳои хизматрасонии бонкӣ бояд аз нуқтаи назари шароити дохилӣ ва берунии он (муҳити атроф) оғоз ёбад. Шароити берунӣ хеле васеъ буда, бо самти сиёсати хоҷагидории давлат, чораҳои танзими иқтисодиёт, инчунин бо нақшаи назоратии Бонки Миллии Тоҷикистон вобастагии зиёд дорад.

Таҳлили шароити дохилии бонк аз арзёбии фаъолияти молиявию иқтисодӣ, таҳлили феҳристи хизматрасонӣ, таъмин будан бо техникаи ҳозиразамон, сатҳи донишҳои кормандон ва дигар тарафҳои фаъолияти бонк оғоз гардида, баъдан барномаи стратегии бонк тартиб дода мешавад.

Талабот – эҳтиёҷоти ҷамъиятро ба худ таҷассум менамояд, ки аз талаботи истеҳсолӣ ва истеъмолӣ иборат аст.

Ҷараёни омӯхтани талабот ба хизмати бонкӣ аз ду омили асосӣ иборат аст:

1. Омӯхтани сатҳи талаботи ҷорӣ;
2. Ояндабинии талабот.

Ба ҳолати талабот омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

а) омилҳои хусусияти сиёсидошта (қабули қонун ва ҳуҷҷатҳои меъёрии нав, дастурҳо ва низомномаҳо;
б) омилҳои иқтисодӣ (тағйирёбии сатҳи истеҳсолот, пардохтпазирии муштариён):
в) омилҳои пешрафти илмию техникӣ;
г) тағйирёбии нархи хизмати бонкӣ:

д) пайдоиш ва ривоҷ ёфтани рақобат аз тарафи дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ.

### 6.5. Муносибати бонки тиҷоратӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон

Мутобиқи қонунгузории мавҷуда Бонки Миллии Тоҷикистон барои танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ усулҳои зерини иқтисодиро истифода менамояд:[14]

- тағйир додани захираҳои ҳатмис, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон нигоҳ медоранд;
- муайян намудани ҳудуди додани қарз ба субъектҳои хоҷагидорӣ;
- тағйир додани фоизи қарз;
- гузаронидани амалиёт бо коғазҳои қиматнок, асъори хориҷӣ.

Мутобиқи дастур «Дар бораи захираҳои ҳатмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзис, ки дар Бонки Милли Тоҷикистон нигоҳ медоранд» аз 22 ноябри соли 1997 Бонки Миллии Тоҷикистон захираҳои системам бонкиро ташкил медиҳад. Ин захира аз ҳисоби воситаҳои пулии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ, ки бонкҳо чун захираҳои қарз ҷалб менамоянд, ташкил карда мешавад. Фонди захираҳои ҳатмӣ барои он ташкил карда мешавад, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар мавриди зарурӣ аз ҳисоби ин захира талаботи муштариёнро ҷиҳати гирифтани амонату пасандозҳо таъмин намоянд. Бонки Милли Тоҷикистон бо роҳи тағйир додани меъёри

[14] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 140 - 143

захираҳои ҳатмӣ ба сиёсати қарзии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир расонида, ҳолати муомилоти пулиро танзим менамояд.

Меъёри захираҳои ҳатмии бонкҳо ба шакли фоиз аз ӯҳдадориҳои бонк муайян карда мешавад. Ҳоло дар системаи бонкии Тоҷикистон меъёри ин захира барои бонкҳои тиҷоратӣ ба миқдори 18 фоиз муқаррар қарда шудааст.

Тағйир додани сатҳи фоизи қарз низ яке аз усулҳои танзими фаъолияти бонкӣ буда, тавассути он ба афзоиши ҳаҷми қарз таъсир расонида мешавад.

Усули дигари танзими фаъолияти бонкӣ - ин амал кардан дар бозори қоғазҳои қиматнок ва асъори хориҷӣ буда, бо ин усул Бонки Миллии Тоҷикистон метавонад ба ҳаҷми пули дар муомилотбуда таъсир расонида, як қисми онро аз муомилот гирифта захира намояд Ҳамаи меъёрҳои аз тарафи Бонки Миллии Тоҷикистон муайяншударо бонкҳои тиҷоратӣ бояд ҳатман иҷро намоянд. Дар ҳолати аз тарафи бонкҳо риоя нашудани ин меъёрҳо Бонки Миллии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ меандешад ва агар чораҳои дидашуда натиҷа надиҳанд, фаъолияти ин гуна бонк қатъ карда мешавад.

# Мавзӯи 7. ПАРДОХТПАЗИРИИ БОНК ВА ИДОРА КАРДАНИ АМАЛИЁТҲОИ БОНКӢ

***Нақша:***

*7.1. Мафҳуми пардохтпазирии бонк*

*7.2. Идора кардани амалиёти активӣ*

*7.3. Идора кардани амалиёти пасси*

## 7.1. Мафҳуми пардохтпазирии бонк

**Пардохтпазирии бонк** - аз рӯи ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳолатҳои зарурӣ ҷавоб додани он аст, яъне, қонеъ намудани талаботи муштариёне, ки амонат ва пасандозҳои худро талаб менамоянд ва бонк бояд дарҳол ин талаботро қонеъ карда тавонад. Бонк ин амалро дар ҳолате иҷро карда метавонад, ки сармояи хусусиаш кифоя ва ҷобаҷо гузории активҳоро мувофиқи мӯҳлати амонат ва пасандозҳо ба роҳ монда бошад. Аз ин рӯ, барои таъмини пардохтпазирӣ бонк бояд таносуби се омили асосӣ – сармояи хусусӣ, воситаҳои пулии ҷалбшуда ва ҷобаҷогузории онҳоро риоя намояд.

Барои ташкили сармояи оинномавӣ фондҳои махсуси дигар ташкил намуда, сиёсати иқтисодии худро хуб ба роҳ монад то ин ки дар рақобати бозор тоб оварда тавонад.

Меъёрҳои иқтисодиро Бонки миллӣ муайян менамояд ва дар онҳо хусусиятҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:[15]

- якум, ҳамаи меъёрҳо ба меъёрҳои ҳатмӣ ва арзёбикунанда ҷудо мешаванд. Меъёрҳои арзёбикунанда меъёрҳои ҳатмиро ба ҷузъҳо ҷудо мекунанд ва барои таҳлили молиявӣ ва фаъолияти босуботи бонк истифода мебаранд;
- дуюм, барои муайян намудани меъёрҳои ҷудогона, вобаста ба навъ ва шакли ташкилёбии бонкҳо. Дар ин ҷо Бонки миллӣ таърихи ташкили бонкҳоро ба назар

[15] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 201

мегирад, чунки баъзе аз бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси бонкҳои амалкунандаи махсусгардонидаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадаанд ва нисбат ба бонкҳои навтаъсис пардохтпазиртаранд.

- сеюм, ҳангоми муайян намудани меъёрҳои иқтисодӣ шарту шароити ҷобаҷогузории активҳои бонкҳои тиҷоратӣ маддӣ назар гирифта мешавад.

Ҳадди ақалли сармоя барои бонкҳои навташкил – 10 млн. доллари ИМА ва барои бонкҳои амалкунанда – 5 млн. доллари ИМА муққаррар шудааст.

**Меъёри якуми** иқтисодие, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ муайян менамояд ин ***кифоя будани сармояи онҳо*** мебошад.

**Меъёри дуюме**, ки барои бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ муқаррар карда мешавад ин ***меъёри пардохтпазирӣ*** аст.

**Меъёри сеюм** ин муқаррар намудани ***хатар (риск) ба як қарзгир*** ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд

**Меъёри чорӯм** муқаррар намудани ***ҳадди аксари хатарҳои калони қарзӣ*** аст.

**Меъёри панҷӯме**, ки муқаррар карда мешавад, ин ***ҳадди аксари қарзҳо ва кафолату замонатҳое, ки аз тарафи бонк ба иштирокдорони (сахмиядорони) худ дода шудаанд*** мебошад.

**Меъёри шашӯме**, ки барои бонкҳои тиҷоратӣ муқаррар карда мешавад, ин ***истифодаи маблағҳои хусусии бонк*** ё дигар ташкилоти қарзӣ барои харидории ҳиссаҳои (саҳмияҳои) шахсони ҳуқуқии дигар аст.

## 7.2. Идора кардани амалиёти активӣ

Пеш аз ҳама фаъолияти бонк бояд барои зиёд намудани фоидаи саҳмдорон равона гардад. Афзоиши фоида аз самаранок истифода кардани активҳои бонк вобастагии зиёд дорад.

Бинобарин, сиёсати бонк бояд ба масоили зерин равона карда шавад:[16]

1.Устувор нигоҳ доштан ё зиёд намудани даромади соф ба шакли фоиз.

2. Ба даст даровардани даромади ғайрифоизӣ.

3. Назорат аз рӯи хароҷот, ба ғайр аз фоиз.

4. Нигоҳ доштани хусусияти қарз.

5.Таъмини пардохтпазирӣ ва ғайра.

Дар марҳилаи аввал хатари бонкӣ аз фоизҳос, ки дар натиҷаи додани қарз ба даст меоянд, таҳлил карда мешавад, зеро даромади бонк асосан аз гирифтани онҳо дар давраи муқарраршуда вобастагии зиёд дорад.

Барои зиёд намудани даромад, бонк бояд хизматҳои ғайриқарзиро истифода намояд (масалан: машваратдиҳӣ, дар борвомаҳо ҷойгир намудани ашёи қиматбаҳо), ки муштариён ба онҳо эҳтиёҷ доранд. Бо ин роҳ бонк миқдори муштариёни худро афзун мегардонад. Бонк ба ғайр аз додани қарз метавонад хизматҳои зеринро ба анҷом расонад:

а) нигоҳ доштани дороиҳо;

б) додани ҳар навъ маслиҳатҳои муфид;

в) хизмати аудиторӣ;

г) хизмати муҳандисӣ (инженерӣ) ва дигар хизматҳо.

Илова бар ин, дар ҳолатҳои аз тарфи корхонаҳо интишор намудани қоғазҳои қиматнок, бонк байни фурӯшанда ва харидор миёнарав шуда, аз ин амал низ метавонад даромад ба даст орад.

Ҳар бонк хароҷотеро, ки ба ғайр аз додани фоизҳои амонат ва пасандозҳо сурат мегирад, бояд таҳти назорат гирад, зеро кам кардани хароҷот боиси нигоҳ доштани пардохтпазирӣ ва даромад мегардад.

Дар ҷараёни идора кардани активҳо, нигоҳ доштани хусусияти қарзҳои додашуда кори аз ҳама муҳимтар аст. Кормандони шӯъбаи қарз аз болои дар давраи муқарраршуда баргаштани қарзҳо назорати доимӣ мебаранд, зеро дар

[16] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пули, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 207

мӯҳлати муайяншуда барнагаштани қарзҳо боиси бад шудани пардохтпазирии бонк мегардад.

Яке аз вазифаи асосии роҳбарияти бонк дар ҷараёни идора кардани амалиёти активӣ донистани захираҳои пулиест, ки пардохтпазирии бонкро таъмин менамоянд. Бинобар ин, роҳбарияти бонк нишондодҳои молиявии бонкро то 1 моҳ таҳлил мекунанд. Агар дар ҷараёни таҳлил суст шудани фаъолияти молиявӣ мушоҳида гардад, барои беҳбудии он чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

## 7.3. Идора кардани амалиёти пассивӣ

Дар бонкҳои тиҷоратӣ беҳтар идора кардани амалиёти пассивӣ барои кам кардани хатари бонкӣ ва даромаднокӣ нақши муҳим дорад. Муҳим аст, ки ҳар корманди бонк мавқеи тағйирёбии фоизро аз амалиёти пассивӣ хуб дарк карда, чораҳои зарурӣ андешад ва ба камшавии амонат ва пасандозҳо роҳ надиҳад.

Ҳалли дурусти идора кардани амалиёти пассивӣ ба даромаднокии бонк таъсир мерасонад ва ин ба воситаи чанд усули кор ба даст меояд, яъне дар натиҷаи кам кардани хароҷоти пардохти фоизи захираҳои харидашуда, хароҷоти воситаҳои асосӣ, музди меҳнат ва ғайра.

Бонк бояд барои ҷалб намудани амонат ва пасандозҳои арзон роҳҳои дурустро ҷустуҷӯ намояд. Ҳалли ин масъалаҳо гуногунанд. Роҳбарияти бонк бояд роҳеро интихоб намояд, ки барои бонк муфид аст.

# Мавзӯи 8. НИЗОМ ВА ШАКЛҲОИ ҚАРЗ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

***Нақша:***

*8.1. Моҳият, зарурат ва таснифи қарзҳои бонкӣ*
*8.2. Ташкили додани қарзҳои бонкӣ*
*8.3. Тартиби додани қарз ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ*
*8.4. Захираҳои қарзӣ ва ба нақша гирифтани онҳо*
*8.5 Қарзҳои мушкилистон ва чораҷӯӣ оид ба ситонидани онҳо*

## 8.1. Моҳият ва зарурати қарз

Олоти истеҳсолот ва воситаҳои истеҳсолотро ба забони иқтисодӣ воситаҳои гардон ва асосӣ мегӯянд.

**Воситахои гардон** дар ҷараёни истеҳсолот якчанд давраро аз сар мегузаронанд, яъне:

а) дар аввал ба шакли захираҳои истеҳсолӣ (ашёи хом, сӯзишворӣ ва дигар ашёи предмети меҳнат), ки ҷараёни мунтазами истеҳсолотро таъмин менамоянд;
б) хароҷоти истеҳсолот (истеҳсоли нотамом);
в) маҳсулоти тайёр.

Воситаҳои гардони корхона ба ду қисми асосӣ ҷудо мешаванд:

а) воситаҳи гардони хусусӣ
б) воситахои гардони қарзӣ.

**Воситаҳои гардони хусусӣ** маблағҳои пулие ҳастанд, ки барои ташкили фонди захираҳои истеҳсолӣ ва фонди муомилот заруранд. Дар ҷараёни истеҳсолот воситаҳои гардони хусусии корхона аз як шакл ба шакли дигар гузашта, баъди сипарӣ шудан як муддати муайян ба пул табдил мегарданд.

Молистеҳсолкунандагон дар ҳолатҳои зарурӣ аз қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати бонкӣ истифода намуда, талаботи худро ба маблағҳои иловагӣ қонеъ карда, ҷараёни мунтазами истеҳсолотро таъмин менамоянд.

Бонкҳо ба муштариёни худ дар шаклҳои гуногун қарз медиҳанд ва қарзҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст.

Пеш аз хама аз рӯи таъинот қарзҳо ба навъхои зерин ҷудо мешаванд: истеъмолӣ; саноатӣ; савдо; кишоварзӣ; маблағгузорӣ.

Вобаста ба ҷои истифодаашон қарзхои бонкӣ, ки ба ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дода мешаванд, аз ду шакл иборатанд:

а) қарзҳос, ки барои такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дода мешаванд;

б) қарзҳос, ки барои ташкили воситаҳои гардон дода мешаванд.

**Аз рӯи мӯҳлати** истифодаашон қарзҳо тақсим мешаванд ба: кӯтохмуддат (то 1 сол); миёнамуддат (аз 1 то 3 сол); дарозмуддат (зиёда аз 3 сол).

**Аз рӯи ҳаҷм**, қарзҳо ба қарзҳои калон, миёна ва хурд ҷудо мешаванд.

**Аз рӯи таъминот** қарзҳо ба бетаъмин, яъне ба корхонаи боваринок (аз рӯи мактуби дархостии корхона) ва таъминотдошта тақсим мешаванд (қарзҳои гаравдор, кафолатдор ва бимашуда).

**Аз рӯи тартиби доданашон** қарзҳо ба қарзҳои ҷуброни хароҷот ва пардохтӣ ҷудо мешаванд. Дар ҳолати якум, маблағи қарзи додашуда ба ҳисоби корхона равона шуда хароҷоти ӯро ҷуброн мекунад, дар ҳолати дуюм бошад, барои пардохти пули моли гирифташуда истифода мегардад.

**Аз рӯи мӯҳлати баргардониδан** қарзҳо ба қарзҳос, ки қисм-қисм баргардонида мешаванд ва қарзхос, ки якбора баргардонида мешаванд тақсим мегарданд.

Тибқи Қонун «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ аз маблағи пасандоз, амонат ва дигар маблағҳои пулиашон як қисмашро дар Бонки миллии Тоҷикистон ба шакли захира нигоҳ медоранд. Ин захираи пулӣ дар ҳолатҳои суст шудани фаъолияти молиявии бонк истифода мегардад. Илова бар ин, захираҳои пулие, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, дар вақти

муфлисшавии бонк барои таъмини талаботи соҳибони пасандоз ва амонатҳо истифода мегарданд.

## 8.2. Ташкили додани қарзҳои бонкӣ

Дар шароити иқтисоди бозорӣ шакли асосии қарз, қарзи бонкист, яъне қарзест, ки бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ медиҳанд.

Субъекти муносибатҳои қарзӣ хоҷагиҳо, сохибкорон, аҳолӣ, давлат ва худи бонкҳо мебошанд. Одатан дар муомилаи қарзӣ байни субъекти муносибатҳои қарзӣ истилоҳи қарздиҳанда ва қарзгиранда истифода мегардад.

**Қарздиҳанда** шахсе (шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ) номида мешавад, ки вай маблағи пулии муваққатан озодмондаи худро дар як давраи муайян ба дигар субъекти хоҷагидорӣ ё шахс қарз медиҳад.

**Қарзгиранда** субъекти хоҷагидорӣ ё шахсеро меноманд, ки маблағи пулиро ба сифати қарз ба даст меорад ва ӯҳдадор мешавад, ки қарзи гирифтаашро дар мӯҳлати муайяншуда ба соҳибаш бармегардонад.

Қарзи бонкӣ барои қонеъ гардонидани талаботи субъекти хоҷагидорӣ барои харидани олот ва воситаҳои истеҳсолот ва ё ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз рӯи усулҳои муайян дода мешавад. Усулҳои додани қарз ҷузъи асосии системаи қарздиҳӣ буда, моҳияти қарзро ифода мекунад.

Ба усулҳои асосии қарз мӯҳлатнок будан ва бозгардонидани он, таъминот доштан ва муздноки дохил мешаванд.

Усули бозгардонидан хусусияти хоси қарз аст. Мӯҳлатнокии қарз шакли асосии бозгардонидани он аст.

Дар ҳолати барнагаштани қарз дар мӯҳлати муайяншуда, бонк фоизи қарзро зиёд мекунад. Дар мӯҳлати муайяншуда барнагаштани қарз оқибати манфӣ дорад, зеро аз як тараф як андоза ҳолати муомилоти пул тағйир меёбад ва аз тарафи дигар ба таркиби сармояи бонк таъсир мерасонад.

Дар мамалакат, агар қарзҳои мӯҳлати баргардонидашавон батаъхирафтода зиёд шаванд, дарачаи таваррум (инфлятсия) боло меравад.

Усули муздпокии қарз ин аст, ки қарзгиранда барои истифодаи муваққатии маблағи қарзи гирифтааш ба бонк музд медиҳад. Муздпокии қарз дар тачриба ба шакли фоизи қарз амали мегардад. Фоизи қарз ба ибораи дигар ин нархи қарз аст, ки захираҳои қарзии бонк бо ин нарх фурӯхта мешаванд. Омилҳои асосие, ки бонкҳои тичоратӣ нархи қарзро муайян мекунанд гуногунанд:

Омили асосии системаи қарздиҳӣ ин усули қарздиҳӣ аст, зеро он омилҳои дигари ин системаро монанди: шакли ҳисоби қарзӣ, тарзи танзими қарзҳои додашуда, шакл ва усули назорат аз рӯи ба мақсади муайян истифода кардан ва баргардонидани онро муайян мекунад.

Усули қарздиҳӣ гуфта аз рӯи усулҳои мавчуда тарзҳои додан ва ситонидани қарзро меноманд.

Хусусияти усули додани қарз аз рӯи гардиши воситаҳои гардони корхонаҳо дар он зоҳир мегардид, ки ҳаракати қарз бо ворид ва содиршавии ашёи қиматноки корхона вобастагӣ дорад.

Дар мамлакатҳои мутараққӣ, ки низоми бонкии пешрафта доранд, ду усули қарздиҳиро истифода мекунанд.

**Усули якум** иборат аз он аст, ки масъалаи додани қарз ҳар дафъа ба таври чудогона барраси шуда, ҳалли худро меёбад. Қарз ба ягон мақсади муайяни муштарӣ барои қонеъ гардонидани талаботи он дода мешавад. Бо ин усул қарз ба як мӯҳлати муайян дода мешавад.

**Бо усули дуюм**, қарз дар асоси гуфтугӯи пешакӣ бо муштарӣ дода мешавад. Ин усулро кушодани хатти (линияи) қарзӣ меноманд.

**Ду шакли хатти қарзӣ** вучуд дорад, яъне хатти қарзии барқарорнашаванда ва хатти қарзии баркароршаванда.

Дар ҳолати истифода намудани **хатти қарзии барқарорнашаванда** баъди додану ситонидани як маблағи қарзӣ муносибати қарзии байни бонк ва муштарӣ хотима меёбад.

Дар холати истифода намудани **хатти қарзии барқароршаванда** доду гирифти қарз дар худуди қарзи муайяншуда ба таври худкор (автоматӣ) сурат мегирад.

Дар муносибатхои қарзӣ ҳисоби асъори низ мекушоянд.

**Ҳисоби махсуси қарзӣ** одатан ба муштариёне кушода мешавад, ки онҳо аз қарзи бонкӣ ба таври доимӣ истифода мекунанд.

**Ҳисоби қарзии оддӣ** ба муштариёне кушода мешавад, ки онҳо аз қарзи бонкӣ ба таври доимӣ истифода намекунанд.

Пеш аз додани қарз қобилияти қарз адо кардани муштариро ҳаматарафа месанчанд.

Мақсад аз муайян кардани қобилияти қарз адо кардани муштарии қарзгиранда аз он иборат аст, ки қобилияти дар вақташ баргардонидани қарз, сатҳи хатаре, ки бонк ба худаш мегирад ва ҳаҷми қарз ҳаматарафа санҷида мешавад.

Усулҳое, ки бонкҳо бо ёрии онҳо пардохтпазирии муштариёнро меомӯзанд гуногунанд ва дар мамлакатҳое, ки иқтисоди бозории пешрафта доранд, чунин зарибҳоро (коэффитсиентҳоро) истифода мекунанд:

1. **Зарибҳои пардохтпазирӣ** нишон медиҳанд, ки корхона қобилияти ба ӯҳдадориҳои кутоҳмуддаташ ҷавоб доданро дорад ё не.
2. **Зариби самаранокӣ (идорасозии активхо).**
3. **Зариби фоиданокӣ.**
4. **Зарибҳои бозаргонӣ.**

Бонк дар вакти муайян кардани шароити додани қарз метавонад дигар зарибҳоро низ истифода кунад.

Қонуниятҳои бонкӣ дар ҳар мамлакат талаб менамоянд, ки қарзҳои ба муштариён додашавандаи бонкҳои тиҷоратӣ бояд таъминот дошта бошанд.

Шаклҳои асосии таъминнокии қарзи бонкӣ аз гарав, кафолат, замонат ва дигар навъҳои таъминнокии қарз иборатанд.

1. **Гаравнома** ҳуҷҷатест, ки дар вакти ба гарав мондани молу мулк истифода мегардад ва дорандаи гарав ҳуқуқ пайдо мекунад, дар ҳолати аз тарафи гаравдиҳанда риоя накардани

шартҳои гаравнома ва барнагардонидани қарзи гирифтааш дар вақти муайяншуда, чизи ба гарав мондашударо фурӯшад.

Ду шакли гарав вуҷуд дорад: Дар ҳолати якум, гарав ба ихтиёри худи корхона мемонад; Дар ҳолати дуюм, чизи ба гарав мондашуда ба ихтиёри қарздиҳанда дода мешавад.

Шакли якуми гаравмонӣ дар таҷриба бештар истифода мегардад.

**2. Замонатнома** шакли махсуси кафолатнома буда, фақат дар байни шахсони ҳуқуқӣ истифода мегардад. Замонатномаро идораи болоии корхонаи қарзгиранда, иҷорагиранда ва дигар корхонаҳо, аз ҷумла бонкҳо низ дода метавонанд.

Дар муносибатҳои қарзӣ байни бонк ва гирандаи қарз шартнома тартиб дода, имзо карда мешавад. Дар шартномаи қарзӣ ӯҳдадориҳо ва ҷавобгарии ҳар ду тараф дарҷ гардида, онҳо бо мӯҳр тасдиқ карда мешаванд.

## 8.3. Тартиби додани қарз ба субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ

Қарзгиранда барои гирифтани қарз ба бонке, ки дар он суратҳисоб дорад ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

1. Мактуби дархостӣ (ариза) барои гирифтани қарз (дар он маблағ, мақсади гирифтани қарз ва мӯҳлати баргардонидани қарз нишон дода мешавад).
2. Ҳуҷҷат дар бораи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва техники асоснок кардани зарурият ба қарз ё нақшаи сохибкорӣ. Ин ҳуҷҷат имкон медиҳад, ки бонк самаранокии қарз, мӯҳлати бозхариди объекти қарз, инчунин мӯҳлати баргардонидани онро бисанҷад.
3. Тавозуни солона ва тавозун дар моҳи ҷорӣ (аз рӯи он бонк пардохтпазирӣ ва ҳолати қарз адо кардани муштариро меомӯзад).
4. Шартномаи гарав ё кафолат (замонат). Вобаста ба шакли таъминоти қарз, дар вақти гирифтани қарз кафолат ва ё замонат ҳамроҳи шартномаи қарзӣ пешниҳод карда мешавад.
5. Лоиҳаи шартномаи қарзӣ.

6. Ӯҳдадории мӯҳлатнокии баргардонидани қарз.
7. Маълумот дар бораи қарзҳои аз дигар бонкҳо гирифташуда (дар ин маълумот қарзгиранда бонк ва маблағи карзӣ гирифтаашро нишон медиҳад).

Ҳар бонк дар вақти додани қарз бояд ҳудуди хатари ба як муштарӣ додани қарзро риоя намояд ва дар хотир дошта бошад, қарзе ки ба як муштарӣ медиҳад бояд аз 10%-и сармояи хусусии бонк зиёд набошад. Қарзе, ки аз ин ҳудуд зиёд дода мешавад, қарзи «калон» ҳисобида шуда ва ин хел қарз танҳо бо иҷозати Кумитаи қарзии бонки болоӣ ва ё бо иҷозати Шӯрои он дода мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо бо супориши Ҳукумат ва ё идораи дигар қарзҳои имтиёзнок низ дода мешаванд.

Дар таҷриба бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба муштариён **қарзҳои кафолатдор** низ медиҳанд.

**Қарзи кафолатдор** ба муштарӣ дар ҳамон ҳолат дода мешавад, ки корхонаи кафолатдиҳанда шахси ҳуқуқии пардохтпазир бошад. Пардохтпазирии корхонаи кафолатдиҳанда бояд аз тарафи бонке, ки ба вай хизмат мерасонад тасдиқ карда шавад. Худи бонк низ чун шахси ҳуқуқӣ, метавонад ба дигар корхонаҳо барои аз дигар бонк гирифтани қарз кафолатнома диҳад

**Қарз барои додани музди кор ва моҳона** шакли махсуси қарз буда, ба субъектҳои хоҷагидорӣ ҳангоми дар ҳисоби корхона барои додани музди кор ва моҳона мавҷуд набудани маблағи пулии кофи дода мешавад. Ин қарз ба муҳлати то як моҳ дода шуда, аз муштарӣ ӯҳдадории мӯҳлатнок гирифта мешавад. Ин ӯҳдадории мӯҳлатнок ба бонк ҳуқуқ медиҳад, ки дар вақти расидани мӯҳлати баргардонидани қарз, бе огоҳии муштарӣ, маблағи қарзро аз ҳисоби вай ситонад.

**Қарз аз рӯи коғазҳои қиматнок** низ дода мешавад. Дар ин ҳолат қоғазҳои қиматнок чун гарави қарз истифода мешаванд.

**Қарз барои харидани амволи давлатӣ.** Барои гирифтани қарз ба ин мақсад муштарӣ ба бонк дар баробари ҳуҷҷатҳои муқаррарӣ ба таври илова ин ҳуҷҷатҳоро низ пешниҳод менамояд: иҷозатномаи Кумитаи амволи давлатӣ дар бораи

ғайридавлатӣ кардани амвол, санади нархгузории амволи фурӯхташуда, шартномаи хариду фурӯши ин амвол, ҳуҷҷат дар бораи ба моликияти шахсӣ ё хусусӣ гузаштани амвол, ҳисоби бозхариди он, ҳисоби мӯҳлати баргардонидани қарз ва ғайра.

Қарз барои харидани молу мулки давлатӣ одатан бо маблағи дар ҳуҷҷати пешниҳодкардаи муштарӣ муайяншуда дода мешавад. Маблағи қарз аз ҳисоби карзи оддӣ ба ҳисоби Кумитаи амволи давлатӣ гузаронида мешавад ва баъдан аз ҳисоби вай ба буҷети давлатӣ интиқол дода мешавад.

Фоизи ин шакли қарз бо маслиҳати тарафайн, яъне бонк ва муштарӣ бо назардошти вазъияти бозори қарзӣ ва сатҳи таваррум (инфлятсия) муайян карда мешавад.

Дар давраи истифода кардани қарзи бонк, муштарӣ ҳуқуқ надорад амволи аз ҳисоби қарз харидаашро бифурӯшад ё ба касс ҳадя кунад.

**Қарзҳои боваринок** умуман бе таъминоти моддӣ дода мешаванд, бинобар он ин шакли қарз он қадар инкишоф наёфтааст ва фақат ба муштарие дода мешавад, ки бонк вайро муштарии дараҷаи аввал мешуморад ва пардохтпазирии хуб дорад. Ин қарзҳо одатан ба мӯҳлати нисбатан кам дода мешаванд, бинобар он фоизи ин қарзҳо нисбат ба фоизи дигар шаклҳои қарз зиёдтар муайян карда мешавад.

**Қарз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)**

Дар шароити имрӯза қариб ҳамаи бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ба хоҷагии кишлоқ, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ хизмати бонкӣ мерасонанд. Ба хоҷагиҳои деҳқоние, ки барои харидани тухмӣ, сӯзишворӣ, техника ва дигар хароҷот пулашон намерасад, бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат медиҳанд.

Қарзҳои кӯтоҳмуддат ба мӯҳлати то як сол барои хароҷоти ҷории хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дода мешаванд. Қарзхои дарозмуддат бошад, барои харидани техникаи коркарди замин, ҳосилғундорӣ ва ғайра ба мӯҳлати зиёда аз як сол дода мешаванд.

**Тартиби додани қарзи дарозмуддат.**

Ин қарзҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ дар шароити ҳозира танҳо барои иншооти калони манфиати умумидавлатӣ дошта дода мешавад. Дигар субъектҳои хоҷагидорӣ барои сохтмон, васеъ кардани истеҳсолот, азнавсозии таҷҳизоти техникӣ аз қарзи дарозмуддати бонк истифода мебаранд.

**Тартиби додани карзи лизингӣ.**

Амалиёти лизингӣ амалиётест, ки ба корхонаи истеҳсолкунандаи мол воситаҳои истеҳсолот ё дигар амвол ба иҷора дода мешаванд. Аммо лизинг аз иҷора ба он фарқ мекунад, ки дар шартномаи лизинг шароити харида гирифтани таҷҳизоти ба иҷора додашуда пешбинӣ мешавад. Дар амалиёти лизинг одатан се тараф иштирок мекунанд: корхонаи истеҳсолкунандаи таҷҳизот; корхона ё ширкати иҷорадиҳанда, ки пули таҷҳизотро медиҳад ва корхонаи иҷорагир.

Шаклҳои зиёди лизинг вуҷуд дорад, аммо ҳамаи онҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:[17]

1. Лизинги зудамал.
2. Лизинги молиявӣ.

Ба **лизинги зудамал** шартномаҳое дохил мешаванд, ки мӯҳлати онҳо аз мӯҳлати хизмати таҷҳизот кам аст ва баъд аз тамом шудани мӯҳлати шартнома таҷҳизот ба иҷорадиҳанда баргардонида мешавад ва ӯ ин таҷҳизотро боз ба каси дигар ба иҷора медиҳад ё мефурӯшад.

Дар **лизинга молиявӣ** бошад, баъди ба итмом расидани мӯҳлати иҷора, иҷорагир метавонад таҷҳизотро бо нархи арзонтар, яъне бо арзиши боқимондаи он аз иҷорадиҳанда харида гирад.

Шакли асосии амалиёти лизингие, ки бонкҳои тиҷоратӣ мегузаронанд, лизинги молиявист.

---

[17] Банковское дело. Под ред. О. И. Лаврушина. М.: ББИКЦ, 1992, с. 240

Дар ҳолатҳое, ки мошин, таҷҳизот ё дигар воситаро ба иҷора медиҳанд, иҷорагир ба иҷорадиҳанда мувофиқи шартнома иҷорапулӣ медиҳад.

## Додани қарзи истеъмолӣ ба аҳолӣ

Қарзи истеъмолӣ яке аз воситаҳои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маблағҳои пулии иловагӣ ба шумор меравад. Дар доду ситади қарзи истеъмолӣ, қарзгиранда шахсони воқеӣ буда, қарздиҳанда муассисаҳои бонкӣ, корхона ва ё ташкилотҳо мебошанд. Қарзи истеъмолӣ ҳам ба шакли пулӣ ва ҳам ба шакли молӣ дода мешавад.

Дар ҳолати вафот кардани қарздор, боқимондаи маблағи қарзро меросхӯр, ки хона ба он (онҳо) чун мерос мондааст бояд ба бонк пардозад. Барои ин бонк бо он меросхӯре, ки хона ба вай ба мерос мондааст, шартномаи иловагӣ тартиб медиҳад ва ба расмият медарорад.

## Тартиби додани қарз бо асъори хориҷӣ

Ин қарз дар ҳамон ҳолат дода мешавад, ки муштарӣ дар ҳамин бонк ҳисоби асъори дошта бошад. Қарзи асъорӣ низ чун қарз ба пули миллӣ бо риояи усулҳои асосии қарз, яъне истифодаи мақсаднок, ба мӯҳлати муайян, дар вақти муқарраршуда баргардонидан ва таъминнокӣ дода мешавад.

Таъминнокии қарз бо ду усул сурат мегирад.

**Якум бо усули ба гарав мондани молу мулк** байни бонк ва муштарӣ шартномаи гарав ба имзо расонида ба расмият дароварда мешавад.

**Дуюм бо усули пешниҳод кардани кафолати бонки дигар ва ё ягон корхонаи пардохтпазир,** яъне вақти додани қарз аз суратҳисоб ё ҳисоби ҷории корхонаи кафолатдиҳанда на камтар аз 30%-и маблағи қарз ба шакли захираи эҳтиётӣ нигоҳ дошта мешавад.

Ба муштарӣ дар ҳолатхои зерин бо асъори хориҷӣ қарз дода намешавад, агар:

а) қарзи пеш гирифтаашро баргардонида набошад;

б) фоизи қарзи ҳисобшуда ва нопардохта дошта бошад;

в) вазъи ҳисоби муҳосибавӣ ва ҳисоботҳояш бонкро қонеъ нагардонад ва ғайра.

Фоизи қарзӣ бо асъори хориҷӣ додашуда аз рӯи сатҳи фоизи амонат ва пасандозҳо бо асъори хориҷӣ муайя карда мешавад.

## 8.4. Захираҳои қарзӣ ва ба нақша гирифтани онҳо

**Захираҳои қарзӣ ва таснифи онҳо**

Сарчашмаи асосии қарзи бонкӣ пеш аз ҳама маблағҳои пулии худи бонк аст.

**Яке аз сарчашмаҳои** зиёд кардани сармояи бонк интишор ва фурӯши қоғазҳои қиматнок аст. Бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ ду шакли қоғазҳои қиматнокро (саҳмияҳоро) нашр карда мефурӯшанд: саҳмияи оддӣ ва саҳмияи имтиёзнок.

**Сарчашмаи дигар** ва доимии қарзи бонкӣ ин амонат ва пасандозҳои муштариёни бонк ба шумор меравад. Аҳолӣ пули худро дар бонк ба ду шакл пасандоз менамояд:

а) ба мӯҳлати муайян;

б) бе муайян кардани мӯҳлат.

**Бозори қарзии байнибонкӣ** низ сарчашмаи захираҳои қарзӣ ба шумор меравад, зеро бонкҳое, ки захираҳои қарзиашон зиёд аст дар ин бозор онҳоро мефурӯшанд ва дигар бонкҳо ин захираҳоро харида, талаботи муштариёнашонро қонеъ мекунанд.

**Сарчашмаи дигар** ва муҳими захираҳои қарзии бонкҳои саҳомию тиҷоратӣ **карзи мутамаркизи Бонки миллӣ** аст.

## 8.5. Қарзҳои мушкилистон ва чораҷӯи оид ба ситондани онҳо

Ҳангоми қарз додан бонк дар шартномаи қарзӣ ҳама шарту шароити додани қарз, фоизи он ва мӯҳлати

баргардонидани қарзро дарҷ менамояд. Муштарӣ-гирандаи қарз онро бо фоизаш бояд дар вақти муқарраршуда баргардонад. Дар ҳолати додани қарз, бонк бояд эҳтимолияти барнагаштани ҳамаи қарз ё қисми онро дар назар бигирад

Қарзҳосро, ки бо сабабҳои объективӣ ва ё субъективӣ дар муҳлати муқарраршуда барнамегарданд аз ҳисоби қарз ба ҳисоби дигар, яъне ҳисобе, ки дар он қарзҳои муддати пардохташон ба таъхир афтодаанд ба ҳисоб гирифта мешаванд ва бонк фоизи қарзро зиёд мекунад. Ин гуна қарзҳоро ба қарзҳои мушкилситон дохил мекунанд.

Қарзҳос, ки бонкҳо ба муштариён медиҳанд ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

**Ба гурӯҳи якум қарзҳои «қолабӣ»** дохил мешаванд ва онҳо аз қарзҳос иборатанд, ки дар мӯҳлати муайяншуда бармегарданд ва онҳое, ки мӯҳлати баргардониданашон то 30 рӯз ба таъхир афтодааст, аммо таъминоти моддӣ доранд.

**Гурӯҳи дуюмро қарзҳои «ғайриқолабӣ»** ташкил медиҳанд. Инҳо қарзҳос ҳастанд, ки мӯҳлати баргардониданашон то 30 рӯз ба таъхир афтодааст ва таъминоти моддӣ надоранд, инчунин қарзҳос, ки мӯҳлати баргардониданашон то 60 рӯз ба таъхир афтодааст, аммо таъминоти моддӣ доранд.

**Гурӯҳи сеюмро қарзҳои «шубҳанок»** ташкил медиҳанд. Инҳо қарзҳос мебошанд, ки мӯҳлати баргардониданашон то 60 рӯз ба таъхир афтодааст ва таъминоти моддӣ надоранд. Ба ин гуруҳ инчунин қарзҳос дохил мешаванд, ки мӯҳлати баргардониданашон аз 60 то 180 рӯз ба таъхир афтодааст, аммо таъминоти моддӣ доранд.

**Гурӯҳи чаҳорӯм аз қарзҳои «беэътимод»** иборат аст ва инҳо қарзҳосанд, ки мӯҳлати баргардонидани онҳо то 180 рӯз ба таъхир афтодааст ва таъминоти моддии кофӣ надоранд.

**Ба гурӯҳи панҷӯм қарзҳои «хавфнок»** дохил мешаванд ва баргаштани онҳо аз эҳтимол дур аст. Инҳо қарзҳос ҳастанд, ки мӯҳлати баргардониданашон аз 180 рӯз зиёд ба таъхир афтодааст ва умуман таъминоти моддӣ надоранд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ новобаста ба он, ки қарзҳо ба кадом гурӯҳ дохил мешаванд, бонк бояд барои аз

тавозун (баланс) хориҷ сохтани зарарҳои аз ҳисоби додани қарз мегирифтааш захираи пулии эҳтиётӣ ташкил диҳад.

## Баҳисобгирии қарзҳои мушкилситон

Баъди додани қарз корманди шӯъбаи қарзии бонк бояд аз болои гардиши маблағҳо назорати доимӣ барад. Ин назорат бо ду роҳ сурат мегирад. Кормандони шӯъбаи қарзии бонк бояд доимо рӯйхати қарзҳои додашударо дошта бошанд ва аз рӯи баргаштани онҳо назорат баранд.

Қарзҳои додашударо бонк дар ҳисоби ҷудогона ба ҳисоб мегирад. Дар ҳолати ба таъхир афтодани мӯҳлати баргардонидани қарзи ба пули миллӣ додашуда онро дар ҳисоби махсуси № 11117 «Қарзҳос, ки мӯҳлати пардохташон ба таъхир афтодааст», агар қарз ба асъори хориҷӣ дода шуда бошад дар ҳисоби № 11119 ба ҳисоб гирифта, аз онҳо фоизи зиёд, яъне фоизи ҷаримавӣ ситонида мешавад.

Қарзҳое, ки бонк ба муштариён медиҳад бояд таъминоти моддӣ дошта бошанд. Аксаран қарз ба гарави ягон чиз дода мешавад. Агар моли корхона ба гарав монда шавад, арзиши мол бояд баробари маблағи қарз ё аз он зиёд бошад.

**Қарзи таъминоти моддӣ надошта** ҳамон қарзе ҳисоб мешавад, ки умуман таъминоти моддӣ надорад ё таъминоти моддиаш аз 60 фоизи маблағи қарз камтар аст.

## Чораҷӯӣ оид ба ситонидани қарзҳои мушкилситон

Қарзҳое, ки дар мӯҳлати муқарраршуда бар намегарданд аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти иқтисодию молиявии корхона суст шудааст ва қарзро дар мӯҳлати муқарраршуда баргардонида наметавонад. Дар ин ҳолат корманди шӯъбаи қарзии бонк тавозун ва дигар ҳисоботи корхонаро ҳаматарафа таҳлил намуда, сабабҳои норасоӣ дар фаъолияти корхонаро

муайян менамояд. Агар зарур бошад ба корхона рафта фаъолияти онро дар ҷояш месанҷад.

Барои баргардонидани қарзҳои мушкилситон бонк бояд чораҳои заруриро биандешад:

- дигар кардани таркиби қарз, яъне агар илоҷаш бошад мӯҳлати баргардонидани қарзро тамдид намудан;
- талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ ва гарави иловагӣ;
- ҳангоми мавҷудияти гарав онро фурӯхта қарзро баргардонидан;
- бо роҳбарияти корхона кор бурдан; дар ҳолати зарурӣ иваз кардани роҳбарияти корхона;
- интишор ва фурӯши саҳмияҳои нав ва ғайра.

Агар дар натиҷаи ин чораҷӯиҳо фаъолияти корхона беҳтар нагардад ва эхтимолияти баргаштани қарз номуайян монад, пас бонк корхонаро муфлис эълон намуда, барои ситонидани қарз ҳуҷҷатҳои заруриро тартиб дода, ба суди иқтисодӣ муроҷиат менамояд.

## Ташкили захираҳои пулӣ барои аз ҳисоб хориҷ намудани қарзҳои мушкилситон

Эҳтимолияти хатари барнагаштани қарзҳои додашуда доимо вуҷуд дорад. Бинобар ин, бонк новобаста аз он ки қарзҳои додааш бармегарданд ё не, бояд барои пӯшонидани зарари эҳтимолӣ аз додани қарз захираи пулӣ ташкил диҳад.

Бонк бояд ҳар рӯз аз ҳаҷми қарзҳои додааш камаш 2% захираи пулӣ ташкил дода, дар ҳисоби алоҳида №10999 «Захира барои талафоти имконпазир аз қарз» ба ҳисоб гирад. Агар қарз гурӯҳи дуюм, яъне «ғайристандартӣ» бошад бояд 5% аз ҳаҷми ин қарз захира намояд.

Дар ҳолати мавҷуд набудани қарзҳои «шубҳанок» баробари 30% ҳаҷми ин қарзҳо захираи пулӣ ташкил диҳад. Агар қарзҳои хатарнок мавҷуд бошанду мӯҳлати бар гардонидани онҳо аз 60 то 180 рӯз ба таъхир афтода бошад, бонк бояд баробари 75%-и маблағи онҳо захираи пулӣ ташкил намояд.

Ҳангоми муайян намудани қарзҳои «бсэътимод», ки мӯҳлати пардохтанон аз 180 рӯз ва зиёдтар ба таъхир афтодааст ва таъмини моддӣ надошта бошанд, бонк бояд баробари 100%-и маблағи онҳо пул захира намояд.

## Аз ҳисоб хориҷ кардани қарзҳои мушкилситон

То аз тавозун хориҷ сохтани қарзҳои мушкилситон корманди бонк бо роҳбари корхона сӯҳбат намуда, ҷиҳати баргардонидани қарзи гирифтааш кор мебарад ва бо ҳам роҳҳои ҳалли мусбати масъаларо меҷӯянд. Агар мӯҳлати баргардонидани қарзро бештар аз ду маротиба дароз карда бошанду қарз барнагашта бошад, онро аз тавозуни бонк хориҷ месозанд.

## Мавзӯи 9. НИЗОМИ ҲИСОБУ КИТОБ ДАР БОНКҲО

*Нақша:*

*9.1. Аҳамият ва шаклҳои ҳисобу китоб дар бонкҳо*
*9.2. Тавозуни бонк ва усулҳои тартиб додани он*
*9.3. Проблемаҳои гузариш ба ҳисобҳо мувофиқ ба талаботҳои МСФО*

### 9.1. Аҳамият ва шаклҳои ҳисобу китоб дар бонкҳо

**Ҳисоботи бонкӣ** - ин низоми ягонаи тавсифи миқдорӣ ва нишондодҳосест, ки дар он вазъи молӣ, амволӣ ва ҷамъбасти фаъолияти муассисаи қарзӣ инъикос мегардад.

Вазифаҳои асосии ҳисоботи бонкӣ аз инҳо иборат аст:

- ташкили пурра ва аниқи ахборҳо оиди фаъолияти бонкӣ ва вазъи амволии он, ки барои истифода ва таҳлили ҳисоботи бонкӣ, барои роҳбарияти бонк, саҳомон, иштирокчиёни ташкилот, инвесторон ва кредиторон равона карда мешавад;
- баҳисобгирӣ, таҳлили пурра ва аниқи амалиётҳои бонкӣ ба мақсади тараққиётиояндаи муассисаи бонкӣ, қабули қарорҳои лозима ва назорати бонкӣ;
- ба мақсади мустаҳкам сохтани вазъи молии муассисаи қарзӣ, ошкор сохтани захираҳои дохилихоҷагӣ ва аз байн бурдани вазъи номуносиби фаъолияти бонкӣ.

Таснифи намунаи ҳисобот дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

*Ҷадвали 1*

**Таснифи намунаи ҳисоботҳои бонкҳо**

| *Аломатҳои тасниф* | *Намунаи ҳисобот* |
|---|---|
| Аз рӯи намудҳо | Молӣ<br>Ҳисоботӣ<br>Оморӣ |

| | |
|---|---|
| Аз рӯи аҳамияташ | Асосӣ<br>Иловагӣ |
| Аз руи мӯҳлати давраги | Ҳамарӯза<br>Панҷрӯза<br>Даҳруза<br>Ҳармоҳҳа<br>Семоҳҳа<br>Нимсола<br>Нӯҳмоҳҳа<br>Солона |
| Ҳисоботе, ки на ҳама вақт тартиб дода мешавад | Мувофиқи талаби Бонки миллӣ |
| Ҳисобот мувофиқи талаботҳои стандартӣ | Ҳисобот мувофиқи стандартҳои миллӣ<br>Ҳисобот мувофиқи стандартҳои МСФО |

Ба **намунаи молӣ** инҳо дохил мешаванд:
- ҳисобот оиди фоида ва зарар;
- маълумот оиди захираҳо барои пӯшидани зарари имконназир;
- маълумот оиди активу пассивҳо мувофиқи мӯҳлати талабот ва пардохт

Ба **намунаи ҳисоботӣ** инҳо дохил мешаванд:
- варақаи гардиши ҳисоби муросилотӣ;
- ҳисобот оиди амалиётҳои хазинавӣ;
- ҳисобот мувофиқи картотекҳое, ки дар мӯҳлаташ пардохт нашудаанд.

### 9.2. Тавозуни бонк ва усулҳои тартиб додани он

Дар ҷадвали 2 намунаи тавозуни бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

*Ҷадвали 2*

Намунаи тавозуни бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| *№ ҳисобҳои тавозунӣ* | *Номгӯи ҳисобҳои тавозунӣ* |
|---|---|
| | АКТИВҲО (х/т. 10, 11, 15, 17) |
| 10100 | Пули нақд |
| 10300 | Барои гирифтан аз БМТ |
| 10500 | Барои гирифтан аз дигар бонкҳо |
| 10530 | Қарзҳои байнибонкӣ - барои гирифтан |
| 10570 | Хариду фуруши коғазҳои қиматнок |
| 10590 | Барои гирифтан аз муассисаҳои ғайрибонкӣ |
| 10700 | Лизинг (иҷора) |
| 10900 | Қарзҳо |
| 10969 | Захираҳои қарзӣ |
| 10977 | Захираҳои талофоти имконпазири қарзҳо (ЗТИҚ) |
| 11100 | Қарзҳои ба таъхир афтода |
| 11177 | ЗТИҚ-и қарзҳои ба таъхир афтода |
| 11300 | Васиқаи харид карда шуда |
| 11500 | Қарзҳо бо аккредитив |
| 11591 | Захираи талафоти имконпазир (ЗТИ) бо аккредитивҳо |
| 11700 | Қарзҳои бо аксепт пардохт шуда |
| 11790 | ЗТИ бо аксептҳо |
| 11900 | Коғазҳои қиматнок барои савдо |
| 13100 | Коғазҳои қиматнок барои фурӯш |
| 15100 | Металлҳои қиматбаҳо барои фурӯш |
| 15300 | Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ |
| 15500 | Маблағгузориҳо |
| 15700 | Барои гирифтан аз Сарбонк |
| 15900 | Бинои бонк, мебел ва таҷҳизот |
| 17500 | Дигар активҳо |

| | |
|---|---|
| **ПАССИВҲО (х/т. 20, 22, 24, 26)** | |
| 20200 | Депозитҳо (амонатҳо) |
| 20240 | Қарзҳои субординирї барои пардохт |
| 20400 | Барои пардохт БМТ |
| 20600 | Ҳисобҳои муросилотии ҷорӣ барои пардохт |
| 20660 | Хариду фурӯши коғазҳои қиматнок |
| 20800 | Ҳисобҳои муросилотии ҷорӣ барои пардохт ба хориҷа |
| 20860 | Коғазҳи қиматноки интишори бонк |
| 22200 | Барои пардохт – дигарҳо |
| 22260 | Анҷомҳои молӣ |
| 22400 | Акссптҳо (пазираҳо) |
| 22600 | Барои пардохт ба Сарбонк (филиалҳо) |
| 22800 | Барои пардохти бонк ва интиқоли воситаҳои пулӣ |
| 24200 | Аккредитивҳои хазинавӣ |
| 24400 | Фоизи ҳисоб шуда барои пардохт |
| 24600 | Амалиёт бо коғазҳои қиматнок |
| 24800 | Насияи гирифташуда |
| 26200 | Дигар уҳдадориҳо |
| | |
| **САРМОЯ (х/т. 30, 31)** | |
| 30300 | Сармояи саҳмдорӣ |
| 30600 | Барзиёдии сармоя |
| 31500 | Захираи азнавбаҳодиҳӣ |
| 31700 | Фоида / зарари соли ҷорӣ |
| 31900 | Қарзҳои тахассусӣ |
| | |
| **ДАРОМАДҲО (х/т. 40, 42 44)** | |
| 4000 | Даромадҳо |
| 40200 | Даромадҳои фоизӣ |
| 40400 | Даромад аз ҳисоби комиссияи бонк |
| 40600 | Даромад аз хизматрасониҳо / пардохти хизматҳо |
| 40800 | Даромад аз ҳисоби коғазҳои қиматнок ва фузулоти қиматнок |

| | |
|---|---|
| 42200 | Даромад аз ҳисоби амалиётҳои асъорӣ |
| 42400 | Даромад аз ҳисоби иҷора |
| 42600 | Даромад аз ҳисоби суд (дивидендҳо) |
| 42800 | Даромадҳои ҳархела |
| 42860 | Даромад аз ҳисоби амалиётҳои ғайритавозунӣ |
| 44200 | Камшавии ЗТИҚ аз ҳисоби ҷобаҷокунии нархи активҳо |
| 44400 | Даромадҳои фавқулода |
| | **ХАРОҶОТҲО (х/т. 51, 53, 55, 57)** |
| 51100 | Хароҷоти фоизӣ |
| 51500 | Хароҷоти молӣ ва дигар хароҷотҳо |
| 51900 | Хароҷоти коғазҳои қиматнок ва фузулоти қиматбаҳо |
| 53100 | Хароҷоти амалиётҳои асъорӣ |
| 53500 | Ҷубронпулӣ ва пардохтҳои иловагӣ |
| 53700 | Пардохти хизмати идоракунӣ |
| 53900 | Ҷаримаҳо |
| 55100 | Андоз ва иҷозатномаҳо |
| 55500 | Ҳисоб кардани хурдашавӣ ва истеҳлок |
| 57100 | Хароҷот барои ташкили ЗТИҚ ва захира |
| 57300 | Хароҷоти амалиётҳои ғайритавозунӣ |
| 57500 | Хароҷотҳои ҳархела |
| 57700 | Хароҷотҳои фавқулода |
| | **ҲИСОБҲОИ ҒАЙРИТАВОЗУНӢ (х/т. 90, 91)** |
| 90100 | Аккредитивҳои (эътиборномаи) додашуда |
| 90300 | Аккредитивҳои гирифташуда |
| 90500 | Васиқаҳо барои инкассо |
| 90700 | Кафолатҳои напршудаи пардохтнашуда |
| 90900 | Хатҳои қарзҳои истифода бурда нашуда |
| 91100 | Амалиётҳои форвардии асъорӣ |
| 91300 | Ҳуҷҷатҳо барои нигоҳдорӣ |
| 91700 | Чакҳои мусофирии ба фурӯш нарафта |
| 91900 | Амонатҳо ва пардохтҳои қабулшуда |

| | |
|---|---|
| 93100 | Воситаҳои пулӣ ва амволҳое, ки бонк идора мекунад |
| 93300 | Дигар ҳисобҳои ғайритавозунӣ |
| 95100 | Активҳое, ки ба шарти баргардондан фурӯхта шудаанд |
| 97100 | Коғазҳои қиматнок |

Чунонс, ки мебинем тавозуни бонкӣ аз шаш қисмат (актив, пассив, сармоя даромадҳо, хароҷотҳо ва ҳисобҳои ғайритавозунӣ) иборат аст.

Дар қисмати ҳисобҳои **пассивии бонк** захираи бонк барои гузаронидани ҳар гуна амалиётҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳисобҳо захираҳои бонк, воситаҳои корхонаю муассиса ва шахси воқеӣ, даромадҳои буҷаи давлат, амонатҳо, воситаҳо барои ҳисобу китоб, фоидаи бонк, қарзҳои кредиторӣ ва ғайраҳо ҷой дода мешаванд.

Дар қисмати **ҳисобҳои активии бонк** пули нақд дар кассаҳои бонк, қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, хароҷотҳои буҷаи давлат, хароҷотҳои капиталӣ, қарзҳои дебиторӣ, дигар активҳо дохил мешаванд

Дар қисмати **ҳисобҳои ғайритавозунӣ** гардиши амвол ва ҳуҷҷатҳо, инкассо ва комиссия, сарбарги ҳисоботҳо ва васиқаю саҳмияҳо барои нигоҳдорӣ дар бонкҳо дохил мешаванд.

Ҳамаи ҳисобҳои тавозунӣ ба ҳисобҳои якуминдараҷа (ҳисобҳои синтетикӣ) ва дуюмдараҷа (ҳисобҳои аналитикӣ) ҷудо мешаванд.

Ҳангоми таҳлили тавозуни бонк ҳаҷми воситаҳои худдии бонк роли калонро мебозад, ки вай аз маҷмӯъи тамоми фондҳои бонк (оиннομавӣ, захиравӣ, махсус) ва захираҳои суғурта карда шуда иборат аст.

## 9.3. Проблемаҳои гузариш ба ҳисобҳои мувофиқ ба талаботҳои МСФО (СУҲМ)

Стандарти умумиҷаҳонии ҳисобҳои молӣ (СУҲМ) – ин кӯшиши чандинсолаи аналитикҳо, роҳбарон ва сармуҳосибони тамоми мамлакат буд, ки ба мақсади баланд бардоштани сифати ҳисобҳо ва дуруст нишон додани фаъолияти молии муассисаҳои қарзӣ равона карда шудааст. Ҳисобҳое ки мувофиқи СУҲМ тартиб дода мешаванд, дорои ахборҳои саҳҳе ва босифат буда, назар ба ҳисоботҳои пештара бартариҳои калон доранд, аз он ҷумла:

- ҷамъбасти таҷрибаи имрӯзаи ҷаҳонӣ дар соҳаи ҳисобот;
- шарти ба ҳисоботҳои дигар мамлакатҳо монанд кардан аз байн меравад;
- ин шакли ҳисобот аз тарафи кули мамлакатҳо истифода бурда мешавад;
- таъмини ахборҳои пурра ва саҳҳе;
- ба таври доимӣ мувофиқи талаботи ҷорӣ, таҷриба ва малакаи дар тамоми ҷаҳон ба даст омада такмил додани ҳисобу китоб;
- таъминоти муҳокимаронии умумӣ ва ба таври экспериментали ҷорӣ кардани стандартҳо;
- аз тарафи бисёре аз биржаҳо ва муассисаҳои умумиҷаҳонӣ қабул кардани стандартҳо.

Фарқи асосии СУҲМ аз ҳисоботҳои ҷойдошта дар мақсади охирини истифодабарии маълумотҳои молӣ зоҳир мегардад. Ҳисобҳои мувофиқи СУҲМ тартиб додашуда ба мақсади таъмин кардани маълумотҳои умумӣ барои инвесторон, кормандон, молрасонон ва дигар кредиторҳо, харидорон, давлат ва мақомотҳои он, ҳар гуна ҷамъиятҳо равона карда мешаванд.

Усулҳои асосии ҳисобҳои СУҲМ ва фарқияти онҳо аз ҳисоботҳои пештара аз инҳо иборат аст:

- усули фаъолияти доимо амалкунанда;
- усули фарқкунандаи маънои иқтисодӣ ва ҳуқуқидошта;
- усули муқоисакунии маълумотҳо;

- усули моҳиятан фарққунанда;
- усули баҳодиҳии активҳо, ӯҳдадориҳо ва сармоя;
- усули ҷой доштан ва боварӣ доштан;
- элементҳои ҳисоботи молӣ;
- талабот нисбати дастрас сохтани ахборотҳо ва ҳисоботҳои молӣ.

**Усули ҳисобкунӣ** бори аввал мувофиқи СУҲМ ба миён омад. Мувофиқи он даромаду хароҷотҳо дар вақте ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки онҳо ба ин вақт рост меоянд, на ба вақте, ки онҳо дар асл гирифта шудаанд.

# Мавзӯи 10. ХАВФИ БОНКӢ ВА ТАСНИФИ ОНҲО

*Нақша:*

*10.1. Мафҳуми хавфи бонкӣ*
*10.2. Хелҳои хавфи бонкӣ.*
*10.3. Таҳияи стратегияи хавфи бонкӣ*
*10.4. Барқарорсозии меъёри оптималии хавф*

## 10.1. Мафҳуми хавфи бонкӣ

Ҳар як бонк дар ҳолатҳои гузаронидани амалиёти бонкӣ метавонад ба хавфе дучор шавад. Бинобарин дар давраи гузариш дар низоми бонкӣ ба дуруст баҳо додани хавф диққати зарурӣ дода мешавад.

Дар давраи гузариш мафҳуми «хавф» дар ҳаёти ҳаррӯзаамон боз ҳам мустаҳкамтар ҷой мегирад. Дар гузаштаи наздик дар шароити иқтисодиёти муттамарказ ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ба таври қатъӣ дар асоси низомномаю дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷойдошта кор мекарданд ва бинобарин ягон зарурияте набуд, ки дар бобати хавф фикру андешае ронда шавад. Дар шароити бозоргонӣ бошад ҳамаи ин муқарраротҳо ба таври кулли дигар мешаванд. Ҳоло ҳар як субъекти бозор дар алоҳидагӣ ба таври худ рафтор мекунад.

Дар ин ҳол албатта танзими давлат низ амал мекунад. Маълум аст, ки соҳаи иқтисодиёт дар мамлакатҳои собиқ СССР ғайриустувор буд. Дар ин шароит бонкҳо маҷбуранд тамоми оқибатҳои манфӣ, талаботҳои рақибону мизоҷонашонро ба ҳисоб гиранд ва ивазшавии қонуниятҳоро дарк кунанд, зеро ин оқибатҳо ба баландшавии меъёри хавф оварда мерасонад.

**Хавф** – ин ногаҳонист, ки оқибати он талафот аст ва дар инҳол мумкин аст даромади дилхоҳ ба даст дароварда нашавад. Аз хавф гурехтан мумкин нест, онро идора кардан лозим аст.

Хавф ин таҳдиди аз тарафи бонк аз даст додани захираҳои бонкӣ, нагирифтани даромад, дар натиҷаи гузаронидани амалиётҳои молӣ хароҷотҳои барзиёд бурдан аст.

Фаъолияти бонкӣ аз хароҷотҳои зерин иборат аст:

- пардохти фоизи амонатгузорон;
- пардохт барои захираҳои қарзии дигар муссисаҳои молӣ;
- қарзи харид карда шуда, додани воситаи ҳақи меҳнати кормандон ва ғайраҳо

Бонк дар раванди фаъолияташ дар ҳолатҳои нагирифтани даромад ва ё аз меъёр зиёд хароҷот кардан метавонад зарар бинад. Мисол: дигар шудани ҳолатҳои бозор ба баланд шудани меъёри фоизҳо аз рӯи амонатҳо ҳисоб карда шуда, ба камёфтии захираҳои қарзӣ, нархи харид, баланд шудани маоши кормандон дар дигар муассисаҳои қарзӣ оварда мерасонад. Ҳамаи онҳо аз бонк талаб мекунанд, ки барои бартараф кардани ин камбудиҳо чораҳои далхдор дида бароянд. Ҳамаи ин онро тақозо менамояд ки хавф ин таъдиди он аст, ки бонк талафотҳои калонеро соҳиб мешавад. Ҳадди онҳо нишондиҳандаи меъёри хавфро нишон медиҳад.

## 10.2. Хелҳои хавфи бонкӣ

Хавфҳое ки бонкҳо мебаранд, дар натиҷаи гузаронидани ҳар гуна амалиётҳо ба вуҷуд меоянд. Дар таҷриба хелҳои зерини хавф вуҷуд доранд:[18]

- хавфи қарзӣ;
- хавфи бозорӣ;
- хавфи фоизӣ;
- хавфи асъорӣ;
- хавфи вазъӣ;
- хавфи пардохт накардан;
- хавфе, ки ба баста шудани маълумот мансуб аст.

[18] Н. А. Ашуров. Управление банковскими рисками. Душанбе, 1997. с. 47 - 49

**Хавфи қарзӣ** – ин вобаст аст аз ҳолатҳое ки дар натиҷаи он қарзгиранда наметавонад ӯҳдадориҳои молияшро иҷро намояд. Ин хавф метавонад бо гуноҳи аз тарафи муомилае ки ӯҳдадориҳояшро нисбати пардохти ашёҳои молӣ-материалӣ, иҷрои кор ва хизматҳо иҷро карда наметавонад, рух диҳад.

**Хавфи бозорӣ** – метавонад бо сабаҳои гуногун, аз он ҷумла дигар шудани меъёри фоизи қарз, дигар шудани фоиданокӣ, бекурбшавии пул ба амал ояд.

**Хавфи фоизӣ** – аз ноустувории меъёри фоизӣ вобастагӣ дорад. Ин хавф барои бонк аз он иборат аст ки бонк дар вақти додани қарз агар фоизи меъёрӣ зиёд шавад, метавонад ба ҳолати ногувор дучор шавад, зеро ки бонк маҷбур аст барои хариди амонатҳо ва захираҳо фоизи барзиёд диҳад, ин ба ҳаҷми фоидаи бонк таъсири манфӣ мебахшад.

**Хавфи асъорӣ** – аз ноустувории қурби асъор вобастагӣ дорад. Бонк дар ҳолатҳои гузаронидани амалиётҳои гуногун бо асъори хориҷӣ ба ин хавф дучор шуданаш мумкин аст. Мисол: дар вақти хариду фурӯши ресурсҳои қарзӣ ва додани қарзҳои асъорӣ ин хавф бештар ба амал омаданаш мумкин аст.

**Хавфи вазъӣ** – аз ҳолатҳои сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат вобаст аст. Агар дар мамлакат вазъи он дигар шавад, он гоҳ саҳмдорон метавонанд як қисми сармояашонро, дар баъзе ҳолатҳо ҳатто тамоми саҳмияашонро аз даст диҳанд.

**Хавфи пардохт накардан** – ин аз он вобаста аст ки дар ҳолати аз тарафи шахси муомил иҷро накардани ӯҳдадори-ҳояш механизми пардохт вайрон шуда, он ба бозоргирии бонк таъсири манфӣ мерасонад.

**Хавфе, ки ба баста шудани маълумот мансуб аст** – на ҳама вақт нашр карда мешавад. Ин ба он оварда мерасонад ки ҷамъият ва бонк наметавонад нархи ҳақиқии активи бонкро (қобилияти пардохт) фаҳмида гиранд. Барои ҳамин ҳам сифат ва нархи баҳодиҳии нархи активҳо аз кори бо салоҳияти менеҷменти бонкӣ вобаста аст.

## 10.3. Таҳияи стратегияи хавфи бонкӣ

Фаъолияти муассисаҳои бонкӣ чунон гуногуншакланд, ки мафҳуми ҳақиқии онро дарк кардан душвор аст. Дар замони ҳозира бонкҳо амалиётҳоеро мегузаронанд ки ҳар кадоми онҳо ба худ маънои гуногун доранд ва аз ин лиҳоз меъёри хавфи ҳар кадоми он ҳархела аст. Дар вақти баҳодиҳии хавф дар фаъолияти бонкӣ асосан этимолияти рақобатпазирӣ надоштани мизоҷон; бад шудани ҳолатҳои молии онҳо; этимоли гирифтани як қисми воситаҳои пулис ки дар амонатҳо мавҷуданд; дигар шудани қурби асъор ва нархи коғазҳои қиматнок ба назар гирифта мешавад.

Дар фаъолияти бонкӣ мувофиқи таҷриба хамаи омилҳои хавфро ба ҳисоб гирифтан номумкин аст, ба ин сабаб дар вақти баҳодиҳии хавф ба як қатор хатогиҳо роҳ додан мумкин аст. Аз ин ҷост ки хулосаҳо метавонанд нопурра ҷамъбаст карда шаванд. Новобаста ба ин ин ҳолатҳо, баҳодиҳии хавф шарту зарур аст.Таҳияи хавф аз якчанд марҳилаҳо иборат аст:

- маълум кардани омилҳое ки хелҳои хавфро дар ҳолатҳои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ паст ё баланд мекунанд;
- таълили ин омилҳо аз нуқати назари таъсир расондан ба онҳо;
- баҳодиҳии ҳар як намуди хавф дар алоҳидагӣ;
- барқарорсозии меъёри оптималии хавф;
- таҳлили ҳар як амалиётҳо аз нуқтаи назари мувофқоии меъёри хавф;
- коркарди чорабиниҳо оиди паст кардани хавф;
- ташкил кардани захира барои пӯшидани хавф. Дар вақти таҳлилҳо усулҳои зерин истифода бурда мешаванд:
- оморӣ - дар ин ҳол барои ҳисоб карда баромадани хавф тамоми нишондиҳандаҳои оморис ки ба нишондиҳандаҳои самарабахш дахл доранд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин ҳол ба мақсади ҳисоб кардани ҳисоботҳои аниқ ба қисмҳо ҷудокунии оморӣ зарур аст;

- услуби баҳодиҳии коршиносӣ (экспертӣ) аз услуби оморӣ танҳо дар услуби ҷамъ кардани маълумотҳо барои ҳар як хавф фарқ мекунад. Ин усул меъёри хавфи бо гуноҳи кормандони бонк содиршударо дарбар мегирад;
- усулуби аналитики. Ин усул дар таҷриба аз тарафи бонкҳо кам истифода бурда мешавад.

Ҳамаи ин услубҳои муайян кардани меъёри хавф метавонанд ҷиҳати ҳар як амалиёти бонкӣ дар алоҳидагӣ таҳлил карда шаванд.

## 10.4. Барқарорсозии меъёри оптималии хавф

Ҳар як корманди бонк баъди муайян кардани меъёри хавф, бояд дар алоҳидагӣ омилу сабабҳои пайдо шудани хавфро дар ҳар як амалиётҳои бонкӣ таҳти таҳлил қарор гирад. Дар ҳолати гузаронидани амалиётҳои бонкӣ барои бонк фаҳмидан зарур аст ки ҳаҷми хавф чӣ қадар аст ва аз меъёри оптималӣ ин хавф чӣ қадар фарқ дорад.

Ба сабаби он ки бонк дар шароити рақобатпазирии сахт фаъолият мекунад, пешрафти он ба се омилҳои асосӣ вобаст аст:

а) самаранок гузаронидани ҳар як амалиёт дар алоҳидагӣ;
б) ҳаҷми ин амалиётҳо;
в) меъёри хавфе ки бонк онро дар вақти гузаронидани амалиёт ба худ мегирад.

Чун қоида ҳар як бонк кӯшиш мекунад ки ҳаҷми амалиётҳои самаранокро зиёд кунад, аммо мумкин аст, ки меъёри хавф барои зиёд кардани ин амалиётҳо монеа шавад. Аз ин лиҳоз ба хулосае омадан мумкин аст, ки бояд ин нишондиҳандаҳо дар як тарозу гузошта шаванд, зеро зиёд кардани амалиётҳои самаранок дар ҳолати меъёри баланди хавф метавонад ба фаъолияти бонк таъсири манфӣ расонад.

Проблемаи тарозубандии ин нишондиҳандаҳо мегавонад чораҳои стратегияи хавфро ҳал намояд ва меъёри оптималии хавфро дар ҳоли гузаронидани амалиётҳои гуногун бозёфт намояд.

Меъёри оптималӣ аз тарафи кормандони бонк ҳисоб карда мешавад, бинобар ин ҳар як кормандони бонк вазифадор аст дар вақти ҳисоб кардани меъёри оптималӣ ба хатогиҳо роҳ надиҳад. Таҷриба нишон медиҳад ки дар бонке ки кормандони баландихтисос кор мекунанд ва нисбати хавф таҳлилҳо мегузаронанд меъёри хавф нисбат ба бонкҳое ки ба ин масъала диққат намедиҳанд, чандин баробар камтар аст.

Аз инҷост ки муқарар кардани меъёри оптималии хавф ин масъалаи махсусест ки имконият медиҳад ба самаранокии ҳар як амалиёти бонкӣ дар алоҳидагӣ баҳо дода шавад.

## Мавзӯи 11. РОҲҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ БО ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТҲО ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ҲОЗИРАЗАМОН

*Нақша:*

*11.1. Моҳияти бозорёбии бонкӣ*
*11.2. Мақсад ва усулҳои васеъ намудани бозор*
*11.3. Банақшагирии фаъолият ва бозорёбии бонкӣ*
*11.5. Амалиётҳои бонкӣ бо истифодабарии пулҳои электронӣ*
*11.6. Индустрияи кортҳои пластикии бонкӣ.*

### 11.1. Моҳияти бозорёбии бонкӣ

Фаъолияти маркетингии (бозорёбии) бонк аз маркетинги саноатӣ маъмулан фарқи куллӣ надорад, аммо дорои хусусиятҳои хосест, ки аз фаъолияти фарққунандаи бонк бар меояд. Мафҳуми маркетинг дар фаъолияти бонкӣ дар мамлакатҳои Аврупо хеле барвақт вуҷуд дошт ва бонкҳо бо ин усулҳо дар бозор амал мекарданд.

Иқтисоддонон бозорро «маҷмӯи харидорони доимии мол» номидаанд. Ба таври умумӣ муносибатҳои бозорӣ хеле барвақт дар давраҳое, ки ҳанӯз пул набуд вуҷуд дошт, зеро дар ҷои муайян як молистеҳсолкунанда молашро ба моли дигар иваз мекард ва дар баробари афзоиши тақсимоти меҳнати ҷамъиятӣ муносибатҳои бозорӣ низ васеъ мегардид.

Баъд аз пайдоиши пул муносибатҳои бозорӣ аллакай аз як минтақа ба минтақаи дигар гузашт ва ҳудуди ин муносибатҳо хеле васеъ шуд. Имрӯз дар гуфтугӯи субъектҳои бозор, бозори Аврупо ё бозори Осиёро шунидан мумкин аст. Албатта ин бозорҳоро аз рӯи ҳудуди ҷуғрофӣ ва дигар хусусиятҳо аз ҳамдигар ҷудо-ҷудо номбар мекунанд.

Бозор дар шароити мавҷуда ба бозори «харидор» ва бозори «фурӯшанда» ҷудо мешавад. Ин ҷудосозии бозор албатта шартист, зеро иқтисоддонон ҳар кадоми ин бозорро аз нигоҳи назариявӣ ба таври ҷудогона тақсим мекунанд ва

месомӯзанд. Таҳқиқи ҷудогонаи ин бозорҳо низ зарур аст, зеро дар натиҷаи таҳқиқ амали ҳар як субъекти он ба таври васеъ омӯхта мешавад. Аммо бояд фаромӯш накунем, ки фурӯшандаю харидор бе якдигар вуҷуд дошта, амал карда наметавонанд, ба истиснои он, ки бо ҷойгиршавии минтақавӣ аз ҳамдигар ҷудо амал намоянд.[19]

Авҷ гирифтани бозори харидор ба гуногунии навъҳои хизмат, навъҳои гуногуни мол ва сифати онҳо вобастагии зиёд дорад ва бояд талаботи муштариёнро (харидоронро) қонеъ гардонида тавонад. Бояд тазаккур дод, ки харидор на танҳо ба сифати мол ё хизматрасонӣ, балки ба нархи он низ аҳамият медиҳад. Гуфтан мумкин аст, ки бозор ин як чизи дар дохили чорчӯба амалкунанда нест, балки тарафҳои он серсоҳа ва хеле мураккабанд.

Имрӯз дар бозорҳои молиявию бонкӣ хизматҳои гуногуншакл хеле зиёданд, аммо харидорон (муштариён) он қадар завқи аз ин хизматҳо истифода кардан надоранд. Ин маънои онро надорад, ки шахсони ҳуқуқию воқеӣ намехоҳанд аз ин хизматҳо истифода баранд. Дар ин бозор баъзе корҳоро тавре ба роҳ мондан зарур аст, ки барои муштариён ҳам созгор ва ҳам осон бошад. Агар бозори бонкиро имрӯз таҳлил кунед, муайян менамоед, ки сатҳи хизматрасонӣ дар ҳамаи бонкҳо яхкелу якнаво нест.

Фаъолият намудан дар шароити иқтисоди бозорӣ талаб менамояд, ки ҳар субъекти бозор, аз ҷумла низоми бонкӣ барои васеъ намудани фаъолияташ бо роҳи зиёд намудани хизматрасонӣ ва зиёд намудани муштариёни худ кӯшишҳои зиёд ба харҷ диҳад.

Дар шароите, ки рақобат байни субъектҳои бозор авҷ мегирад, бе ҷустуҷӯи бозорҳои нав ва шаклҳои хизматрасонии нав фаъолият намудан ва ба даст овардани даромаду гирифтани фоида мушкил мегардад. Имрӯз ин рақобатро дар бозори бонкӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, дар бозори бонкӣ боз субъектҳое ба вуҷуд омада

[19] Н. Ашуров, И. Лалбеков. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, 2002, с. 242

истодаанд, ки ба субъектҳои хоҷагидорию аҳолӣ хизматҳои пулии ғайрибонкӣ мерасонанд, зиёд шудани ин субъектҳои бозор оҳиста-оҳиста боиси маҳдудияти бозори бонкӣ мегардад.

Фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ аз ҳар бонки ҷудогона талаб менамояд, ки роҳҳои васеъ намудани бозори бонкиро биҷуяд, миқдори муштариён ва навъҳои хизматрасониро зиёд кунад, то ки дар шароити ин бозор мавқеи худро нигоҳ дорад. Ин амал аз бонкҳо талаб мекунад, ки навъҳои гуногуни хизмати бонкиро дарёфт ва усулҳои хизматрасонии бонкиро соддатар намоянд.

Ин амал бе баланд шудани сатҳи малакаи хизматрасонии кормандони бонк муяссар намегардад. Аз ин рӯ иқтисоди бозорӣ боз бонкҳоро водор мекунад, ки малакаи ихтисосии кормандонро низ боло баранд. Дар ҳамон бонке, ки имрӯз сатҳи хизматрасонӣ баланд аст ва ба талаботи замон ҷавоб дода метавонад, аз он муштариён розиянд ва муштариёни дигар бонкҳо кӯшиш хоҳанд кард, ки ҳисобҳои худро аз бонки худ ба ин бонк гузаронанд.

Умуман, афзоиши рақобат дар хизмати бонкӣ бояд боиси беҳтар шудани хизматрасонӣ, кам кардани нархи он ва соддатар шудани ҷараёни хизматрасонӣ гардад.

## 11.2. Мақсад ва усулҳои васеъ намудани бозор

Тавре ки дар боло зикр намудем, барои дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолият намудан, бонк бояд ҳаматарафа бикӯшад. Вай дар назди худ масъалаҳоро бояд тавре гузорад, ки ба мақсадҳои дар пешистодааш ноил гардад. Ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда талаб менамояд, ки бозори бонкӣ ба таври муфассал омӯхта шавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар бонк бозори бонкиро ҳаматарафа наомӯзад даромад ва фоидаи пешбинишударо ба даст оварда наметавонад. Имрӯз танҳо бо воситаи қарз додану қарз ситонидан даромаду фоидаи пешбинишударо ба даст овардан мушкил аст. Субъектҳои хоҷагидорӣ, яъне шахсони ҳуқуқӣ ва

воқеӣ дар бозор иштирок намуда, амалиёти барояшон созгор ва фоидаоварро меҷӯянд.

Масалан, дорандаи маблаги пулӣ, пули худро ба амонат ва ё пасандоз намегузорад ва ӯ мехоҳад қоғази қиматнок харад, зеро фоида аз ин амалиёт нисбат ба он ки вай пулашро ба амонат гузорад зиёдтар аст. Дар ин ҳолат бонк метавонад қоғазҳои қиматноки дар дасташ доштаро ба муштарӣ фурӯшад ё бо хоҳиши муштарӣ барои ӯ аз дигар субъекти хоҷагидорӣ-дорандаи ин қоғазҳои қиматнок харидорӣ кунад. Аз ин амалиёт бонк низ фоида мебинад.

Мисоли дигар, дорандаи қоғазҳои қиматнок ба бонк муроҷиат мекунад, ки қоғазҳои ӯро ба харидорон бифурӯшад. Бонк метавонад ҳамаи қоғазҳои қиматноки ӯро бо нархи каме арзонтар бихарад баъд ба харидорони дигар ё дар биржаи қоғазҳои қиматнок бифурӯшад ва аз ин амал даромад ба даст орад.

Барои ба даст овардани мақсадҳои дарпешистода бонк бояд имкониятҳои мавҷударо бисанҷад. Санҷидан ва баҳо додан ба имкониятҳои мавҷуда роҳбарони бонкро огоҳ мекунад, ки дороӣ ва тавозуни худро ба талаботи бозор мувофик созанд.

Таҳлили ин имкониятҳо бояд аз нуқтаи назари шароити дохилӣ ва берунии бонк омӯхта шавад.

Таҳлили имкониятҳои дохилии бонк аз омӯхтани шароити молиявии он огоз гардида, феҳристи хизматрасониҳо, сатҳи нақшакашӣ, таъминот бо мошинҳои ҳозиразамон, малакаи кормандон, сифати фаъолияти маркетингӣ дар давраи гузашта, инчунин сохтори бонкро дар бар мегирад.

Дар таҷриба одатан ҳамаи нишондодҳоро таҳлил менамоянд. Аммо барои дарёфт намудани имкониятҳои бонк таҳлили тавозуни он кофист, зеро аз таҳлили тавозун. барои муайян намудани имкониятҳои бонк маълумоти кофӣ дарёфт кардан мумкин аст.

Тавозуни бонк сарчашмаи асосии маълумот аст. Аз рӯи маълумоти тавозун фаъолияти корхонаро тавсиф кардан имконпазир аст. Таҳлили тавозун имкон медиҳад, ки сатҳи

пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва хатари бонкиро аз амалиёти содиркардааш муайян намоем. Баъд аз муайян намудани имконниятҳои бонк, шароити бозорро омӯхтан зарур меояд.

Интихоби бозор дар фаъолияти маркетингии бонк марҳалаи асосӣ ба шумор меравад. Барои интихоби бозор пеш аз ҳама бояд талабот ба ин ё он навъи хизматрасонӣ омухта шавад.

Талабот ба маънои умумиаш - талаботи ҷамъиятӣ ва ё шахсӣ ба ягон неъмати моддӣ ва хизматрасонӣ, воситаҳои истеҳсолот ва воситаҳои истеъмолӣ аст. Ба сатҳи талабот бисёр омилҳо, яъне омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонанд. Ба таври умумӣ моҳияти талабот саволҳои зерин аз ҷумла: «Барои ҷамъият ҳамин мол ё хизматрасонӣ зарур аст ё не?», «Ба кадом андоза ба онҳо талаботи ҳақиқӣ вуҷуд дорад?» ва ғайраро дар бар мегирад.

Барои бонк донистани талабот ба ин навъи мол ё хизматрасонӣ нокифоя аст, вай бояд боз пардохтпазирии муштариён, яъне таъмини талаботро бо маблағҳои пулӣ низ бидонад. Илова бар ин, бонк бояд ба интихоби муштарӣ низ аҳамияти зиёд диҳад.

Умуман ҷараёни омӯхтани талабот ду лаҳзаро дар бар мегирад:

1. Омӯхтани сатҳи талаботи ҷорӣ;
2. Пешбинии кардани талабот.

**1. Омӯхтани сатҳи талаботи ҷорӣ.**

Барои омӯхтани ин талабот дар назди шӯъбаи бозоршиносии бонк дида баромадани масъалаҳои ба вуҷуд омадани талабот ба ин ё он шакли хизматрасонӣ ва муайян кардани муштариёни доимӣ дар навбати аввал меистад. Ин шӯъба доир ба ривоҷ додани ҳамон навъи хизматрасониҳос, ки имрӯз ба онҳо талабот бисёр аст, бояд ба роҳбари бонк пешниҳодҳо омода созад.

2. **Пешбинӣ кардани талабот.**

Барои ба таври дуруст пешбинӣ кардани талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ кормандони бонк бояд тамоюли хизматрасониҳои бонкиро ҳаматарафа омӯзанд.

Таҳлили хизматрасониҳои бонкиро аз тамоюли тағйирёбии онҳо оғоз намуда, омилҳои ба онхо таъсиркунандаро дарёфт намудан зарур аст. Корманди бонк, ки бо ин масъалаҳо сару кор дорад бояд тамоюли ояндаи муштариён ва талабот ба хизматҳои бонкиро омӯзад.

Масалан, гурӯҳи одамони сармоядор дар минтақа меафзоянд ва онҳо дар оянда ба чунин хизматҳои бонкӣ эҳтиёҷ пайдо мекунанд: доштани сандуқҳои ҷудогона барои ҳифзи дороиҳои худ; маслиҳатдиҳӣ оид ба андозсупорӣ; маслиҳатпурсӣ оид ба сармоягузорӣ, гирифтани қарз ва ғайра.

Дар баробари омӯхтани тамоюли тағиирёбии талабот ба хизматҳои бонкӣ, омилҳои ба ин талабот таъсиркунандаро низ омӯхтан зарур аст.

Ба талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ омилҳои зерин таъсир мерасонад:

а) омили сиёсӣ (қабули қонун ва қарорҳои нав);

б) омилҳои иқтисодӣ (тағиирёбии сатҳи истеҳсолот, тағйирёбии пардохтпазирии муштариён ва монанди инҳо);

в) омилҳои фарҳангӣ ва таърихӣ;

г) тағйирёбии нархи хизматрасониҳои бонкӣ;

д) ба вуҷуд омадани рақобат аз тарафи дигар институтҳои молиявӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар асоси омӯхтани талабот ба хизмати бонкӣ дар давраҳои оянда бозори бонкиро васеъ кардан мумкин аст.

## 11.3. Банақшагирии фаъолият ва бозорёбии бонкӣ

Дар кадом шароите, ки бонк амал мекунад бояд фаъолияти худ ва фаъолияти шӯъбаҳои худро ба нақша гирад. Рақобат дар бозор ҳар бонкро водор менамояд, ки омилҳои дохилӣ ва берунаро ҳаматарафа таҳлил намуда, стратегия ва мақсадҳои ба даст овардани онро тартиб диҳад.

Ҷараёни банақшагирӣ тартиби додани мақсадҳои бонк аст, ки дар давоми фаъолияти худ ба мақсадҳои пешгирифта ноил гардад ва фоида ба даст меорад. Нақшагирӣ боз барои он зарур аст, ки дар пеш мумкин аст тағйироти зиёде ба вуҷуд ояд.

**Нақшагирӣ** - фаъолияти хеле мураккаб буда, аз як тараф дар вақти муайян намудани стратегияи бонк, фикру ақида, майли фаъолият, мақсад ва рафтори онро дар ҳалли мақсадҳои дарпешистода дарбар мегирад ва аз тарафи дигар нақшаи тактикӣ тартиб медиҳад, ки дар он тадбирҳо ва роҳҳои иҷроиши стратегия дарҷ карда мешавад.

Нақшаи стратегии бонк масъала ва вазифаҳои онро ба таври васеъ дар бар гирифта, роҳ ва воситаҳои ба ин мақсад расиданро дар худ дарҷ менамояд.

Нақшаи тактикӣ барои иҷрои вазифаҳои алоҳида равона карда мешавад, ки нақшаи стратегиро қувват медиҳад. Дар нақшаи тактикӣ роҳҳои ҳалли масъалаҳо ва ба ин мақсад расидан пешбинӣ карда мешавад.

Дар нақшаи молиявӣ мақсадҳо ва табирҳое дарҷ карда мешаванд, ки мувофиқ ба онҳо роҳҳои идора кардани бонк муайян карда шуда, натиҷаҳои тахминии ба дастоянда пешбинӣ карда мешаванд. Дар натиҷа даромаду хароҷоти бонк тахминан муайян карда мешавад ва дар нақшаи молиявӣ хароҷот дарҷ мегардад.

Омилҳоеро, ки ба воситаи онҳо бонк метавонад бозори худро васеъ кунад, ба 4 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Хизмати бонкӣ** – омили асосии ҷараёни банақшагирӣ ба ҳисоб меравад, зеро ҳамаи муносибатҳои бонк бо муштариён дар ҷараёни хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд. Банақшагирии хизмати бонкӣ ба ду давра ҷудо мешавад. **Дар давраи якум** тамоми навъҳои хизматрасонии мавҷуда арзёбӣ карда шуда, **дар давраи дуюм**, имконияти тағйир додани феҳристи хизматрасонии бонкӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад ва шароити зиёд кардани навъҳои нави хизматрасониро дида мебароянд.

Дар байни хизматҳои бонкӣ ҷалби амонат, пасандозҳо ва додани қарз хизматҳои асоситарин ба ҳисоб мераванд. Фарк байни фоизе, ки бонк ба соҳибони амонатҳо медиҳад аз фоизе, ки аз додани қарз мегирад, даромади асосии бонкро ташкил медиҳад.

Зиёд кардани навъҳои хизмати бонкӣ талаб менамояд, ки кормандони бонк малакаи кории худро боло бардоранд. Барои беҳтар омӯхтан таснифи хизматҳои бонкиро тартиб додан зарур аст.. Таснифи зерини хизматҳои бонкӣ дар аксари мамлакатҳо қобили қабул аст: хизматҳои амонатӣ; хизматҳои қарзӣ; хизматҳои сармоягузорӣ (инвеститсия); дигар хизматҳо.

Ба таври умумӣ сарчашмаҳои пулии бонкро ин тавр нишон додан мумкин аст: амонат; қарзҳое, ки бонк мегирад; сармояи саҳомӣ.

Амонат дар навбати худ ба амонати бемӯҳлат ва амонати мӯҳлатдор ҷудо мешаванд.

**Дорандаи амонати бемӯҳлат** ҳуқуқ дорад барои гузаронидани амалиёт ба бонк чек ё ҳуҷҷати дигар пешниҳод намуда, талаб намояд, ки маблағи пулии дар он дарҷ кардашударо ба ҳисоби дигар интиқол бидиҳад ва ё ба шакли нақд ба ӯ супорад. Аз рӯи амонатҳои бемӯҳлат бонк фоиз намедиҳад ва агар диҳад ҳам ин фоиз хеле ночиз аст.

Дар шароити имрӯза шакли **амонати (депозити) мӯҳлатдор** зиёд шуда истодааст, зеро дорандаи маблағҳои пулӣ мехоҳад пуле, ки дар бонк мемонад барояш даромад биёрад. Бинобарин вай дар вақти ба бонк ба амонати мӯҳлатдор мондани пул бо бонк шартнома мебандад.

Дар ҷараёни банақшагирии бозоршиносии бонкӣ ба муайян намудани **нархи хизмат** бояд зиёдтар аҳамият дода шавад, зеро нархи хизмат сарчашмаи асосии даромади бонк аст. То оғози нархгузорӣ ба хизматҳои бонкӣ, хароҷоти бонкиро ҳаматарафа таҳлил кардан зарур аст.

Стратегияи нархгузорӣ мақсадҳои зерин дорад; ба даст овардани ҳадди аксари фоида; дар бозор нигоҳ доштани мақоми худ; зиёд намудани навъҳои хизматрасонӣ.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ навъҳои зиёди **хизмати бонкӣ** муайян шудааст, монанди: хизматҳои сармоягузорӣ, нигоҳ доштани дорой, додани ҳар навъ маслиҳат, додани ҳар навъ маълумот, хизмати аудиторӣ, муҳандисӣ ва дигар хизматҳо.

**Ҳавасмандгардонӣ** низ дар фаъолияти бозории бонк омили муҳим ба шумор меравад, онро ба ду гурӯҳи асоси ҷудо кардан мумкин аст: а) ҳавасмандии кормандони бонк барои ҷалби муштариён; б) ҳавасманд гардонидани муштариён барои истифодаи хизмати бонкӣ.

Алоқамандии нақшакашӣ бо ташкил ва идора намудани **захираҳои кории бонк** бисёр зарур аст. Нақшакашӣ дар кадом сатҳе, ки набошад, бояд идора кардани захираҳои кориро дарҷ намояд.

Ҷараёни тартиб додани нақшаи фаъолияти бонк давраҳои зеринро дар бар мегирад: ҷамъ намудан ва таҳлили маълумот; муайян намудани бартарии бонк ва тартиб додани барномаи идора (мудирият) ва шӯъбаҳо; тартиб додани нақшаи бонк, муайян намудани тактикаю стратегия ва ба Шӯрои мудирон пешниҳод намудани он; роҳҳои иҷрои нақшаи тартиб додашуда.

## 11.4. Худкорсозии фаъолияти бонкӣ ва ташкили низоми иттилоотии бонкӣ

Дар шароити ҳозира худкорсозии равандҳои идоракунӣ ва ташкилӣ дар муассисаҳои гуногун яке аз масъалаи актуалӣ ба ҳисоб меравад, бинобарин аҳамияти низоми иттилоотӣ дар ҳалли ин масъала басо калон аст. Пешрафти ҳар як корхона ба он вобастагӣ дорад, ки ин ё он роҳбарияти он чӣ гуна ба низоми иттилоотӣ рафтор мекунад. Мисоли равшани инро дар соҳаи бонкдорӣ баръало дидан мумкин аст.

Фаъолияти бонкӣ бештар дар 15 соли охир рӯ ба тараққӣ ёфтааст. Дар ин давра низоми иттилооти бонкӣ (НИБ) ба яке аз соҳаҳои мустақил табдил ёфт. Имрӯз ин соҳа

ҳамчун низоми махсус дар ҳар як ташкилотҳои молӣ ва ғайримолӣ амал мекунад. Чунонс, ки маълум аст, чӣ қадарс ки вазифаҳои ин соҳа мушкилтар ва вассътар шавад, ҳамон қадар фаъолияти соҳаи бонкӣ вассъ шуда ва шаклҳои хизматрасонии он зиёд мешаванд.

Дар бонкҳо ҷорӣ кардани иттилооти бонкӣ шароит муҳайё месозад, ки равандҳои нав ба нави фаъолияти бонки ҷорӣ карда шаванд.

Аз байн рафтани монополияи давлат аз болои фаъолияти бонкҳо ва авзоиши сохтори тиҷоратии бонкҳо талаб мекунад, ки сохтори худкорсозии низомӣ дар муносибатҳои молӣ-қарзӣ ҷорӣ карда шавад.

Истифодабарии низоми иттилоотӣ дар низоми бонкӣ-ин усули басо мушкили коркарди иттилоотҳо, маълумотҳо ва қонуниятҳои тақсимоти иттилоотӣ ба шумор меравад.

Анбӯҳи иттилоотҳоро дар якҷоягӣ бо маълумотҳои бойгонӣ дар институтҳои молӣ аз рӯи он омилҳо ва муносибатҳое, ки барои қабули қарори маъмурӣ лозиманд ба қисматҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- тавсифи фоиданокӣ ва хароҷот;
- баҳодиҳии хавф;
- таҳлили мавқеъи қарзӣ;
- тавсифи анбӯҳи пул;
- ҳосилнокии меҳнати сохторҳо ва кормандон;
- тавсифи бозорёбии бозорҳо, моводи хӯрока, мизоҷон ва рақибон;
- тавсифи тавозунӣ.

Дар сари вақт дастрас кардан ва самаранок истифода бурдани иттилоотҳо ба институтҳои молӣ шароит фароҳам меоварад, ки ҳар чӣ тезтар ва бо хавфи кам сарватҳои молӣ-пулиро идора кунанд, доираи амалиётҳоро кӯтоҳ карда, талаботҳои нави мизоҷонро ошкор созанд ва маводҳоию хизматҳои навро ба роҳ монанд.

Мақсад аз ҷорӣ кардани маҷмӯъи низоми иттилоотӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои қарзӣ аз инҳо иборат аст:

- кӯтоҳ кардани вақти гузаронидани амалиёт, зиёд кардани қобилияти хизматрасонии муассиса;

- баланд шудани кори боварионоки бонк;

- ихтисор кардани шумораи кормандони бонк, ки бо амалиётҳои бонкии кӯҳна машғуланд;

- беҳтар кардани сифати хизматрасонии муштарӣ;

- зиёд кардани хелҳои хизматрасонии бонкӣ;

- кафили хизматрасонии доимӣ;

- беҳтар кардани шароити кории кормандони бонк;

- ҳамнайвандии тамоми низомҳои ҷудогона дар низоми ягонаи иттилооти бонкӣ.

Барои ҷорӣ кардани НИБ бояд ҳар як бонки тиҷоратӣ ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- боварионокии баланди воситаҳои маҷмӯъи барномавӣ-таҳҷизотӣ. Ин талабот дар мадҳи аввал бо зарурияти таъмини устувори маҷмӯъи НИБ вобаст аст. Ҳам ба муштарӣ ва ҳам ба истифодабаранда бояд маъмониятҳои кории шӯъбаи иттилоотии технологӣ намудор набошанд;

- ҳосилнокӣ. Ин талабот рӯирост ба имкониятҳои бонк таъсир расонида, аз дуруст интихоб кардани воситаҳои таҳҷизот ва барнома вобастагӣ дорад. Ин усул ба кори маҷмӯъи НИБ таъсир расонида, дар баробари зиёд шудани ҳаҷми амалиётҳо, номгӯи ҳалли масъалаҳо низ зиёд мешавад;

- чобуки (гибкость). Иҷрои ин талабот шароит медиҳад, ки дар сари вақт ивазшавии талаботи бозорро дарк карда ва дар муддати кӯтоҳтарин, бо хароҷотҳои камтарини молӣ ҳалли ин масъала ёфта шавад;

- истифодаи оддии низом. Ташкили НИБ дар ҳолате самараи муфид додан метавонад, ки агар бакор бурдани он барои истифодабаранда фаҳмо ва осон бошад.

- устуворӣ. Вақти кӯтоҳи барқароркунии қобили корӣ дар ҳолатҳои ғайриштатӣ.

- арзиш. Гарчанде дар ҷои охир аст, вале барои қабули ин ё он қарордод таъсири калон мерасонад.

Ҳар кадом аз НИБ-ҳои ҷойдошта мақоми хоси худро дорост, аммо НИБ дар маҷмӯъ тамоми ин мақомотҳоро якҷо месозад. Барои шарҳ додани НИБ мо ба таркиби вазифавии

бонкҳои тиҷоратӣ, ки барои ҳар як низоми иттилоотии инстутҳои молӣ таълуқ доранд, рӯ меорем.

Вазифаи соҳибкории ҳар як бонки тиҷоратӣ ва дигар муассисаҳои қарзӣ гуногун буда, дар шароити рақобати ҷорӣ дорои дигаргуниҳои куллианд. Тақсимоти вазифаҳо ба се гурӯҳои калон фарқияти мазмун ва равиши онҳоро нишон медиҳад. Ин навъи функсионалӣ барои муайян кардан НИБ зарур аст. Вазифаҳои ҳар як гурӯҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем, ин имконият медиҳад, ки маҷмӯи хизматҳои бонкии барои таъминоти талаботҳои иҷтимомоӣ равона карда шударо муайян созем.

Вазифаи front office барои кор бо муштариёни худдӣ ва беруна равона карда шудааст. Ин пеш аз ҳама аз хизматрасониҳои ҳисоботӣ ва дигар хизматрасониҳо барои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, хизматрасониҳои қарзӣ ва амонатӣ дар шаклҳои гуногун, амалиётҳо бо амволи ғайриманқул ва гарав, амалиётҳо дар бозори молӣ (пул, коғазҳои қиматнок) иборат аст. Ин вазифаҳо асосан ба мақсади тайёр кардан, хулосабандӣ ва бастани шартномаҳои гуногун равона карда шудаанд.

Вазифаи middle office ба навъи аналитикӣ ва идоракунӣ – идоракунии активҳои иттилоотӣ таълуқ дорад. Навъи функсионалии институти молӣ низоми умумӣ ва асоси иттилоотӣ-технологиро муайян карда, он аз яккатор тагнизомҳое, ки худсозии функсияҳои алоҳида ва алоқамандии онҳоро таъмин месозад, иборат аст. НИБ-и институтҳои молии муҳосир дар худ як қатор низомҳои амалиро, ки сатҳи иттилоотиро ҳамгирой мекунад, таҷассум мекунад.

Вазифаи back office таҳмини нигоҳдории техникии front office буда, ба бурдани ҳисобу китобҳо, бастани шартномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо ба шакли электронӣ ва қоғазӣ алоқаманд аст. Вазифаи back office ин ядрои кории институтҳои молӣ буда, бо дараҷае дар шакли махсусгардондашуда қарор дорад.

Дар солҳои охир ҷамъиятҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи мураккаби сиёсати иқтисодӣ, сиёсӣ

ва иҷтимоӣ, настравии меъёри фоизҳо дар бонкҳо ва тез шудани рақобат рӯ ба тараққӣ ниҳода истодааст. Идораи самарноки молӣ дар ин шароит басо вазифаҳои серталабро талаб мекунад. Барои ҳамин ҳам, ба мақсади аз тарафи шахсони роҳбарикунанда бомуваффақият қабул кардани қарорҳои дурусти стратеги лозим аст, ки дар сари вақт ва бо пурраги онҳо аз ахборҳои даққиқи ба онҳо лозимӣ таъмин карда шаванд. Гайр аз ин рақобати ҳозира тақазо мекунад, ки хароҷотҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ кам карда шуда, захираҳои ҷойдошта самаранок истифода бурда шаванд. Барои бисёре аз корхонаҳо ин  яъне давом додани истифодабарии низоми иттилоотии кӯҳани ба талаботи имрӯза ҷавоб намедодаро мефаҳмонад, аммо дар асл, иҷрои ин масъала бо роҳи ташкили таҳияи худдӣ вақти бисёр талаб карда, аз ҷиҳати дар сари вақт ва бомаваффақият ба итмом расондани лоиҳа хавфнок аст. Омода сохтани низоми барномавии мақсаднок ба муасиссаҳои молӣ имкон медиҳад, ки самаранокии ҷорӣ кардани бойгоҳои иттилоотиро баланд бардошта, талаботи муштарӣро сари вақт қонеъ намоянд, дурнамоии кӯҳтоҳмуддат ё дарозмуддати равиши бозорро тартиб диҳанд ва дар амал технологияи навтаринро ҷорӣ карда, аввалин шуда хизматҳо ва маҳсусулотҳои навро дар бозор амалӣ созанд.

Муносибатҳои бозорӣ тақазо мекунад, ки шумораи субъектҳое (бонкҳои тиҷоратӣ), ки таъминот, фароҳамсозӣ ва анбуҳи пули нақд ва ғайринақдиро ба ӯҳда доранд, зиёд шаванд. Дар айни ҳол, мубориза барои воситаҳои пулии аҳолӣ (табақаи миёнаи аҳолӣ, ки воситаҳои пулии барзиёд доранд) ва соҳибкории хурд (фаъолиташон дар бисёри аз равишҳои соҳаи хизматрасонӣ ва ҳатто соҳаи истеҳсолот фоиданок) тезу тунд шуда истодааст. Дар натиҷаи ин ба бонкҳои тиҷоратӣ лозим меояд, ки низоми худсозиро бо аҳолӣ ва соҳибкорони хурд ҷорӣ намояд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар ин масъала таҷрибаи кофӣ дошта, фаъолона низоми худсозиро ҷорӣ мекунанд ва барои дар амал ҷорӣ кардани маҷмӯъи низоми худсозӣ мутахассисони ботаҷрибаро бо маоши баланд ба ин кор ҷалб мекунанд.

Низоми маҷмӯъӣ бояд на танҳо ҳуҷатгузориҳо ва иттилоотҳоро ба таври худсозӣ таъмин намояд, балки таҳлили аналитикӣ ва маъмуриро таъмин намояд.Барои бонкҳои тиҷоратӣ муҳимаш ҳамон технологиест, ки бо истеҳсолоти асосӣ – ҷамъоварии (бо роҳи ҷалби амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, фуруши коғазҳои қиматнок ва ғайраҳо) пул вобастааст. Ин равандҳо фоиданокӣ ва дигар нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро дар худ таҷассум менамоянд. Вобаста ба тараққиёти бонкҳои тиҷоратӣ худсозии технологияи молӣ низ тараққӣ меёбад.

## 11.5. Амалиётҳои бонкӣ бо истифодабарии пулҳои электронӣ

Пулҳои электронӣ таърихан вазифаи эквиваленти молҳоро иҷро мекунад ва барои ҳамин ҳам катгорияи нави иқтисодӣ ба ҳисоб намеравад. Ҳамчун эквиваленти умумӣ онҳо аз дигар намудҳои пул фарқ намекунанд. Феномени пулҳои электронӣ дар тағйирёбии сифатии пояи моддию техникӣ ё тарзи ҳисобкунии пул таҷассум меёбад. Ин имконият медиҳад, ки кори ҷисмонии кормандони корхонаю бонкҳо ба бурдани амалиётҳои пулӣ бо таври худсозӣ бо ёрии низоми нави ҳисобӣ-ахборотӣ ба роҳ монда шавад.

Шакли классикии ҳаракати пули электронӣ аз якчанд давраҳо иборат аст. Дар марҳилаи аввал корхона-таҳвилгар ҳисоби молнома (счёт-фактура) ва супоришномаи пардохтро ҷобаҷо карда ба бонки хизматрасон барои пардохт кардан инкассо мекунад. Дар марҳилаи дуюм бонки молтаҳвилкунанда дурустии пур кардани ҳуҷҷатҳои ҳисобиро тафтиш карда, онро ба бонки пардохткунанда мефиристонад. Дар марҳилаи сеюм бонки пардохткунанда маблағи заруриро аз суратҳисобаш бароварда ба бонки молтаҳвилкунанда интиқол мекунад. Дар марҳилаи чорӯм бонки молтаҳвилкунанда ба бонки пардохткунанда маблағи гирифтаашро интиқол мекунанад во бо ҳамин тариқа амалиёт ба охир мерасад.

Дар вақти ахбори ҳисобиро ба молтаҳвилкунанда интиқол кардан ин амалиёт бояд тағйир наёбад, чунки вай ба интиқоли маблағ аз як суратҳисоб ба дигараш асос ёфтааст. Ин амалиёт дар ҳолатҳои ҳисоб бо чакҳо низ ба ҳамин тартиб гузаронда мешавад. Фарқияти гардиши ғайринақдӣ (жирооборот) аз он иборат аст, ки интиқоли маблағ ба ҳисоби молтаҳвилкунанда на дар асоси авизо (ёддошт), балки дар асоси чаки оддӣ гузаронда мешавад.

Дар замони ҳозира амалиёт бо пули электронӣ бештар дар мамлакатҳои «ҳафтгона»-и Федиратсияи Русия паҳн шудааст, аммо ин қадами аввалин барои бо пуррагӣ ҷорӣ кардани низоми худсоз дар амалиётҳои ғайринақдӣ аст. Ин онро мефаҳмонад, ки коркарди худсоз дар бонкҳои молтаҳвилкунанда ва пардохткунанда ба дар сари вақт ва бо пуррагӣ дастрас кардани ҳуҷҷатҳои реалӣ, ки асоси бурдани амалиётҳои пулӣ-ҳисобӣ мебошад, асос меёбад.

Пули ҳозираи электронӣ ин ахбори пардохтиест, ки пули коғазӣ, чакҳо ва сарбарги ҳуҷҷатҳои пулиро дар ҳисоби ғайринақдӣ иваз мекунад. Ҳоло қариб дар ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ роҳҳои асосии ҷорӣ кардани низоми худсозии ҳисобҳои ғайринақдӣ таҳия карда шудааст. Муҳимтарини онҳо дар марҳи аввал аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои сарбаргии пулӣ ва коркарди дастии онҳо дар бонкҳо ба ҳисоб меравад. Аз байн бурдани ҳаракати сарбаргии ҳуҷҷатҳои пулӣ дар органҳои поёнии низоми бонкиро транкатсия меноманд.

Дар мамлакатҳои мутараққӣ шакли афзалиятноки амалиёти ҳисобӣ ба воситаи чакҳо амалӣ мегарданд. Хусусияти асосии тайёр кардани чакҳо – ин таъмини воситаи магнитист, ки дар он тамоми ахборҳои пордохтии лозима гирд оварда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳои ғайринақдӣ дар асоси жирооборот (фармони хаттӣ)-и чиптаи пардохтии бонкҳои тиҷоратӣ гузаронида мешаванд. Ҳуҷҷатҳои пулии аз ҳама бештар ҷойдошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин супоришномаи пардохтии муштарӣ барои интиқоли маблағи пулӣ аз суратҳисоби пардохткунанда ба суратҳисоби гиранда ба ҳисоб меравад.

Нисбати чакҳои ШМА супоришномаҳои пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷокунандаи магнитӣ барои ҳисоб кардани ахборотҳо бо ёрии компютерҳо ва терминалҳои мошинҳои электронӣ ва ҳисобкуни надоранд, яъне тамоми амалиётҳои ҳисобӣ байни бонкҳои молрасон ва пардохткунанда дар асоси гардиши реалии ахборотҳои когазӣ анҷом дода мешаванд. Аз ин ҷост, ки дар бонкҳои Тоҷикистон транкассияи ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ вуҷуд надорад. Самаранокии мавҷудоти пулҳои электронӣ дар бурдани амалиётҳои пулии ҳисобҳои муштариён, тартиб додани ахборотҳои гардишӣ ва мувозинаи ҳисоботӣ бо истифодаи компютерҳои мувофиқ ва програмаҳои онҳо амалӣ мегардад.

Ба мақсади ташкили низоми ҳисобии худсоз дар вақти ҷобаҷокунонии ҳуҷҷатҳои ҳисобӣ дар бонкҳои ҳозира лозим аст, ки мошинҳои навъҳои нави ахборҳои овози муҳосиб амалиётбарро сабт мекардагӣ ҷорӣ карда шаванд. Ин гуна мошинҳо имконият медиҳанд, ки тамоми фармоишҳои пардохтии зарурӣ дар ёдашон нигоҳ дошта шуда, ба воситаи роҳҳои махсуси алоқаҳои хизматӣ онҳоро ба бонкҳои лозима барои ба суратҳисоби гиранда гузаронидани маблаг истифода баранд.

Таҳияи чунин мошинҳоро талаботи технологияи нави бонкӣ талаб мекунад. Чунин таҳияро комёбиҳои илм ва прогресси илмӣ-техникии бисъёрс аз мамлакатҳои тараққикарда кафолат медиҳад. Дар вақтҳои ҳозира яккатор таҳҷизотҳои ҷонкунии тадқиқотии ахборотҳои овозии амалиётбар, ки дар навиштаҷоти умумӣ ҷамъ карда мешавад, омода шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки чунин таҳҷизотҳо дар соҳаи соҳибкории хоҷагидорӣ ва бонкӣ бо ҳамоҳангии иҷрои амалиётҳои пулии муштариёни бонк истифода бурда шавад.

Дар таҷриба нобоварии аҳолӣ ба таҳҷизотҳои ҳозираи техникӣ оиди ҳисоб ва интиқоли пул вуҷуд дорад, ки ин дар роҳ додан ба хатогиҳои оммавии техникаи ҳисоббаробаркунӣ, вируси компютерӣ, дер интиқол додани маблагҳои пулӣ, дуздии пули амонатгузорон таҷассум меёбад. Барои ҳамин ҳам тараққиёти ояндаи амалиётҳои бонкӣ бо истифодаи пули

электронӣ бо ташкили низоми мустаҳками нигоҳдорӣ ва интиқоли воситаҳои пулии аҳолӣ бояд алоқаи зич дошта бошад.

Дар ҳозира дар ИМА се низоми электронии байнибонкии интиқоли маблағҳои пулӣ амал мекунанд. Яке аз онҳо – ин Fed Wire, ки барои фурӯши вомбарги давлатии вомҳо ва дигар пардохтҳои федиралӣ истифода бурда мешаванд. Дар ин асос маблағҳои пулӣ дар низоми FW ба ҳисобҳои захиравии бонки гиранда дар рӯзи гузаронидани амалиёт интиқол мешавад.

Дигар намуд – ин CHIPS – интиқоли асъори бонкҳои байналмилалиро оиди ӯҳдадориҳои ҳархелаи бонкҳои тиҷоратӣ иҷро менамояд. Ин низом дар палати ҳисоботии Нью-Йорк амал мекард ва дар кори он 130 бонкҳо – корреспондентҳои мамлакатҳои гуногун иштирок меварзиданд.

Низоми сеюми ҳисоби байналмилалӣ СВИФТ буда, он дар асоси консорсиуми бонкҳои калонтарини Европаи ғарбӣ ва ИМА барои интиқоли байнидавлатии маблағҳои гуногуни пулӣ ва коғазҳои қиматнок ташкил шуда буд. Дар ин низом қариб 3000 бонкҳои ҳафтод мамлакатҳои Англия, Олмон, Италио ва дигар мамлакатҳо иштирок меварзиданд. Дар солҳои охир ба ин низом баъзе бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил шуданд.

Дохил шудан ба иқтисоди бозоргонӣ тақазо мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо оиди татбиқи пули электронӣ гузаронда шуда, бонкҳои махсус барои ташкили интиқоли дохилӣ ва байналмилалии маблағҳои пулӣ таҳсис дода шаванд.

Барои ҳалли ин масъала лозим аст, ки тамоми амалиётҳои бонкӣ ба воситаи компютерҳо ва алоқаи моҳворагӣ (спутниковый) иҷро карда шаванд, ин имкон медиҳад, ки дар сари вақт ахборотҳои лозимаи тиҷоратӣ байни бонкҳо – корреспондентҳо паҳн гарданд.

Ғайр аз ин мумкин аст бонкҳо дар якҷоягӣ марказҳои ҳисобии худдиро таъсис диҳанд ва дар он амалиётҳои тамоми

ҳисобҳои мизоҷон ва ҳисобҳои байнимиллалиро дар доираи минтақаи алоҳида иҷро кунанд.

Ҷорӣ кардани пули электронӣ аз тарафи Бонки Миллии Тоҷикистон ташкил карда мешавад, ба ин мақсад дар Ҷумҳурӣ як қатор марказҳои калони ҳисоботӣ ташкил карда шудаанд. Дар оянда дар назар дошта шудааст, ки ин марказҳо бо низоми глобалии пардохтҳои байналмилалӣ дар асоси марказҳои ҳисоботии Англия ва ИМА, ҳамчун ташкилкунандагони бозори ҷаҳонии пулӣ пайваст карда шаванд.

Якс аз шаклҳои пули электронӣ барои муассисаҳо ва аҳолӣ кортҳои пластикӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо ба мақсади пардохти мақсадноки мол ва хизматрасонӣ истифода бурда мешаванд.

Низоми ҳисобӣ ба воситаи кортҳои пластикӣ бояд худсозии баланд дошта дар низоми вақти реалӣ амал кунад. Барои ҳамин ҳам иштироккунандагони низоми электронии ҳисобҳои байналмилалӣ бояд ба талаботҳои махсус ҷавобгӯ бошанд ва аз олотҳои техникӣ - программавӣ таъмин буда, талаботҳои ҷойдоштаи амалиётҳои пардохти электрониро (кафолати коркард ва интиқоли пардохт дар давоми як рӯз) иҷро намоянд

## 11.6. Индустрияи кортҳои пластикии бонкӣ

Дар замони ҳозира кортҳои бонкӣ ҳамчун олоти пардохтии дохилӣ ба якс аз хизматрасониҳои фоиданок табдил ёфтааст ва баъди ҳисобҳои чакии бонкӣ якс аз олотҳои пардохтии ба талабот ҷавобгӯ ба ҳисоб меравад.

Кортҳои бонкӣ дар стратегияи ҳар як бонк мавқеи махсусро ишғол мекунад. Дар замони ҳозира роли асосиро дар масъалаи ҷорӣ кардани кортҳои кредитии бонкҳо ду иттиҳодаи миллии калонтарин – Visa International ва Master Card International иҷро мекунанд. Ҳардуи онҳо моликияти шахсии бонкҳо – иштироккунандаҳо буда, аз тарафи шӯрои алоҳидаи директорон идора карда мешавад. Онҳо дар асоси

маблағи ҳаққи аъзогӣ ва пардохти хизматҳои молӣ таъсис ёфтаанд. Ин иттиҳодияҳо вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

- додани иҷозатнома барои фаъолият дар ин соҳа;
- мураттиб сохтан ва нигоҳ доштани тамгаи молӣ, додани имтиёзнома ва ҳуқуқи муллифӣ;
- таҳияи қоидаҳои ҷорӣ кардани амалиётҳо;
- амалисозии низоми миллӣ ва байналмилалӣ оиди созишҳо ва тасдиққунии салоҳият дар вақти бурдани амалиётҳо;
- ташкил ва таъсиси низоми мутақобилаи гуфтушунидҳо;
- мониторинги вазъӣ ва тараққиёти ин соҳа;
- ташкили маҳсулот ва хизматрасониҳои нав;
- таблиғот ва фурӯши маҳсулот.

Сабаби асосии баландравии низоми кортҳои бонкиро мебояд аз руи нафъи он барои истеъмолкунанда, фурӯшанда ва бонк таҳлил бояд кард. Истифодаи кортҳои бонкӣ ба истеъмолкунанда барои гирифтани қарзҳои бонкӣ шароити мусоид фароҳам овард. Акнун мизоҷони бонк метавонанд бе раводиди такрории бонк ва пешниҳоди гаравномаю дигар ҳуҷҷатҳои лозима аз бонк қарзҳои ҳархела гиранд.

Барои фурӯшандагону тоҷирон низ ин намуди кортҳо писандида аст, зеро дар ин асос амалиётҳо ба зудӣ бо кафолат гузаронида мешаванд. Дар ин маврид фурӯшанда бо хавфу хароҷоти камтарин метавонад нақшаҳои қарзиашро иҷро намояд.

Барои бонкҳо, ки ба муштариёнаш кортҳои қарзӣ медиҳад, ин амалиёт фоидаовар аст. Дар асоси азнав кардани ин кортҳо муштарӣ метавонад дар ҳолати ҳармоҳҳа пардохт кардани як қисми маблағи қарз дар бонк хати қарзиашро давом диҳад ва бе шарти ба бонк рафтан ва таҳия кардани ҳуҷатҳои қарзӣ такроран қарз гирад. Ин амалиёт ба шахсони дар масофаи аз бонк дур зиндагӣ мекардагӣ басо қулай аст.

Дар амал ҷорӣ кардани кортҳои қарзӣ ба бонкҳо имконият медиҳад, ки маблағи қарзии онҳо ба тезӣ афзояд. Бонк аз истифодаи ин кортҳо аз фурӯшандагон ба тариқи

дисконд даромад мегирад ва муассисаҳои молӣ бошанд метавонанд дар бонк амонатҳои иловагӣ гузоранд.

Барои пеш бурдани ин амалиёт бозорёбӣ (маркетинг) аҳамияти калон дорад. Бо афзоиши рақобат боиси ҷалби истеъмолкунандагон талабот ба стратегияи нав ба нав зиёд мешавад, бинобарин танҳо тадқиқоти бозор метавонад доираи истеъмолкунандагонро аниқ созад. Барои бештар ҷалб кардани истеъмолкунандагони кортҳои қарзӣ бонк метавонад нархи онҳоро пасттар кунад ва ба харидорони кортҳо хизматҳои иловагӣ (аз қабили зиёд кардани мӯҳлати кафолат барои хариди кортҳо) расонад.

Даромаднокии бонк аз ҳисоби фурӯши кортҳои бонки ва таъсири он ба кори низомии бонкӣ аз руи ҷузъҳои зерини даромаднокӣ муайян карда мешаванд:

- даромад аз ҳисоби фоиз – (маблағи солонаи қарз) × (меъёри азнавсозии қарз) × (маблағи умумии қарзи харидор);

- фоида аз ҳисоби муомилоти мутақобила – даромад аз фоизи маблағи фурӯш, ки муассисаи даллол ба муассисаи эмитент пардохт мекунад;

- ҳаққи аъзогии солона – ҳаққи аъзогис, ки дорандаи корт ба эмитент барои истифодаи кортҳои бонкӣ медиҳад;

- ҷарима барои риоя накардани қоидаҳо – ҷаримае, ки аз дорандаи корт барои риоя накардани қоидаҳои шартнома (дар сари вақт напардохтани маблағ, аз меъёр зиёд кардани хати қарзӣ ва ҷой доштани чакҳои бозхондашуда) рӯёнда мешавад;

- арзиши аслии фондҳо – яке аз моддаи хароҷотии калонтарин буда, бо кортҳои бонкии программавӣ алоқаманд аст. Вай аз рӯи меъёри фоизис, ки муассисаи кортбарор барои маблағгузориҳои сандуқи кортҳои бонкӣ пардохт мекунад, иборат аст;

- зарар – ба онҳо дохил мешаванд қарзҳои «бад» ва зарар аз ҳисоби сӯистеъмолкунӣ;

- хароҷот барои хизматрасонӣ – идоракунии хавф дар фаъолияти бонкӣ барои хизматрасониҳо ба муштариён;

- хароҷотҳои бозорёбӣ – тамоми хароҷотҳос, ки барои кушодани суратҳисобҳои нав, баланд бардоштани

самаранокии истифодаи суратҳисобҳои мавҷуда ва дастгирии суратҳисобҳои фоиданок истифода бурда мешаванд.

Ҷорӣ кардани кортҳои пластикии бонкӣ дар бонкҳои Ҷумҳурӣ шакли нави пардохт аст. Имрӯзҳо дар бештари бонкҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон каналҳои алоқаи моҳвораги аз ҳисоби INTELSAT-704 васл карда шудаанд. Ин канал дар асоси VSAT (Very Small Aperture Terminal) сохта шудааст.

Имконияти ин таҷҳизот аз ҷиҳати истифодабарии ресурсҳо шароит фароҳам овард, ки амалисти васлкунии рӯирост бо марказҳои низоми пардохтӣ (Visa International, Euro Card/Master Card international, STB Card, American Express) ва тамоми секторҳои сохтори терминалӣ (POS-терминал ва банкоматҳо) амалӣ гардад.

Аз соли 2003 сар карда, нақшаи истифодабарии кортҳои пластикӣ дар амал ҷорӣ шуда истодааст. Мувофиқи баҳодиҳии экспертҳо бисёре аз нақшаҳои истифодабарии кортҳо, ки аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ амалӣ гардидаанд, то имрӯзҳо фоида намеоваранд, аммо новобаста ба ин, бисёри бонкҳо ба ин диққати зарурӣ медиҳанд. Инро дар он дидан мумкин аст, ки иштирок дар лоҳияи кортҳо барои бонкҳои Ҷумҳурӣ ин сабабгори ҳамгароии он дар низоми хизматрасонии байналмилалии бонкҳо, ҳалли масъалаи пули нақд, баландшавии обру ва эътибори бонкҳо шуда метавонад.

Кортҳо ҳамчун механизми ҷалби воситаҳои пулӣ самаранокаид, зеро гарчанде, ки меъёри фоизии онҳо барои бонкҳо назар ба фоизи амонатҳо камтар бошад ҳам, аҳолӣ бештар ба кортҳо талабот зоҳир мекунад.

Яке аз элементҳои низоми пардохти электронӣ **банкоматҳо** ба ҳисоб мераванд. Банкоматҳо – ин автоматест, ки вазифаҳои гуногуни худкорсозии бонкиро ба идоракунии кортҳои пластики магнитӣ ба дӯш дорад.

Аввалин банкоматҳо дар солҳои 60-уми асри XX пайдо шуда буданд, ки онҳо асосан танҳо маблағҳои калони пулиро медоданд. Дар солҳои 60 – 70 дар масъалаи истифодаи аппаратҳои хазинавӣ як қатор мушкилиҳо ба амал омаданд, онҳо тез-тез шикаста, аз истифода мебаромаданд, кортҳои шахсӣ вайрон мешуданд. Ин ҳолатҳо мизоҷонро

маҷбур мекард, ки амалиётҳоро ба воситаи банкоматҳо иҷро насозанд.

Аввалин банкоматҳо дар соли 1989 дар Бонки давлатӣ ва Амонатбонки собиқ СССР, баъдтар дар соли 1994 дар бонкҳои «Мост-банк» ва «Кредит-Москва» гузошта шуда буданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин банкоматҳо дар соли 2004 аз тарафи бонкҳои ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСК «Ориёнбонк» гузошта шуда буданд.

Истифодаи банкоматҳо имконият медиҳад, ки ҳосилнокии меҳнат баланд шуда, шумораи корҳои дастӣ ва хароҷотҳо кам карда шавад

## Мавзӯи 12. НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ БОНКӢ

Нақша:

12.1. Мафҳуми қарзи байналхалқӣ ва вазифаю намудҳои он
12.2. Бозори байналхалқии сармояи қарзӣ
12.3. Мақом ва таснифи қарзҳои байналхалқӣ
12.4. Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ
12.5. *Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ*

### 12.1. Мафҳуми қарзи байналхалқӣ ва вазифаю намудҳои он

Қарзи байналхалқӣ ҷузъи муҳимтарини муносибатхои байналхалқии иқтисодӣ ва қувваи пешбарандаи инкишофи алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Қарзи байналхалқӣ ин қарзест, ки онро давлат, бонкхо, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқсии як давлат ба бонкхо, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқсии давлати дигар медиҳанд.

Қарзи байналхалқӣ шакли хоси мафҳуми иқтисодии «қарз» ва ифодагари ҳаракати сармояи қарзӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ буда, ба пешниҳоди захираҳои асъорӣ ва молиявӣ, бо шартҳои бозгардонӣ, муҳлатнокӣ, таъмин будан ва пардохти фоизҳо алоқаманд аст.

Ба сифати қарздиҳанда ва қарзгиранда бонкҳо, корхонаҳо, давлатҳо, муассисаҳои байналхалқии молиявӣ ва ғайрахо иштирок менамоянд.

Зарурати махсусгардонии истеҳсолоту муфид будани истеҳсоли молҳо дар минтақаҳои алоҳида рӯз то рӯз ба раванди ҷаҳонишавии (глобализатсия) иқтисодиёт суръат мебахшад. Пайваста боло рафтани нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ ва зарурати кам кардани арзиши аслии маҳсулоту хизматрасонӣ кишварҳои алоҳидаро маҷбур месозад, ки ба ин раванд ҳамроҳ шаванд.

Табиист, ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт соҳаҳои савдоюю хизматрасонии байналхалқиро боз ҳам тараққӣ дод ва зарурати таъмини саривақтии ҳисоббаробаркуниҳои

байналхалқӣ дар ин соҳаҳо боиси зиёдшавии истифодаи қарзу ташкили самараноки муносибатҳои қарзӣ гардид. Аз ин рӯ, омӯзиши моҳияти қарзу ташкили муносибатҳои қарзии байналхалқи (бозори сармояи қарзи, ташкилотҳои миёнарави молиявӣ-бонкӣ ва ғайра) мувофиқи максад мебошад.

Қарзи байналхалқӣ гуфта истифодаи сармояи карзӣ дар муносибатҳои байналхалкии иктисодии алокаманд ба муваққатан додани захираҳои молию асъориро меноманд. Истифодаи қарзи байналхалқӣ ба қоидаҳои зерини қарздиҳӣ асос меёбад:

- баргарданда будани қарз;
- муҳлатнок будани қарз;
- фоиз доштани қарз;
- таъмин будани қарз;
- ба мақсади муайян истифода кардани қарз.

Қарзи байналхалқи вобаста ба хусусиятҳои зерин намудҳои гуногун дорад:

- сарчашмаи захираҳои карзӣ - дохилӣ (қарздиҳӣ ба савдои берунӣ аз ҳисоби захираҳои асъории дохилӣ), берунӣ (қарзгирӣ барои савдои берунӣ аз бонкҳою ширкатҳои хориҷӣ);

- карздиҳанда - давлат, бонк, ширкатҳои қарзӣ ва қарзҳои ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ;

- самти истифодаи карз - тиҷоратӣ (алоқаманд ба савдои берунӣ ва хизматрасонӣ), молиявӣ (барои маблағгузории бевосита, сохтмони иншоотҳо, хариди коғазҳои қиматнок, баргардонидани қарзҳои пешина, мудохилаи асъорӣ (валютная интервенция);

- шакли карз - молӣ (дар шакли мол аз ҷониби фурӯшандагон ба харидорон), асъорӣ (дар шакли асъори хориҷӣ ё пули миллӣ);

- асъори карз - бо асъори мамлакати қарзгиранда, бо асъори мамлакати карздиҳанда, бо асъори мамлакати сеюм, бо асъори байналхалқӣ (масалан, СДР - Special Draving Rights);

- мӯҳлати карз - кӯтоҳмуддат (то як сол), миёнамуддат (то панҷ сол), дарозмуддат (аз панҷ сол зиёд).

- таъминнокии қарз - таъминбуда (бо векселҳо, мол, когазҳои киматнок, моликият ва ғайра), таъминнабуда (бланковые);

**Вазифаҳои қарзи байналхалқӣ** аз инҳо иборат аст:

- тақсим ва аз нав тақсим намудани сармояи асъори дар байни мамлакатҳо бо мақсади таъмини талаботи такрористеҳсолкунии васеъ. Ҳамин тариқ, қарзи байналмилалӣ ва баробаршавии даромади миллӣ ба даромади миёнаи ҷаҳонӣ мусоидат намуда, ҳаҷми (массаи) ӯро зиёд менамояд;

- кам намудани хароҷоти муомилот дар соҳаи ҳисобу китоби байналхалқӣ бо роҳи истифодаи воситаҳои қарзӣ (тратта, векселҳо, чекхо, ва ғайра), инкишоф ва тезонидани пардохтҳои ғайринақди;

- тезонидани мутамаркиз ва захира шудани сармоя бо роҳи истифодаи қарзхои хориҷӣ;

- танзими иқтисодиёт.

## 12.2. Бозори байналхалқии сармояи қарзӣ

**Сармояи карзӣ** гуфта маблағхои пулиеро меноманд, ки ба мизоҷон ба ивази гирифтани фоиз ва дар мӯҳлати муайян баргардонидани онхо дода шудаанд. Бозори байналхалқии сармояи қарзӣ амалиёти зеринро дар бар мегирад:

а) қисми амалиёти бозорҳои сармояи қарзии кишварҳои алоҳида (муносибатҳои қарзӣ бо ғайрирезидентҳо);

б) иҷрои амалиёти қарзию амонатӣ бо асъори хориҷӣ берун аз қаламрави мамлакати ин асъорро бароварда иҷро шудаанд.

Дар дохили кишвар байни резидентҳо-ғайрирезидентҳо муносибатҳои карзӣ вуҷуд доранд. Масалан, ширкатҳои хориҷии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда метавонанд аз бонкҳои тоҷикистонӣ қарз гиранд. Амалиёти асъори хориҷии дар қаламрави ИМА иҷрошуда ба ин гурӯҳ дохил намешаванд.

Рушди фаъолияти бозори байналхалкии сармояи қарзӣ аз бозорҳои миллии сармоя шурӯъ шудааст. Аз ин ҷост, ки амалиёти қарзии байналхалқӣ бори аввал дар ин бозор иҷро мешуданд. Баробари пешрафти савдои байналхалқӣ ва зиёд шудани амалиёти асъори зарурияти ҷудо кардани амалиёти асъорӣ аз бозорҳои қарзии миллӣ ва бунёди қоидаҳои умумиҷаҳонии ин шакли фаъолият ба миён омад. Ин аст, ки бозорҳои калонтарини сармояи қарзии дар шаҳрҳои Лондон, Париж, Ню-Йорк буда ба бозорҳои байналхалқӣ мубаддал шуданд. Фаъолияти онҳо дар асоси қоидаҳои умумӣ аз ҷониби иштироккунандагони бозор муайянкарда ба роҳ монда шуда буд. Баъдан, дар баробари зиёд шудани амалиёти қарзии асъорӣ бозорҳои Сюрих, Токио, Брюссел, Баҳрайн ва ғайра ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Имрӯзҳо, вобаста ба пешрафти илм, хусусан пайдоиши истифодаи васеи интернет дар соҳаи бонкдорӣ, тартиби иҷрои амалиёти қарзии асъорӣ ва фаъолияти бозорҳои сармоя комилан тағйир ёфта истодааст.

Амалиёти қарзӣ дар бозори байналхалқии сармояи қарзй аз ҷониби инҳо иҷро мешаванд: бонкҳои марказй, ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ, бонкхои тиҷоратӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, хазинаҳои нафақа, биржа ва ширкатҳо.

Вобаста ба мӯҳлати истифодаи сармояи қарзӣ бозори байналхалқиро ба се қисм тақсим намудан мумкин аст:[20]

1. ***Бозори байналхалкии пул*** - бозори қарзҳои кӯтоҳмуддат (аз як рӯз то як сол). Ба ин гурӯҳ қарзҳою насандозҳои байнибонкӣ, сертификатҳои бонкҳо, векселу розигиномаҳои (акцептҳо) бонкҳо дохил мешаванд.

2. ***Бозори байналхалкии қарзҳои миёнамуддату дарозмуддати хориҷӣ*** - бозори қарзҳои мӯҳлаташон аз як сол зиёд. Чунин намуди қарзҳо аз ҷониби бонкҳои хориҷӣ барои пешрафти соҳаҳои истеҳсолӣ, сохтмони иншооту роҳҳо ва

[20] Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе: «ЭР-Граф», 2008, с. 360

ғайра дода мешаванд. Масалан, солҳои 1996-2006 гурӯҳи (консорсиум)-и бонкҳои швейтсариягӣ барои маблағгузории кишту истеҳсоли пахта ба корхонаҳои тоҷикистонӣ қарз дод. Бонки венгери низ қарзи дарозмуддатеро ба комбинати шири шаҳри Душанбе дод, ки он мӯҳлати панҷсола дошт. Бонки дигари ҳамин кишвар соли 1998 ба ҳукумати шаҳри Душанбе барои хариди троллейбусҳо қарзи дарозмуддат дода буд.

3. ***Бозори байналхалкии молиявӣ*** - ин бозори коғазҳои қиматнок мебошад, ки нимаи дуюми солҳои 1960-ум ба фаъолият шурӯъ намуда буд. Қарзгирандаҳо-бароварандагони коғазҳои қиматнок ҳукуматҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ, ширкатҳои байналмилалӣ (транснациональные компании), ҳукуматҳои маҳаллӣ ва муассисаҳои давлатӣ мебошанд. Онҳо коғазҳои қиматноки худро ҳамчун гарави баргардонидани қарз ба бозор бароварда, ба ивазаш қарз мегиранд.

Ҳоло ҳиссаи асосии қарзҳои байналхалқӣ (тақрибан 80 фоиз) ба қарзҳои аз ҳамин бозор гирифта рост меоянд.

Мувофиқи маълумотҳои Вазорати молияи ИМА (Department of Treasure) соли 2005 қарзи федератсии он 2 трлн.* долларро ташкил дод, ки қисми бештари он ба ӯҳдадориномаҳои қарзӣ рост меояд. 50,1 фоизи онҳоро шаҳрвандону кишварҳои хориҷӣ (Ҷопон, Британияи Кабир, Чин) харидаанд. Илова ба ӯхдадориномаҳои қарзии ҳукумати ИМА коғазҳои қиматноки ширкатҳои ғайридавлатии ИМА ба маблағи 4 трлн. доллар дар дасти хориҷиён мебошад.

Дар Тоҷикистон низ аз соли 1997 инҷониб вомбаргҳои Вазорати молия ба фурӯш бароварда шудаанд, ки мақсад аз он ҷалби воситаҳои пулии аҳолӣ барои пӯшонидани касри буҷети давлатӣ мебошад.

Коғазҳои қиматнок (облигации) ба мӯҳлатҳои гуногун (аз 5 то 40 сол) бароварда мешаванд. Онҳо вобаста ба даромаднокӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: *оддӣ, бо фоизи «шинокунанда», бефоиз, табдилшаванда ва опсиондор.*

***Коғазҳои қиматноки оддӣ*** беш аз 60 дар-сади онҳоро ташкил медиҳанд. Фарқи коғазҳои қиматноки оддӣ аз

коғазҳои қиматноки дигар ин аст, ки барои тамоми мӯҳлати истифодаи қарз ба дорандагони коғазҳои қиматноки оддӣ фоизи дар аввал аниқ муайяншуда дода мешавад.

***Коғазҳои қиматноки табдилшаванда*** ба дорандагонашон даромади камтар медиҳанд, вале онҳо ҳуқуқ доранд баъди мӯҳлати муайян коғазҳои қиматнокро ба саҳмияҳои ширкати онҳоро баровардa иваз кунанд, албатта, агар фоизи коғазҳои қиматнок аз дивиденди саҳмияҳо камтар бошад.

***Коғазҳои қиматноки опсиондор*** намуди нисбатан нави коғазҳои қиматноканд, ки хусусиятҳои хоси намудҳои дигари онҳоро ба худ гирифтаанд. Чунин намуди коғазҳои қиматнок ба дорандагонашон ҳуқуқ медиҳад, ки як намуди онҳоро ба намуди дигар иваз намоянд. Масалан, онҳо ҳуқуқ доранд коғазҳои қиматнокро ба саҳмияҳои ширкат ва ё коғазҳои қиматноки фоизашон «шинокунанда»-ро ба коғазҳои қиматноки оддӣ иваз намоянд.

Мақсади баровардани коғазҳои қиматнок ҷалб кардани маблағҳои пулии аҳолӣ ва ҳукуматҳою ширкатҳо мебошад. Ин маблағҳо барои пӯшонидани касри буҷет ва дар ҳаёт татбиқ кардани барномаҳои калони фоиданок сарф мешаванд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти бозори байналхалқии сармояи қарзӣ пайваста дигар шуда, ба талаботи замон мувофиқ мегардад. Вобаста ба пешрафти илму техника шаклҳои нави ӯҳдориномаҳо ва қарзҳо пешниҳод мешаванд, ки мақсади онҳо ҷалби воситаҳои пулии муваққатан озод мебошад. Ин маблағҳои пулӣ ҳамчун қарз барои пешрафти истеҳсолот, савдо ва ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ истифода мешаванд.

## 12.3. Мақом ва таснифи қарзҳои байналхалқӣ

Қарзи байналхалқӣ вазифаҳои ба ҳам алоқамандро иҷро намуда, дар инкишофи истеҳсолот нақши мусбат мебозад. Аз як тараф ин қарз такрористеҳсол ва васеъ шудани

онро таъмин карда, ба байналхалқӣ шудани истеҳсолоту муомилот, вусъати тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар қарзи байналхалқӣ номувозинати инкишофи истеҳсолоти ҷамъиятиро пурзӯр намуда, инкишофи ҷаҳиишоки соҳаҳои сердаромадро метезонад ва инкишофи соҳаҳои дигарро, ки бо онҳо воситаҳои қарзии хориҷӣ равона карда намешаванд, нигоҳ медорад.

Инчунин қарзи байналхалқӣ дар мустаҳкам шудани мавқеи қарздиҳандагони хориҷӣ дар муборизаи рақобатӣ истифода мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақоми дутарафаи қарзи байналхалқӣ дар истифодаи он ҳамчун воситаи ҳамкории мутақобилаи судманди онҳо ифода мешавад

Қарзи байналхалқӣ ҳам бо монанди қарзи дохилӣ дар ду шакли асосӣ пешниҳод мешавад: қарзи молӣ ё худ қарзи тиҷоратӣ ва қарзи пулӣ ё худ бонкӣ.

Қарзҳои байналхалқиро вобаста ба нишондиҳандаҳои гуногун бо шакли зерин тасниф намудан мумкин аст:

1. **Аз рӯи таъинот:**

- қарзҳои тиҷоратӣ, ки ба таъмини савдои мол ва хизматрасонии байналхалқӣ мансубанд;
- қарзҳои молиявӣ, ки барои объектҳои сармоягузорӣ, хариди коғазҳои қиматнок, захираҳои асъории бонкҳои марказӣ истифода мешаванд;
- қарзҳои марҳилавӣ барои таъмини навъҳои омехтаи содироти сармоя, мол ва хизматрасониҳо.

2. **Аз рӯи навъ:**

- қарзҳои молӣ ё худ қарзи ширкатӣ, ки дар он корхонаи содиротии як мамлакат ба корхонаи воридотии тарафи дигар муҳлати пардохти арзиши мол ё хизматро дароз менамояд (содироти мол бо таъхири пардохти арзиши он);
- қарзҳои асъорӣ (дар шакли пулӣ) ё худ қарзи бонкӣ, ки дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ номи қарзи хориҷиро гирифтааст.

**3. Аз рӯи тарзи пешниҳод шудан:**

- қарзҳои накдӣ, ки ба ҳисобҳои қарзгиранда ворид карда мешаванд;
- қарзҳои пазиравӣ - шакли пазира розигии пардохт (тратта) аз тарафи воридкунанда ё бонк;
- тасдиқномаҳои амонатӣ;
- қарзҳои вомбаргӣ ва ғайра.

**4. Аз рӯи додани қарз бо асъор:**

- қарзи байналмилалӣ бо асъори мамлакати карздор ё худ мамлакати қарздиҳанда, ё мамлакати сеюм, ё бо воҳидҳои асъори ҳисоби байналхалқӣ (СДР, ЭКЮ ё ЕВРО). Дар аксари ҳолатҳо қарз бо асъори мамлакати қарздиҳанда дода мешавад.

**5. Аз рӯи мӯҳлат:**

- қарзҳои кӯтоҳмуддат (аз як рӯз то як сол);
- қарзҳои миёнамуддат (аз як то панҷ сол);
- қарзҳои дарозмуддат (зиёда аз панч сол).

Ҳангоми тамдид намудани мӯҳлати қарзи кӯтоҳмуддат, ки бо кафолати давлат амалӣ шуданаш мумкин аст, ин карз ба қарзи миёнамуддат ё худ дарозмуддат табдил меёбад.

**6. Аз рӯи таъминот:**

- қарзҳои таъминшуда;
- карзҳои бетаъмин (бланковые).

Ба сифати таъминоти карз амвол, ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ, коғазҳои қиматнок, замин ва дигар дороии беҳаракат (ғайриманқул), баъзан тилло хизмат карда метавонад. Карзи бетаъмин (бланковый) бо пешниҳоди ӯҳдадории қарздор оиди дар вақти муқарраршуда баргардонидани қарз дода мешавад.

Вобаста ба шахсияти қарздиҳанда қарзи байналхалқӣ тақсим мешавад ба:

- қарзи ширкат (хусусӣ);

- қарзи бонкӣ;

- қарзи даллолӣ (брокерӣ);

- қарзи ҳукуматӣ;

- қарзҳои омехта, бо иштироки корхонаҳои хусусӣ (аз ҷумла бонкҳо) ва давлат;

- қарзҳои байнидавлатии ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ.

**Қарзи ширкати** содиркунанда ба воридкунандаи асъори хориҷӣ бо воситаи тамдид намудани мӯҳлати пардохти арзиши мол содиршуда ба мӯҳлати аз ду то ҳафт сол дода мешавад.

Ин қарз бо вексел ё худ бо тарзи ҳисоби кушода ба расмият дароварда мешавад. Дар қарзи векселӣ, содиркунанда ба воридкунанда векселн интиқолӣ (тратта) пешниход менамояд, ки онро воридкунанда пас аз гирифтани ҳуҷҷати тиҷоратӣ пазира мекунад. Қарзи бо ҳисоби кушода гузарондашуда ба қарордоди содиркунанда ва воридкунанда оиди дар хисоби харидор навиштани қарз ё барои моли воридшуда ва ӯҳдадории баргардонидани карз дар вақти муайян (миёна ё охири мох) асос ёфтааст. Ин шакли карз ҳангоми робитаҳои мунтазами боваринок доштани тарафхо истифода мешавад.

Ба қарзи ширкатӣ инчунин пешпардохти содиркунанда барои мол дохил мешавад. Пешпардохт шакли маблаггузории содиркунандаи хориҷӣ ва қобили қабул будани бори супоридашуда мебошад.

**Қарзи байналхалқии бонкӣ** ҳамчун карз дар шакли пулӣ баромад намуда, аз тарафи бонкҳо ба содиркунандагону воридкунандагон чун қоида бо гарави арзишҳои молу ашёи онҳо дода мешавад.

Гоҳе ин қарз ба ширкатҳои калоне, ки бонк бо онҳо робитаи наздик дорад, бе таъминот дода мешавад.

Барои ҷамъ намудани маблағҳои калони қарзӣ ва тақсимоти хатарҳо (риски) иттиҳодия, синдикат, консорсиумҳои бонкӣ ташкил карда мешаванд.

Дар робитаҳои байналхалқии хоҷагӣ карзи бонкӣ нисбати карзи ширкатӣ афзалият дорад. Қарзи бонкӣ ба

қарзгиранда имкон медиҳад, ки маблағи гирифтаашро озодона бо ихтиёри худаш истифода барад ва аз корхонаи қарздиҳанда вобаста набошад.

Қарзи байналхалқии бонкӣ бо навъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- ***қарзи содиротӣ*** – қарзе, ки бонки содиркунанда ба бонки воридкунанда барои маблағгузории хариди мошин, таҷҳизот, ашёи хом ва ғайра медиҳад. Ин гуна қарзҳо чун қоида «шарти маҳдудкунанда» доранд. Ин шарт маънои онро дорад, ки қарзгиранда қарзи гирифташро танҳо ба мақсади дар шартнома махсус таъкидшуда истифода бурдан метавонаду халос. Мақсади чунин шарт танҳо харидани молхои мамлакати қарздиҳанда ва монанди инҳост;

- ***қарзи молиявӣ*** – қарзест, ки имкон медиҳад молу ашё ва хизматҳо аз бозорҳои дилхоҳи ҷаҳонӣ харидорӣ карда шаванд. Ин ба қарзгиранда имкон медиҳад, ки бо истифода аз рақобати бозорӣ қарордодҳои бештар манфиатноки хариди молу ашёро дар асоси озмун ташкил намояд ва имконияти маблағгузориро (сармоягузориро) дар дохил ва хориҷи мамлакат фароҳам оварад;

- ***қарзи асъорӣ*** – қарзест, ки асъори муайяни хориҷӣ барои пардохти қарзи хориҷӣ, нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ ва зиёд намудани захираҳои асъорӣ гирифта мешавад.

Бонкҳо барои маблағгузорӣ бо тартиби додани қарордоди ҷубронӣ, ки бо пешниҳоди мутақобилаи молҳо аз маблағи баробар асос ёфтаанд, қарзи дарозмуддат дода метавонанд.

Мамлакати қарзгиранда ба мӯҳлати 8-15 сол мошин ва таҷҳизотро барои аз худ намудани захираҳои табиӣ ва истеҳсоли мол қарз гирифта, паспардохти қарзро аз ҳисоби маҳсулоти ин корхона анҷом медиҳад.

Ин гуна қарзҳо асосан аз тарфи консорсиумҳои бонкӣ пешниҳод карда мешаванд ва дорои шаклҳои зеринанд:

- карзи брокерӣ – қарзи байниширкатӣ ва бонкӣ буда, онро даллолҳо (брокерҳо) аз бонкҳо мегиранд.

- шакли муҳими қарзи байналхалқӣ – қарзи дарозмуддати давлатӣ (карзи ҳукуматӣ) ба ҳисоб меравад.

Ин қарз дар асоси шартномаҳои байниҳукуматӣ дар шакли қарзи давлатҳои мутараққӣ ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ дода мешавад ва аз барномаҳои гуногуни миллӣ, қитъавӣ ва байналхалкии мададрасонӣ вобастагӣ дорад.

Дар соҳаи қарзи байналхалқӣ мақом ва аҳамияти қарзи ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонии Таҷдиду Инкишоф (БҶТИ) ва шуъбаҳои он, Иттиҳодияи Умумии Байналхалкии Инкишоф (АУБИ), иттиҳодияи Байналхалкии Молиявӣ (ИБМ), Бонки Аврупоии Таҷдиду Инкишоф (БАТИ), инчунин бонкҳои гуногуни инкишофи қитъавӣ басо бузург аст. Мақоми хоси хазинаҳои байнидавлатӣ, ба хусус Хазинаи байналхалқии Асъор (ХБА) - ро, дар системаи қарзи байналхалқӣ қайд намудан лозим аст. Қарзи ин ташкилот аксари ҳолат шарт ва кафили аз бозорҳои ҷаҳонӣ гирифтани қарзҳои иловагӣ мебошад. Шакли махсуси маблағгузории қарзии робитаҳои иқтисоди хориҷӣ амалиёти лизингӣ, факторингӣ ва форфейтингӣ ба ҳисоб мераванд.

**Лизинг** – карордоди иҷораи моликият ба муддати аз се то понздаҳ сол мебошад. Фарқи ин иҷора аз иҷораи анъанавӣ дар он аст, ки объекти қарордоди лизинг аз тарафи лизинггиранда (иҷорагир) интихоб мешавад ва лизингдиҳанда (иҷорадиҳанда) ин таҷҳизотро аз ҳисоби худаш харидорӣ мекунад. Мӯҳлати қарордоди лизинг аз мӯҳлати хурдашавии воқеии таҷҳизот кам аст. Бо тамом шудани мӯҳлати қарордод муштарӣ метавонад иҷораро бо шартҳои имтиёзнок давом диҳад ё худ ин моликиятро бо нархи бақиявияш харидорӣ кунад.

Дар амалияи ҷаҳонӣ чун қоида лизингдиҳанда бонк набуда, балки ширкати лизингист.

**Факторинг** – аз тарафи ширкати молиявии махсус харидани ҳамон талабҳои пулии содиркунанда ба воридкунандаи хориҷӣ ба андозаи то 70-90% маблағи қарордод (шартнома) то расидани вақти пардохти он аст. Дар ин ҳолат ширкати факторинга ба содиркунанда ба мӯҳлати то 120 рӯз қарз медиҳад.

**Форфейтинг** – аз тарафи бонк ё форфетор бо шартҳои пешакӣ қарордодшуда харидани векселҳо (траттаҳо) ва дигар

ҳуҷҷатҳои молиявӣ мебошад. Бо ин содиркунанда ба форфетор хавфҳои (рискҳои) тиҷоратии ба пардохтназирии воридоткунанда вобаста бударо месупорад. Ба ибораи дигар корхонаи содиротӣ сандуқи талаботҳои қарзии худро фурӯхта, сохтори тавозуни худро соддатар месозад ва хароҷоти ҳисобдорӣ ва маъмуриашро кам менамояд.

Қарзи байналхалқӣ содироти мол ва хизматҳоро тезонида, шароити мусоиди сармоягузориро фароҳам меорад ва ба чараёни байнидавлатии онҳо мусоидат карда, бо ҳамин тақсимоти байналхалқии меҳнатро нурзӯр менамояд.

## 12.4. Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ

Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ - ташкилотҳои асъорию қарзие мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ва бо роҳи муттаҳид кардани захираҳои пулии гурӯҳи мамлакатҳо ташкил шудаанд. Мақсади ташкили онҳо ҳалли масъалаҳои умумӣ ва таъмини пешрафти иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад. Ба ин масъалаҳо дохил мешаванд: амалиёт дар бозори байналхалқии асъор ва мақсади танзими иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ҷонибдорию ҳавасмандгардонии савдои байналхалқӣ, танзими муносибатҳои асъорӣ, қарзию молиявии байни давлатҳо, ёрии қарзӣ ба кишварҳои мӯҳтоҷ.

Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ инҳоянд:[21]

*1. Бонки хиссоббаробаркунихои байналхалқӣ* (Bank for International Settlements - BIS), ки соли 1930 аз ҷониби кишварҳои аврупоӣ таъсис дода шудааст. Мақсади ташкили он мусоидат ба ҳамкории байни бонкҳои марказӣ, таҳлилу назорати иҷрои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҳисоббаробаркуниҳои молиявии байналхалқӣ, омӯзишу коркарди стандартҳои ягонаи назорати бонкӣ ва

---

[21] Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе: «ЭР-Граф», 2008, с. 368

гузаронидани тадкикотҳои илмӣ дар соҳаи муносибатҳои пулию қарзӣ мебошад. Қароргоҳи он дар шаҳри Базел (Швейцария) ҷойгир аст.

Бо таъсиси Хазинаи байналмилалии асъор (соли 1944) қисме аз вазифаҳои Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ ба ин ташкилоти навтаъсис гузашт. Ҳоло Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ ба ташкили ҳамкориҳои бонкҳои марказӣ, ташкили ҳисоббаробаркуниҳо, идораи захираҳои асъории қисме аз бонкҳои марказӣ, гузаронидани тадқиқотҳои илмии соҳавӣ, коркарду татбиқи стандартҳои ягонаи назорати бонкӣ машғул аст. Ин бонк ба бонкҳои марказии кишварҳои дигар, аз он ҷумла Тоҷикистон, дар таълими кормандон ва ташкили назорати бонкӣ ёрӣ мерасонад.

***2. Хазинаи Байналхалқии Асъор*** (International Monetary Fund) ***(ХБА)*** - бо мақсади инкишофи ҳамкорӣ ва таъмини ягонагӣ ва суботи хоҷагии ҷаҳонӣ ташкилотҳои байналхалкии асъорию қарзӣ ва молиявӣ ташкил карда шудаанд. Дар байни онҳо мақоми баландтаринро Хазинаи Байналхалкии Асъор (ХБА) ва Бонки Ҷаҳонии Таҷдиду Инкишоф ё худ Бонки Ҷаҳонӣ сохибанд.

ХБА - сохтори махсуси Созмони милали муттаҳид буда, соли 1944 аз ҷониби 28 мамлакати ҷаҳон таъсис дода шудааст. Ҳоло шумораи аъзои он ба 184 адад расидааст. Қароргоҳи он дар шаҳри Вашингтон (ИМА) ҷойгир мебошад.

ХБА - ташкилоти бисёрсоҳаи байниҳукуматии асъорию қарзӣ буда, мақоми муассисаи махсуси Созмони Милали Муттаҳидро (СММ) дорад.

ХБА **вазифаҳои зеринро** иҷро мекунад:

- мусоидат ба ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи сиёсати пулӣ;
- вусъат додани рушди савдои байналхалқӣ;
- таъмини суботи қурби пулҳои миллӣ;
- мусоидат ба рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Мамлакатҳои алоҳида мувофиқи ҳиссаи худ дар ташаккули сармояи ин муассиса имконияти таъсиррасонӣ ба фаъолияти онро пайдо менамоянд.

Давлатҳои мутараққӣ 14%-и ҳайати аъзои ХБА-ро ташкил намуда, қариб 60%-овоз доранд. (ИМА - 17,7%, мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо - 26,2% ва ғайра).

Қароргоҳи ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ дар ш. Вашингтон пойтахти ИМА, ки ҳиссаи калонтарини сармояи онро соҳиб мебошад, ҷой гирифтааст.

Ҳаққи узвияти давлатҳои аъзои ХБА бояд пурра пардохт карда шавад. (25% - бо СДР ва асъори мубодилаи озод, 75% бо асъори миллӣ).

Имконияти гирифтани қарз аз ХБА ба шартҳои зерин вобаста мебошад:

- ҳаҷми қарзи ҳар як мамлакат мутаносиб ба ҳиссаи ӯ маҳдуд карда мешавад;

- хазина дар назди мамлакати қарзгиранда талаби ҳатман ичро кардани барномаи самарабахши макроиқтисодиро мегузорад. Бо ин роҳ Хазина метавонад ба иқтисодиёти мамлакати қарзгиранда таъсир расонад.

Барномаҳои имрӯзаи ХБА ва БЧТИ бештар ба назарияи «иқтисодиёти пешниҳод (экономика-предложения)» асос ёфта, ба инкишофи истеҳсолот, гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, бартараф намудани оқибатҳои номатлуби ичтимоии ин ислоҳот равона гардидаанд.

ХБА асосан қарзҳои кӯтоҳмуддату миёнамуддат ва Бонки Ҷаҳонии Таҷдиду Инкишоф танҳо қарзҳои дарозмуддат медиҳанд (аз 15 то 20 сол). Додани ин қарз бо ичрои пешниҳоду тавсияи ҳайатҳои намояндагии онҳо, ки пешакӣ сатҳи иқтисодӣ ва молии мамлакати қарзгирандаро таҳлил намудаанд, вобаста мебошад.

Бонки Ҷахонии Таҷдиду Инкишоф мисли ХБА, на танҳо қарзи устуворсозӣ, балки қарзхои сохторӣ (барои ичрои барномахои ба ислохоти сохтории иқтисод равона кардашуда) низ медиҳад.

Фаъолияти ҳар дуи онҳо бо хам зич алоқаманд буда, ин ду муассисаи азим якдигарро пурра менамоянд.

Аъзои Бонки Ҷаҳонӣ танҳо давлатҳои аъзои ХБА шуда метавонад.

ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ бо якҷоягии дигар ташкилотҳои байналхалқӣ дар танзими муносибатҳои қарзии байналхалқӣ нақши бузург мебозанд. Додани қарз аз тарафи онҳо, тасдиқ ва нишондиҳандаи қобилияти пардохтпазирӣ доштани мамлакат аст.

Аз соли 1996 инҷониб Хазинаи байналмилалии асъор дар Тоҷикистон чандин барномаҳоро татбиқ кард, ки мақсади онҳо таъмини устувории қурби пули миллӣ мебошад. Ин ташкилот аслан бо бонкҳои марказӣ ҳамкорӣ карда, назорати риояи дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро вазифаи худ қарор додааст. Ба таври дигар, онро бонки марказии бонкҳои марказӣ меноманд.

Хазинаи байналмилалии асъор ба кишварҳои кафомонда барои ташкили захираҳои қарзӣ, таъмини устувории пули миллӣ ва пӯшонидани касри тавозуни пардохт қарзҳои имтиёзнок медиҳад. Ҳамаи қарзҳои аз ҷониби ин ташкилот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда имтиёзнок буда, мӯҳлати дароз доранд.

*3. Бонки ҷаҳонӣ (World Bank)* - соли 1944 бо имзои шартномаи Бреттон-Вуд таъсис дода шудааст. Вазифаи асосии он мусоидат ба пешрафти иқтисодиёти кишварҳои кафомонда ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Бонки ҷаҳонӣ ин вазифаи худро бо роҳҳои зерин амалӣ мегардонад: гузаронидани ислоҳот дар соҳаҳои сохтори давлатӣ, маорифу тандурустӣ, савдо, хусусигардонии моликият. Бартарияти ҳамкорӣ бо Бонки ҷаҳонӣ истифодаи қарзҳои камфоизи он мебошад. Аз ҷониби дигар, гирифтани қарз аз ин бонк рейтинги қарзии кишварро боло бурда, боиси ҳавасмандии инвесторони хориҷӣ мегардад.

Бонки ҷаҳонӣ дар ҳайати худ чунин ташкилотҳои молиявиро муттаҳид кардааст: Бонки байналхалқии бозсозӣ ва рушд, Иттиҳодияи байналхалқии молиявӣ, Иттиҳоди байналхалқии рушд, Маркази байналхалқии танзими даъвоҳо

оид ба сармоягузорӣ, Агентии бисёрҷониба оид ба гарави сармоягузорӣ.

*4. **Бонки байналхалкии бозсозӣ ва рушд** (International bank for reconstruction and development)* соли 1946 ба фаъолият шурӯъ намуда, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ;

- фаъолияти таҳлилӣ ва машваратӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ;

- миёнаравӣ дар таксими захираҳо байни кишварҳои пешрафтаю кафомонда;

Қарзҳои бонк танҳо дар асоси гарави ҳукумати кишвар ва барои пешбурди истеҳсолот дода мешаванд. Бонк ҳукук надорад қисми сармоя ё саҳмияҳои корхонаҳоро харидорӣ кунад.

*5. **Иттиҳодияи байналхалқии молиявӣ** (International Finance Corporation)* соли 1956 бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди сектори ғайридавлатии иқтисодиёт дар кишварҳои мутараккӣ таъсис дода шудааст. Он бе гарави ҳукуматҳо фаъолият карда, ҳуқук дорад дар ташкили корхонаҳо саҳм дошта бошад. Он 25 фоизи арзиши барномаҳоро маблаггузорӣ карда, ҳуқуқ дорад 35 фоизи саҳмияҳои корхонаҳоро харидорӣ намояд.

*6. **Иттиҳоди байналхалқии рушд** (International Development Association)* соли 1960 таъсис ёфтааст. Вазифаи он ёрӣ ба мамлакатҳои кафомонда, ки имконияти гирифтани карз аз Бонки байналхалкии бозсозӣ ва рушдро надоранд, мебошад. Кишварҳое, ки даромади солонаи аҳолиашон камтар аз 865 доллари америкоиро ташкил медиҳад ба гурӯҳи мамлакатҳои кафомонда дохил мешаванд. Иттиҳод ба онҳо қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат (30 - 40 сол) медиҳад.

Солҳои 1996 - 2006 Тоҷикистон аз ҳамин Иттиҳод карзҳои имтиёзнок гирифтааст.

***7. Маркази байналхалқии танзими даъвоҳо оид ба сармоягузорӣ (International Centre for Settlement of Investment Disputes)*** соли 1966 бо мақсади ҳалли даъвоҳо байни ҳукуматҳо ва сармоягузорони хориҷӣ таъсис дода шудааст. Марказ инчунин ба сармоягузорони хориҷӣ оид ба ҳалли масъалаҳои зарурӣ маслиҳатҳои ҳуқуқӣ медиҳад. Солс он зиёда аз 30 даъворо баррасӣ мекунад.

***8. Агентии бисёрҷониба оид ба гарави сармоягузорӣ - Multilateral Investment Guaran-tee Agency*** (соли таъсисаш 1980) ба расонидани ёрӣ ба мамлакатҳои кафомонда оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ машғул аст. Ин ёрӣ бо роҳи ба сармоягузорони хориҷӣ додани гарав аз хатари сиёсӣ (ҷанг, кашида гирифтани моликият, носомониҳои шаҳрвандӣ, вайрон кардани шартнома ва ғайра) амалӣ карда мешавад. Агента инчунин ба ҳукуматҳо оид ба ҷалби сармоя маслиҳатҳо медиҳад.

## 12.5. Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ

Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ низ ташкилотҳои асъорию қарзие мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ва бо роҳи муттаҳид кардани захираҳои асъории мамлакатҳои минтақаи муайян ташкил шудаанд. Мақсади ташкили онҳо ҷамъи захираҳои озод ва истифодаи онҳо барои пешрафти иқтисоди минтақа ва ҳалли масъалаҳои умумӣ дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ мебошад.

Ба ин гурӯҳ ***Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд, Бонки аврупоии сармоягузорӣ, Бонки осиёии рушд, Бонки африкоии рушд, Бонки байниамрикоии рушд, Бонки исломии рушд, Бонки Осиёи марказии ҳамкорию рушд, Хазинаи арабии асъор*** ва ғайра дохил мешаванд.

***Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд (European Bank for Reconstruction and Development)*** соли 1991 бо мақсади ёрӣ ба мамлакатҳои соҳибистиқлолшуда таъсис дода шудааст.

Қароргоҳи бонк дар шаҳри Лондони Британияи Кабир ҷойгир аст. Бонк бештар хусусияти тиҷоратӣ дошта, ба соҳаҳои ғайридавлатӣ қарз медиҳад. Тоҷикистон низ дар қатори дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ саҳҳоми ин бонк буда, аз қарзҳои он истифода мекунад. Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд дар Тоҷикистон ба ширкати «Оби зулол» ва бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳои дарозмуддат додааст. Илова ба он, ин бонк соҳиби қисме аз саҳмияҳои бонкҳо, аз он ҷумла бонки «Эсхата» мебошад.

***Бонки аврупоии сармоягузорӣ*** *(European Investment Bank)* муассисаи молиявии Иттиҳоди Аврупоӣ буда, соли 1957 барои дастгирии рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ таъсис дода шудааст. Маблағҳои асъории он барои таъмини рушди баробарвазни иқтисодиёти кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ равона шудаанд. Аслан он ба малакатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупоӣ қарз медиҳад. Қисми ками қарзҳои он ба мамлакатҳои ҳамкори Иттиҳоди Аврупоӣ, ба монанди Туркия, Булғория ва ғайра дода шудааст.

***Бонки осиёии рушд*** *(Asian Development Bank)* соли 1966 аз ҷониби кишварҳои осиёӣ (Чин, Ҷопон, Корея ва ғайра) таъсис дода шудааст. Баъдан ба он кишварҳои дигари аврупоӣ (ба монанди Финландия, Фаронса, Олмон) ва осиё, аз он ҷумла Тоҷикистон (соли 1998) ворид шудаанд. Қароргоҳи бонк дар шаҳри Манилаи кишвари Филиппин ҷойгир шудааст.

Бонк беҳтар кардани шароити зисти мардуми минтақаро вазифаи асосии худ дониста, онро бо роҳҳои зерин амалӣ мегардонад: додани қарзҳои имтиёзнок, ёрии техникӣ, маблағҳои бебозгашт, гаравномаҳо барои қарзҳои аз кишвару ташкилотҳои молиявии дигар гирифташуда, сармоягузорӣ.

Тоҷикистон бо Бонки осиёии рушд ҳамкории зич дорад. Дар ин давра (аз соли 1998 то ба ҳол) Бонки осиёии рушд ба Тоҷикистон ба маблағи зиёд ёрии техникӣ ва қарзӣ расонидааст. Масалан, таъмири роҳҳои Душанбе

Қурғонтеппа - Кӯлоб, Душанбе - Ваҳдат - Нуробод - сарҳади Қирғизистон, силсилаи обтаъминкунии ноҳияи Ёвон аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Бо мақсади кам кардани сатҳи камбизоати барномаҳои зиёди дигар дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ иҷро шудаанд. Бонки осиёии рушд то соли 2007 ба Тоҷикистон 56 ёрии техники, 9 ёрии бебозгашт (грант) ва 24 қарз додааст, ки маблағи умумиашон 307.33 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад

***Бонки африкоии рушд*** *(African development bank)* соли 1964 аз ҷониби мамлакатҳои минтақаи Африқо бо мақсади мусоидат ба пешрафти иқтисодиёти кишварҳои африқоӣ таъсис дода шудааст. Баъдан қисме аз кишварҳои аврупоӣ ба узвияти он ҳамроҳ шуданд. Аз қарзҳои он аслан кишварҳои қафомондаи африқоӣ истифода мекунанд.

***Бонки байниамрикоии рушд*** *(Inter American Development Bank)* соли 1959 бо мақсади дастгирии рушди иқтисодиёти кишварҳои Амрикои лотинӣ таъсис дода шудааст. Қароргоҳи бонк дар шаҳри Вашингтони ИМА ҷойгир мебошад. Қарзҳои он ба рушди иқтисодиёт, дастгирии корхонаҳои хурду миёна, соҳаи маорифу тандурустӣ ва инфра-сохтор равона шудаанд.

***Бонки исломии рушд*** *(Islamic Development Bank)* соли 1973 аз ҷониби кишварҳои исломӣ таъсис дода шудааст. Тоҷикистон ба узвияти он соли 1997 (маҷлиси солонаи бонк дар шаҳри Конакри, Гвинея) қабул шудааст. Мақсади бонк мусоидат ба рушди иқтисодиёти кишварҳои аъзои он ва ҷаҳони исломӣ мутобиқ ба қоидаҳои шариат мебошад. Ба ҳайати бонк Иттиҳодияи исломӣ барои рушди бахши хусусӣ *(Islamic Corporation for the Development of the Private Sector)*, Иттиҳодияи исломӣ барои суғуртаи сармоягузорӣ ва қарзҳои содиротӣ *(Islamic Corporation for Insurance of Investment and Export Credit)*, Пажӯҳишгоҳи исломии тадқиқот ва омӯзиш *(Islamic Research and Training Institute)* дохил мешаванд. Ҳар кадоми ин муассисаҳо вазифаҳои муайяни худро доранд.

Ҳамкории Тоҷикистон бо Бонки исломии рушд соли 1998 шурӯъ шуда, то ба имрӯз давом дорад. Бонк бо қарзҳои бефоизи худ дар пешрафти иқтисодиёти кишвари мо саҳми хоса дорад. Қарзҳои он барои барқарор кардани мактабу касалхонаҳо, сохтмони иншоотҳои нав, хариди таҷҳизот ва мақсадҳои дигар сарф шудаанд. Масалан, қисми зиёди шоҳроҳи Кӯлоб – Хоруғ – Кулма (сарҳади Чин) аз ҳисоби қарзҳои Бонки исломии рушд сохта шудааст.

***Бонки Осиёи марказии ҳамкорию рушд*** *(Centralasian Bank for Cooperation and Development)* соли 1995 аз ҷониби кишварҳои Қазоқистон, Қирғизистону Узбекистон таъсис дода шуд. Баъдан ба он Тоҷикистон ҳамроҳ гардид. Қароргоҳи бонк дар шаҳри Алмаатои Қазоқистон ҷойгир шуда, мақсади ташкили он татбиқи барномаҳои калони моҳияти минтақавӣ дошта мебошад. Бонк то ба имрӯз чандин барномаҳоро дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя маблағгузорӣ кардааст.

***Хазинаи арабии асъор*** *(Arab Monetary Fund)* соли 1976 аз ҷониби 20 мамлакати арабзабон (қароргоҳаш шаҳри Рабати кишвари Марокко) таъсис дода шудааст. Мақсади ташкили ин хазина таъмини устувории асъорҳои кишварҳои араб, ҳамоҳанг кардани сиёсати иқтисодию асъории онҳо мебошад.

Ба гурӯҳи бонкҳои минтақавӣ инчунин Бонки байнидавлатӣ (қароргоҳаш дар шаҳри Маскав, Федератсияи Русия), Бонки рушди Евразия (қароргоҳаш дар шаҳри Остонаи Қазоқистон) ва ғайраро ворид намудан мумкин аст, ки аз ҷониби чанд кишвар таъсис дода шудаанду ба иқтисодиёти онҳо хизмат мерасонанд.

## Мавзӯи 13. АМАЛИЁТҲОИ АНДОЗБАНДӢ ДАР БОНКҲО

Нақша:

13.1. Қоидаҳои умумии андозбандӣ ва баҳисобгирии он.

13.2. Намудҳои андозе, ки бонкҳо ба буҷа месупоранд

13.3. Ситондани андоз дар манбаи пардохт

### 13.1. Қоидаҳои умумии андозбандӣ ва баҳисобгирии андоз

**Қоидаҳои умумии андозбандӣ.**

Меъёрҳои қонунии тарзи ҳисоб кардани андозҳо мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд. Андозҳо бо шакли пулӣ ҳисоб карда шуда. бо асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешаванд. Андозсупоранда ӯҳдадор аст баъди гирифтани мактуби мақомоти андоз дар мӯҳлати 10 рӯз ба ин мақомот маълумот пешниҳод намояд.

**Андозсупоранда вазифадор аст:**

1. Дар сари вақт аз қайд гузарад.

2. Ӯҳдадориҳои андозро бо таври пуррагӣ иҷро намояд.

3. Талаботҳои қонунии мақомоти андозро оиди бартараф кардани хатогиҳои ҷойдошта иҷро намояд.

4. Мувофиқи нишондод кормандони мақомоти андозро барои тафтиш кардани амвол роҳ диҳад.

5. Мувофиқи нишондоди қоидаҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомотҳои андози далхдор эъломия, дигар ҳисоботҳо ва ҳуҷҷатҳои лозимаро пешниҳод намояд.

6. Мувофиқи қоидаҳои ҷойдошта даромадҳою хароҷотҳоро барои ҳисоб кардани манбаи пардохти андозҳо дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш барад.

7. Дар мӯҳлати на кам аз 3 соли баъди ба охир расидани соли календарӣ нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои ҳисоботии нисбат ба андозсупориро онҳоро таъмин созанд.

Андозсупоранда бояд ба таври ихтиёрӣ маблағи андози дар ҳамин сол аз рӯи манбаи андоз, меъёри он ва имтиёзҳо ҳисоб кардашударо ба мақомоти андоз пардохт намояд.

Пардохти андозҳо ба тариқи зайл сурат мегиранд:

а) ҳисоб кардани маблағи андоз;

б) ҳисоб кардани ҷаримаҳо;

в) ҳисоб кардани фоизҳо

Дар ин ҳол ҳисоб кардани маблағи андоз ва ҷаримаҳо пай дар пай аз қарори қарзи пешакӣ то баъдӣ сурат мегиранд.

**Андозсупоранда ҳуқуқ дорад:**

1. Аз мақомоти андоз оиди андоз ва пардохти дигар ӯҳдадориҳо ба буҷа, оиди дигаргуниҳо дар қонуниятҳои андоз ва фаҳмондадиҳии хаттӣ оиди масъалаҳои амалӣ кардани қоидаҳои андоз ба таври хаттӣ маълумот гирад;

2. Шахсан ё ба воситаи намояндааш манфиатҳояшро оиди масъалаҳои марбут ба андоз ва андозбандӣ ҳимоя намояд;

3. Дар вақти тафтиши мақомоти андоз иштирок варзад ва нусхаи ҳуҷҷатҳоро оиди ҷамъбасти тафтишот ба даст дарорад;

4. Ба мақомоти андоз баъди ҷамъбасти тафтишот оиди ҳисоб кардан ва пардохтани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷа тавзеҳ пешниҳод намояд;

5. Аз мақомоти андоз нусхаи ҳисоби шахсиро оиди иҷрои ӯҳдадориҳои андоз ва гузаронидани амалиётҳо бо буҷа талаб намояд;

6. Тибқи нишондодҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санади тафтишот ва ҳақ будану набудани шахсони масъули мақомоти андоз ба мақомотҳои даххдор муроҷиат намояд;

7. Махфӣ нигоҳ доштани сирри андозро талаб намояд;

8. Ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои ба андозбандӣ далхнадоштаро пешниҳод накунад;

9. Имтиёзҳои андозро мувофиқи қоидаҳои андозбандӣ истифода кунад;

10. Мувофиқи қоидаҳои Кодекси андоз дароз кардани муҳлати пардохти андозро талаб намояд;

11. Талаб кунад, ки маблаги андози барзиёд пардохт кардашуда ба ҳисоб гирифта шавад, ё баргардонда шавад;

12. Аз шахсони масъули мақомоти андоз талаб намояд, ки онҳо нисбати андозсупоранда дар чорчӯбаи қонуну қоидаҳои андоз рафтор намоянд;

13. Санад, қарор ва талаботҳои мақомоти андоз ва шахсони масъули онро гайр аз талаботи қонуну қоидаҳо ва меърҳои ҳуқуқӣ нисбати андоз иҷро накунанд;

14. Дар муддати 3 соли баъди огози марҳилаи андоз, бо замми вақти иловагӣ ҳақ доранд аз мақомоти андоз баргардондан ё ба ҳисоб гирифтани пардохти иловагии андозро талаб кунанд;

15. Дигар ҳуқуқҳоро мувофиқи Қонунҳои андози Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

**Давраи (соли) андоз** соли тақвимӣ ба ҳисоб меравад.

## 13.2. Намудҳои андозе, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба буҷа месупоранд

Андоз ва андозбандӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амали мегардад. Бонкҳо ба буҷети давлатӣ аз қарори зерин андозсупорӣ мекунанд:

**1. Андозҳои умумидавлатӣ:**

1) андози даромад аз шахсони воқеӣ (андоз аз даромади шахсони воқеӣ);

2) андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ;

3) андоз аз арзиши иловашуда;

4) андози иҷтимоӣ;

5) андози замин;

6) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;

7) бочи гумрукӣ ва дигар пардохтхои гумрукӣ;

8) бочи давлатӣ;

9) андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо даромади корхонао

2. Андозҳои маҳаллӣ:

1) андоз аз амволи ғайриманқул;

2) андоз аз савдои чакана (агар дар назди бонк онхона бошад);

## 13.3. Ситондани андоз дар манбаи пардохт

**Тартиби ситонидани андоз дар манбаи пардохт**

1. Шахсони зерин (агентҳои андоз) вазифадоранд андозро дар манбаъҳои пардохт ситонанд:

1) шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои махсуси онҳо, ки ба шахсони воқеии кироякор маблағ медиҳанд;
2) шахсони воқеӣ – соҳибкорони инфиродӣ, ки ба шахсони воқеии кироякори худ ҳақпардохт менамоянд;
3) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқис, ки ба дигар шахсон нафақа, стипендия ва кӯмакпулӣ медиҳанд, ба истисной нафақа, стипендия ва кӯмакпулиҳои давлатӣ;
4) шахсони ҳуқуқӣ - резидентҳо, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ суди саҳмия мепардозанд;
5) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқис, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фоизҳо мепардозанд;
6) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқис, ки маблағҳои дар моддаи 164 Кодекси андоз пешбинишударо мепардозанд;
7) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқис, ки бурдҳоро оид ба вомбаргҳо, лотереяҳо, оид ба натичаҳои озмунҳо ва мусобиқаҳо мукофот (бурдҳо, тӯҳфаҳо) медиҳанд.

Шахси воқеӣ ва ҳуқуқис, ки даромад пардохт менамояд, барои ситонидан ва ба буҷет гузаронидани андозҳо ҷавобгар мебошад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки андозро дар манбаи пардохт месitонанд (ҳисоб мекунанд), аз ҷумла шахсоне, ки барои пардохти музди меҳнат аз бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию кредитии анҷомдиҳандаи амалиёти алоҳидаи бонки маблағ мегиранд, вазифадоранд:

1) андозҳои ситонидашуда (ҳисобшуда), аз ҷумла андози иҷтимоӣ ба буҷет ҳамзамон бо гирифтани маблағҳо барои музди меҳнат ва дар дигар ҳолатҳо – дар давоми 5 рӯзи бонкии баъди ба охир расидани моҳе, ки дар он пардохтҳо (маблағҳо) супорида шуда буданд, гузаронанд;

2) ҳангоми пардохти музди меҳнат ба шахсони воқеие, ки даромад мегиранд, бо дархости онҳо, бо зикри насабу ном, маблағ ва намуди даромад ва андозҳои ситонидашуда (агар андоз нигоҳ дошта шавад), маълумотнома диҳанд;

3) дар давоми 30 рӯзи баъди ба охир расидани соли андоз ҳатман ба мақомоти андози ҷои баҳисобгирии бақайдгириашон, рақами мушаххаси андозсупоранда, номгӯи (насаб, ном ва номи падар) шахс, номгӯи муасисса, маблағи умумии даромад ва маблағи умумии андози ситонидашуда дар соли ҳисоботӣ маълумотнома пешниҳод кунанд.

## Ситонидани андоз аз суди саҳмияҳо дар манбаи пардохт

Суди саҳмияҳое, ки бонк мепардозад, ба истиснои суди саҳмияҳое, ки ба бонк пардохт карда мешаванд, бояд дар манбаи пардохт тибқи меъёри 12 фоиз андозбандӣ шаванд.

Суди саҳмияҳое, ки андозбандӣ мегарданд, ба даромади умумии шахси гирандаи онҳо дохил карда намешаванд ва минбаъд андозбандӣ намегарданд.

## Ситонидани андоз аз фоизҳо дар манбаи пардохт

Фоизҳое, ки резидент ё муассисаи доимии ғайрирезидент медиҳанд, ё аз номи чунин муассиса дода мешаванд, дар манбаи пардохт тибқи меъёри 12 фоиз аз маблағи додашаванда андозбандӣ мегарданд.

Фоизҳо, аз ҷумла тибқи шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг), ки ба бонкҳои резидентӣ, ба дигар муассисаҳои (ташкилотҳои) резидентии молиявию кредитӣ, аз ҷумла ба ташкилотҳои резидентии маблаггузориҳои хурд, ширкатҳои резидентии иҷораи молиявӣ (лизингӣ) пардохта мешаванд, дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд.

Фоизҳо ба даромади умумии гирандаи онҳо – шахси воқеӣ дохил намешаванд ва дар оянда баъди пардохти онҳо ба ин шахс андозбандӣ намегарданд.

4. Шахсӣ ҳуқуқӣ – резидент, ки фоидаи он бояд андозбандӣ гардад, ҳангоми гирифтани фоизҳо ба даромади умумии худ тамоми маблағи даромади фоизиро бе тарҳи андози ситонидашуда дохил менамояд.

## Пешниҳоди ҳисоботи андоз оид ба ситонидани андоз дар манбаи пардохт

Агентҳои андоз вазифадоранд як маротиба дар нимсола, на дертар аз санаи 15 – уми моҳс, ки баъди нимсолаи ҳисоботӣ фаро мерасад ва дар он ӯҳдадории ситонидани андоз дар манбаи пардохт ба вуҷуд омадааст, ба мақомоти андози маҳаллӣ баҳисобгирии бақайдгириашон ҳисоботи андози дар манбаи пардохт ситонидашударо тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод намоянд.

***Мисоли 1***. *Бонк 25 марти 2008 сол мувофиқи пардохти дисконтӣ ба маблағи **100 000** сомонӣ покати васиқаи давлатии хазинадориро харида ба маблағи **103 000** бо мӯҳлати пардохти 91 рӯз даромад гирифт.*

*Ҳамин тариқ, даромади бонк аз ин ҳисоб **3 000** сомониро ташкил дод:*

*(103 000 - 100 000)*

*Ин маблағ **3 000** сомонӣ дар вақти андозсупорӣ аз манбаи андоз тарҳ карда мешавад*

*<u>Мисоли 2</u>. Бонк ҳисоби муросилотиро дар бонки «А» кушода мувофиқи шартнома ҳар моҳ аз рӯи 10%-ӣ дар як сол ба ҳисоби даромади бонк **15 560** сомонӣ дохил шуд*

*Мувофиқи Кодекси андоз бонки «А» пеш аз пардохти фоизҳо ба бонк бояд андозро аз манбаи он аз рӯи меъёри 12% (1867,20 сомон) мегирифт, аммо ӯ инро нагирифт. Аз ин ру ба хулоса омадан мумкин аст, ки маблаги 15 560 сомонии ба фоидаи бонк дохилшуда-88% (100-12) и маблаги бонки «А» истифода бурдашударо, яне **17 682** сомониро (15 560 x 100 *88) ташкил медиҳад, аммо бонк дар манбаи андоз 15 560 сомониро дохил кард, ки аз ин маблаг бояд мувофиқи маъри 25% - и солона андоз ҳисоб карда шавад. Бонк ҳақ дорад маблаги 2122 сомонро (17682 – 15560) ба манбаи андозаш зам кунад.*

# Мавзӯи 14. ДАРОМАДУ ХАРОҶОТҲОИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ БОЗОРГОНӢ

Нақша:

14.1. Даромади бонк, таркиб ва баҳисобгирии он
14.2. Хароҷотҳои бонк ва таркиби онҳо
14.3. Фароҳамоварӣ ва истифодабарии фоидаи бонк

## 14.1. Даромади бонк, таркиб ва баҳисобгирии он

Бонк дар шароити имрӯза ташкилоти қарзие мебошад, ки дар рафти иҷроиши вазифаҳо ва масъулиятҳо масъалаи ба даст овардани даромад ва фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ меҳисобад. Даромади бонк дар ҳолати иҷрои амалиёти таъиншуда ба даст омада, дар як вақт сарчашмаи фоида ба шумор меравад.

**Даромади бонк** гуфта иҷрои он амалиётеро меноманд, ки баъд аз ба охир расидани мӯҳлати он, бонк маблағи иловагӣ ба даст меорад.

Чунонс, ки маълум аст, сарчашмаи даромади бонки тиҷоратӣ хелҳои гуногуни соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Ба хелҳои соҳибкории бонкӣ инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- соҳибкории қарзӣ;
- соҳибкории дисконтӣ;
- соҳибкории посбонӣ;
- соҳибкорӣ аз ҳисоби коғазҳои қиматнок;
- фаъолияти кафолатии бонкӣ;
- соҳибкорӣ вобаст ба ҷалб кардани амонат ва иҷрои амалиётҳо тариқи талаботи амонатгузорон, ки дар муносибатҳои муросилотӣ бо бонкҳои дигар асос меёбад.

**Соҳибкории қарзӣ** ду қисми асосиро дарбар мегирад:

- додани қарз ба мизоҷон (ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ва ба бонкҳои дигар барои истифодаи вақтина додани захираҳои озод ва аз ин ҳисоб ба даст даровардани подоши фоизӣ;

- ба ин элементи соҳибкорӣ қарзи байнибонкӣ ё амонати мӯҳлатнок дохил мешавад.

**Соҳибкории дисконтӣ** дар амалиётҳои аз тарафи бонк харидани васиқаҳо, чакҳо, талабномаҳои пардохтнашудаи тахфифӣ (скидка) - дисконти иборат аст. Ин чиз ба амалиёти факторинги дохил мешавад, ки дар асоси он бонк аз ҳисоби муросилотиаш ҳаки моли пардохт нашударо пардохт карда, баъди дар ҳисоби харидор дохил шудани пул, онро бо зами андоз аз даромади иловагӣ, ва даромади бонк (маблаги дисконт бо тарҳи андоз) баргардонда мегирад.

**Соҳибкории посбонӣ** ин ба хизматҳои трастӣ (боваринок) ва агентӣ, ки аз ҳисоби ин хизматҳо бонк дар шакли комиссия барои идора кардани амволи қиматбаҳои мизоҷон ё барои иҷрои амалиёти вобаст ба супориши мизоҷон даромад ба даст меоварад.

**Соҳибкориӣ аз ҳисоби коғазҳои қиматнок** – ин яъне даромад аз ҳисоби интишор, фурӯш ва ҷобаҷокунии коғазҳои худдии бонк ба ҳисоб меравад.

**Фаъолияти кафолатии бонкӣ** ин яъне даромад аз ҳисоби додани ҳаргуна кафолатномаҳост, ки бонк ба мизоҷонаш медиҳад.

**Соҳибкорӣ вобаст ба ҷалб кардани амонат ва иҷрои амалиётҳо тариқи талаботи амонатгузорон, ки дар муносибатҳои муросилотӣ бо бонкҳои дигар асос меёбад** шароит медиҳад, ки бонк дар шаклҳои зайл даромад гирад:

- подоши комиссионӣ (барои кушодани суратҳисобҳо);
- барои бурдани ҳисобҳои мизоҷон (ба шакли комиссияи сабт шуда, фоиз аз гардиш).

Мақсади фаъолияти бонк ин зиёд намудани фоидаи саҳмдорон мебошад. Бинобар ин, афзоиши фоида аз самаранок истифода кардани активҳои бонк вобастагии зиёд дорад. Аз ин рӯ, сиёсати бонк бояд ба масоили зерин равона карда шавад:

1. Устувор нигоҳ доштан ё зиёд намудани даромади соф бо шакли фоиз;
2. Ба даст овардани даромади ғайрифоизӣ,
3. Назорат аз рӯи хароҷотҳо;

4. Нигоҳ доштани усулҳои асосии қарз;

5. Таъмини пардохтпазирӣ ва ғайраҳо.

Даромади бонк асосан бо ду роҳ ба даст оварда мешаванд:

- даромадҳои фоизӣ;
- даромаҳои бефоиз.

Даромади фоизӣ гуфта қисми даромади бонкро меноманд, ки ба шакли фоиз, дивиденд ва ё комиссияи бонкӣ ба даст оварда мешавад. Дар сатҳи даромадҳои фоизӣ чунонс, ки гуфтем 80 - 85 фоизи даромадҳои умумиро фоизи қарз ташкил медиҳад ва дар баҳисобгирии муҳосибавӣ дар тавозуни бонкӣ дар ҳисобҳои 40200, 40800, 42200, 42400, 42600 ҷой дода мешаванд.

## 14.2. Хароҷотҳои бонк ва таркиби он

Тамоми фаъолияти хоҷагидорӣ ба хароҷотҳои пулӣ вобастагӣ дорад. Даромад бе хароҷот ё фоида бе даромад аслан бемоҳият ҳастанд. Бонкҳо низ аз рӯи раванди гуногунҷабҳа хароҷотҳои пулиро анҷом медиҳанд. Бонкҳои ҳозиразамон умумӣ буда, чун харидор ва фурӯшанда баромад мекунанд, онҳо дар асоси фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори пулӣ иштирок менамоянд. Аз ин ҷо, гуногунии хароҷотҳо пайдо мешавад.

Таркиби хароҷотҳои бонкӣ ва ҳаҷми онҳо барои муайян намудани фоидаи бонк манбаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, вобаста ба таркиби фаъолият ва даромади бонк хароҷотҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

*1) Хароҷотҳои амалиётӣ (асосие),* ки барои фаъолияти бевоситаи худи бонк зарурӣанд – ин яъне ҳисоб кардани пасандозҳои мӯҳлатнок ва қарзҳое, ки аз бонкҳои дигар гирифта шудаанд, хароҷотҳои коғазҳои қиматнок, тангаҳо ва нигоҳдории пулӣ нақду амсоли инҳо.

***2) Хароҷоте, ки барои таъмини фаъолияти хоҷагӣ ва пойгоҳи моддиву техникии бонк заруранд.*** Ба ин гурӯҳ хароҷотҳои зеринро ҳамроҳ намудан қобили қабул аст:

харочот барои истеҳлоки (амортизатсия) воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайрифаъол, идоракунии воситаҳои асосӣ, истифодабарии бинохову таҷҳизот, нақлиёт ва харочотҳои ҳарруза.

*3) Харочотҳои ёрирасон,* яъне номгуи харочотҳое, ки барои анҷом додани амалёти бонк шароит муҳайё месозанд. Ин гуна харочотҳоро метавон ба гуруҳи хизматрасониҳое дохил намуд, ки онҳо аз чунин намудҳо иборатанд: харочоти хизматрасонии марказҳои ҳисоббаробарнамоиву хазинавӣ, алоқаю почта, телефону интернет, харочоти тайёр намудани пулҳои қарзӣ аз ҷумла: кортҳои пластикӣ, чекҳои мусофиротӣ ва ғайраҳо, харочотҳои обуна ба нашрияҳои алоҳида, тайёр намудани мутахассисони варзидаи бонк ва бозомӯзии онҳо.

***4) Харочотҳо барои баланд бардоштани рейтинг ва эътибори бонк:***

• харочоти намояндагӣ;

• харочоти таблиғотӣ (рекламаҳо) бо воситаи ахбори умум ва ташкили лозунгҳои махсус дар кӯчаву хиёбонҳо, харочоти сафарҳои хизматӣ;

• харочот барои хизматрасониҳои маркетингиву машваратӣ;

• харочот барои аудитори беруна;

• пулгузаронӣ барои ташкили захираҳои махсус вобаста ба талаботу дархости Бонки миллии Тоҷикистон.

***5) Харочотҳои идоракунӣ ва масрафи раёсати бонк.*** Ба ин гурӯҳ асосан харочотҳое дохил мешавад, ки бонки тиҷоратӣ барои дастгирии сатҳи иҷтимоии кормандон масраф менамояд. Пардохти музди меҳнату мукофотҳо ва андози иҷтимоӣ аз ҷумлаи он харочотҳо мебошанд.

***6) Харочотҳои бонк барои баркарорсозӣ ва ғанигардонии буҷаи давлатӣ.*** Бонки тиҷоратӣ пардохтҳои ҳатмии вогузоштаро мувофиқи нишондоди Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузориҳои амалкунанда ба ҳисоби буҷаи давлатӣ ва фондҳои махсуси давлатӣ месупорад. Бонк дар шароити имрӯза пардохти чунин андозҳоро ба ӯҳда дорад: андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ,

андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз амвол, андози замин, андоз аз дорандагони воситаҳои нақлиёт, андози иҷтимоӣ

Ҳамин тавр, таркиби хароҷотҳои бонкро чунин ифода кардан мумкин аст:

***Хароҷотҳои умумӣ = хароҷоти амалётӣ + хароҷоти ёрирасон + дигар хароҷотҳо.***

Бонкҳои тиҷоратӣ чун дигар шахсони ҳуқуқӣ ҳаргуна ҷаримаву фоизҳои иловагӣ месупоранд.

Ҳамчунин бонкҳо дар фаъолияти худ метавонанд ба шахсони ҳуқуқӣ дар масъалаҳои мухталифи соҳибкорӣ марбут ба молия ва қарз мусоҳиба (консультатсия) ташкил намоянд. Ингуна хизматрасониҳо дар асоси шартнома пулакӣ мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо бонкҳо мутахассисонро ба кору фаъолияти муваққатӣ даъват менамоянд (масалан аудиторони беруна, таъмиргари телефон, банкоматҳо, терминалҳо ва ғайраҳо) Пардохти маблағ барои хизматрасониҳои мусоҳибавӣ ва дигар хизматрасониҳо дар баҳисобгирии мӯҳосибавӣ дар ҳисобҳои:

53701 - «Пардохти хизматрасонии аудиторҳои беруна»;

53705 - «Пардохти хизматрасонии мусоҳибавӣ оиди идоракунӣ»;

53709 - «Пардохти маблағ ба ҳуқуқшинос»;

53795 - «Дигар намуди хизматрасониҳои касбӣ», ба қайд гирифта мешаванд.

Пардохт чун қоида ба намуди нақдӣ ва ғайринақдӣ пардохта мешавад:

ДТ- 53701,

КТ- 10301 ё 10101.

Ҳамин тавр, дигар хизматрасониҳои бонкӣ ҳам чунин бақайд гирифта шуда, дар муҳосибаи бонк гузариш дода мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо дар асоси розигии тарафайн бонки тиҷоратӣ пардохти хизматрасониҳоро ба таври пешпардохт иҷро менамояд ки ин гуна масъалаҳо ҳатман дар шартномаи тарафайн нишон дода мешаванд.

## 14.3. Фароҳамоварӣ ва истифодабарии фоидаи бонк.

Тибқи нишондоди боби 19-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, фоидаи бонк ин фарқи байни даромаду хароҷотҳои бонк ба зҳисоб меравад. Фоиди соф ин фарқи баини фоида ва меъёри андоз аз фоидаи бонк (25%) аст. Аз ин рӯ фоида ва фоидаи софро ба воситаи формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

$$Д_у - Х = Ф \times 25\%,$$

ки дар ин ҷо:

Д - даромадҳо;

Х - хароҷотҳо;

Ф - фоидаи андозбандишаванда;

25% - меъёри андоз (аз апрели 2000 сол).

Мувофиқи стандартҳои МСФО модели таҳлили сарчашмаҳои фоидаро дида мебароем (Ҷадвали 3).

*Ҷадвали 3*

**Модели таҳлили сарчашмаҳои фоида мувофиқи стандартҳои МСФО**

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Ҳазор сомонӣ |
|---|---|
| Сарчашмаҳои устувори фоида | |
| Даромади фоизӣ | 420 |
| Хароҷоти фоизӣ | 250 |
| **Маржаи фоизӣ** | **170** |
| Даромади бефоиза | 40 |
| Хароҷоти бефоиза | 50 |
| Фарқи зиёдаи даромади бефоиза аз хароҷоти бефоиза | - 10 |
| **Ҷамъи сарчашмаҳои устувори фоида** | **160** |
| Сарчашмаҳои ноустувори фоида | |
| Даромадҳо, зарар аз аз амалиётҳои спекулятивӣ дар бозор | |

| | |
|---|---|
| Даромадҳо, зарар аз амалиётҳои ғайричашмдошт | + 25 |
| **Ҷамъи сарчашмаҳои ноустувор** | **+ 25** |
| Дигар хароҷотҳо | |
| Аз ҳисоб баровардан ба фоидаи пушидани зарари қарз | 20 |
| Андозҳо | 20 |
| **Фоидаи соф** | **145** |

Чунонс, ки мебинем, асоси даромади бонки тиҷоратиро даромадҳои фоизӣ ташкил медиҳанд.

Ҳаҷми дивиденди (суди) саҳмия ба фоиданокии бонк алоқамандии мустақим дорад. Дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратии амалкунанда фонда чунин тақсим карда мешавад:

1. Андози фонда 25 фоиз;
2. Ҳиссаҷудокунӣ ба фонди умумии захиравӣ;
3. Захира барои худсуғуртакунӣ;
4. Захира барои ҳолатҳои ғайричашмдошт;
5. Дивиденд.

Ҳаҷми ҳиссаҷудокунӣ аз фоидаро барои фондҳои номбурда Маҷлиси саҳҳомон муайян менамояд, ки одатан аз 5 то 10 фоизи фоидаи софро ташкил медиҳад (фоидаи умумӣ тарҳи андоз).

***Мисол:*** Бонки тиҷоратӣ дар охири соли 2009 ба маблағи 1000 000 сомонӣ фоида ба даст овард, ки аз ин маблағ 250 000 сомонӣ андози фоида супорид (1000 000 × 25 %). Фоидаи соф дар ин давра 750 000 (1 000 000 - 250 000) сомониро ташкил дод. Натиҷаи ҷамъбасти солро саҳҳомон ба назар гирифта, фоидаи софро ба таври зайл тақсим намуданд:

- фонди умумии захиравӣ - 10 % (75 000 сомонӣ);
- захира барои худсуғуртакунӣ - 5 % (37 500 сомонӣ);
- барои ҳолатҳои ғайричашмдошт - 5 % (37 500 сомонӣ).

Маблағи боқимонда 80% (600 000 сомонӣ) барои пардохти дивиденд истифода карда мешавад.

Дар баҳисобгирии муҳосибӣ тақсимоти фонда чунин гузариш дода мешавад:

ДТ - 31301 «Даромади тақсимнашуда» - 750 000сомонӣ;

КТ - 30901 « Захираҳои умумӣ» - 75 000 сомонӣ;

ДТ - 30905 «Захира барои худсуғуртакунӣ» - 37 500 сомонӣ;

КТ - 30909 « Захираҳо барои ҳолати ғайричашмдошт» - 37 500 сомонӣ.

Маблағи фоида, ки барои дивиденд ҷудо шудааст, сараввал дар ҳисоби 26212 «Дивиденд барои пардохт» ба қайд гирифта мешавад:

ДТ - 31301 – 600 000 сомонӣ

КТ- 26212

Дивиденд одатан ба таври нақдӣ аз хазина пардохт карда мешавад, яъне:

ДТ- 26212

КТ - 10101.

Дар мавриди ғайринақдӣ пардохт намудани дивиденд ба ҳисоби саҳҳом:

ДТ- 26212

КТ - 20202 гузариш дода мешавад.

Бо хоҳиши саҳҳомон қисми муайяни дивиденд барои зиёд гардонии сармояи бонк равона мегардад, яъне онро капитализатсияи дивиденди ҳисобшуда меноманд:

ДТ-26212,

КТ-30315, КТ-30319.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ
ТОҶИКИСТОН

Факултети «Умури бонкӣ»
Кафедраи «Фаъолияти бонкӣ»

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ

ва мавзӯҳои корҳои курсӣ
аз фанни «Фаъолияти бонкӣ»
барои донишҷӯёни ихтисоси 0604
шӯъбаи рӯзона ва ғоибона

Душанбе - 2009

Дастури методӣ ва мавзӯҳои корҳои курсӣ аз фанни «Фаъолияти бонкӣ» барои донишҷӯёни ихтисоси 0604 шӯъбаи рӯзона ва ғоибона

Тартиб дод: Хонҷонов А. – н.и.и., дотсент

Муқарризон: Акобиров Х.Н. – н.и.и., дотсент
Қурбонов А.Қ. – н.и.и., дотсент
Ашуров Г. – н.и.и., дотсент

# ДАСТУРИ МЕТОДӢ ОИДИ ИҶРОИ КОРИ КУРСӢ

Ҳаҷми кори курсӣ бояд дар ҳудуди 50 саҳифаи дафтари талабагӣ ё 25 саҳифаи варақаи стандартӣ (кс ) ҷой дода шавад.

Дар рафти иҷрои кори курсӣ донишҷӯ бояд ин масъалаҳоро дар назари эътибор гирад:

Дар вақти навиштани мавзӯҳои 1, 2, 3, 4 бояд масъалаҳои тавсиф ва мафҳуми ҳозираи бонк, мазмуни фаъолияти бонкӣ ва роли он дар иқтисодиёт, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ, низоми бонкӣ, асосҳои ташкилии бонкҳо, таҷдид ва барҳамдиҳии онҳо, сохтори идоракунӣ ва принсипҳои асосии он тахти таҳлил қарор гиранд.

Дар мавзӯъҳои 5 ва 6 бояд масъалаҳои низоми бонкии ҳозиразамон, таъсиси онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаҳои ислоҳоти бонкӣ дида баромада шавад.

Дар вақти навиштани мавзӯъҳои 6 ва 7 зарур аст, ки дар бораи мафҳум, таъсис, бақайдгирӣ, барҳамдиҳӣ, сохтори ташкилӣ, вазифаҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ маълумот дода шавад.

Дар мавзӯҳои 8, 9 донишҷӯ бояд масъалаҳои омӯзиши имкониятҳои хизматрасонии бонкӣ, гурӯҳбандии хизматрасониҳои ,бонкӣ, хизматрасониҳои нави бонкӣ, пардохтпазирӣ, мафҳум ва мазмуни он, идора кардани амалиётҳои активӣ ва пассивиро таҳти таҳлил қарор гирад.

Дар мавзӯҳои 10, 11, 12 бояд масъалаи қарзҳои бонкӣ, аз лиҳози мафҳум, моҳият ва заруриятаюн, ташкил ва тартиб додани қарзҳо ба субъектҳои ҳархела, захираҳои қарзӣ, қарзҳои мушкилистон ва ситонидани онҳо, муносибатҳои қарзӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ ҷои намоёнро ишғол намоянд.

Дар вақти навиштани мавзӯи 13, 14, 15 диққати асосӣ бояд ба масъалаҳои низоми ҳисобу китоб ва шаклҳои он дар бонкҳо, тавозуни бонкӣ ва тарзи тартиб додани он, проблемаҳои гузариши ҳисобҳо ба стандартҳои умумиҷаҳонӣ, мафҳум ва мазмуни хавфи бонкӣ ва хелҳои он,

стратегия ва меъёри оптималии хавфҳои бонкӣ равона карда шавад.

Дар вақти навиштани мавзӯъи 16 зарур аст, масъалаҳои худкорсозии бонкҳо, ташкили низоми иттилоотии онҳо, истифодаи пулҳои электронӣ ва индустрияи кортҳои пластики дар назар дошта шавад.

Дар рафти иҷрои кори курсӣ оиди мавзуҳои 17 ва 18 донишҷӯ бояд оиди мафҳум, мақом, вазифа, тасниф, бозор ва зарурияти қарзҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои молиявӣ ва минтақавӣ масъаларонӣ намояд.

Дар вақти интихоби мавзӯи 19 ва 20 бояд пеш аз ҳама қоидаҳои умумии андозбандӣ ва баҳисобгирии он, намудҳои андозҳос, ки ба бонкҳо дахл доранд, даромаду хароҷотҳои бонк, баҳисобгирӣ ва гурӯҳбандии онҳо, фароҳамоварӣ ва тақсимоти фоидаи бонкро зери таҳлил қарор гирад.

Дар интихоби мавзӯи 21, 22, 23, 24 ва 25 бояд масъалаҳои мафҳум, гурӯҳбандӣ, банақшагирии фаъолият, мақсаду усулҳои вассъ кардани бозор, идоракунии активу пассивҳои бонк ва амалиётҳои пассивии бонк дида баромада шаванд.

Дар вақти навиштани мавзӯъҳои 26 зарур аст, ки масъалаҳои тавсиф, мазмун, таркиб ва навъи амалиётҳои активӣ ва пассивӣ, аз қабили амалиётҳои амонатӣ ва гаириамонати, амалиётҳои қарзии бонкӣ маълумот дода шавад.

Мавзӯи 27 ба хизматрасониҳои бонкӣ бахшида шудааст, ки дар вақи интихоби он зарур аст масъалаҳои навъҳои хизматрасониҳои бонкӣ, амалиётҳои трастӣ ва шаклу таркиби онҳо, худкорсозии фаъолияти бонкӣ таҳти таҳлил қарор дода шаванд.

Дар вақти интихоби мавзӯи 28 (фоизи бонкӣ) лозим аст масъалаҳои навъҳои фоизи бонкӣ, хавфи фоизӣ, баҳодиҳӣ ва идоракунию ҳисобкунии онҳо ба ҳисоб гирифта шавад.

Дар ҳоли навиштани мавзӯъи 29 бояд ба масъалаҳои шаклҳои амалиёти трастӣ, пулрасонӣ, хизмати маишӣ ва дар вақти интихоби мавзӯи 30 бояд ба шаклҳои захираи бонкӣ, сармояи бонк ва вазифаҳои он диққати зарурӣ дода шавад.

Дар вақти интихоби мавзӯъҳои 31, 32 зарур аст, ки ба таснифу мазмуни шаклҳои захираи худдии бонкӣ ва гурӯҳбандии онҳо, фондҳои асосии бонк, роҳҳои зиёд намудани захираҳои худдӣ, амалиётҳои амонатӣ ва пасандозӣ ва гурӯҳбандии онҳо аз рӯи мазмуни иқтисодиашон диққати зарурӣ дода шавад.

Мавзӯи кори курсиро донишҷӯ аз рӯи ҳарфи аввалаи насаб мувофиқи ҳамин ҷадвал интихоб мекунад:

| Ҳарфи аввалаи насаби донишҷӯ | | | | Рақами мавзӯҳои кори курсӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | Ж | П | Ч | 7 | 14 | 21 | 28 |
| Б | З | Р | Ҷ | 6 | 13 | 20 | 27 |
| В | И | С | Ш | 5 | 12 | 19 | 26 |
| Г | К | Т | Э | 4 | 11 | 18 | 25 |
| Ғ | Л | У | Ю | 3 | 10 | 17 | 24 |
| Д | М | Ф | Я | 2 | 9 | 16 | 23 |
| Е | Н | Х | Қ | 1 | 30 | 15 | 32 |
| Ё | О | Ҳ | | 29 | 8 | 31 | 22 |

# РӮЙХАТИ
## МАВЗӮЪҲОИ ИНТИХОБӢ БАРОИ ИҶРОИ КОРИ КУРСӢ АЗ ФАННИ «ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ» БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСИ 0604

### Мавзӯи 1. МОҲИЯТ ВА АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

Нақша:

Мундариҷа

1. Тавсифи бонк чун ҷузъи низоми бонкӣ
2. Фаҳмиши ҳозираи мафҳуми бонк
3. Мазмуни фаъолияти бонкӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

### Мавзӯи 2. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ

Нақша:

Мундариҷа

1. Низоми ҳозираи қонуниятҳои пайдоиш ва зарурияти бонк
2. Фаҳмиши умумии қонуниятҳои бонкӣ
3. Асосҳои қонунии фаъолияти бонкҳои ҳозиразамон

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

### Мавзӯи 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ МУАССИСАҲОИ ҚАРЗӢ

Нақша:

Мундариҷа

1.Таъмини бехатарии бонк
2. Таҷдид ва барҳамдиҳии бонкҳо
3.Беҳтар кардани вазъи молии муассисаҳои қарзӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 4. СОХТОРИ ИДОРАКУНӢ ВА УСУЛИ АСОСИИ ОН

**Нақша:**

Мундарича
1. Усулҳои асосии ташкили идоракунии бонкҳо
2. Сохтори идоракунии бонкҳо
3. Вазифаҳои асосии сохторҳои асосии бонки тиҷорати

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 5. НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Нақша:**

Мундарича
1. Таъсиси бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Низоми бонкии ҳозиразамнони Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Марҳилаҳои ислоҳоти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 6. БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Нақша:**

Мундарича
1. Бонки миллии Тоҷикистон ва вазифаҳои он
2. Сохтори ташкилии Бонки миллии Тоҷикистон
3. Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ.

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 7. БОНКИ ТИҶОРАТӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

**Нақша:**

Мундарича
1. Мафҳуми бонки тиҷоратӣ ва сохтори он
2. Тартиби ифтитоҳи бонк, бақайдгирӣ ва барҳам додани он
3. Вазифаҳои асосӣ ва мақсади бонки тиҷоратӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 8. ИМКОНИЯТҲОИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ

Нақша:

Мундарича

1. Омухтани имкониятҳои хизматрасонии бонкӣ
2. Гуруҳбандии хизматрасониҳои бонки
3. Хизматрасонии нави бонки

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 9. ПАРДОХТПАЗИРӢ ВА ИДОРА КАРДАНИ АМАЛИЁТҲОИ БОНКӢ

Нақша:

Мундарича

1. Мафҳуми пардохтпазирии бонк
2. Идора кардани амалиёти активӣ
3. Идора кардани амалиёти пассивӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 10. ЗАРУРИЯТ ВА ТАСНИФИ ҚАРЗҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

Нақша:

Мундарича

1. Моҳият, зарурат ва таснифи қарзҳои бонкӣ
2. Шаклҳои қарзи бонкӣ
2. Ташкили додани қарзҳои бонкӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 11. ТАРТИБИ ДОДАНИ ҚАРЗ ВА ЗАХИРАҲОИ ҚАРЗӢ

Нақша:

Мундарича

1. Тартиби додани қарз ба субъектҳои хочагидорӣ ва аҳолӣ
2. Захираҳои қарзӣ ва ба нақша гирифтани онҳо
3. Усулҳои қарз ва таъминоти қарзӣ

Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 12. ҚАРЗҲОИ МУШКИЛИСТОН ВА МУНОСИБАТҲОИ ҚАРЗӢ

**Нақша:**
Мундарича
1. Қарзҳои мушкилистон ва чораҷӯӣ оид ба ситондани онҳо
2. Баҳисобгирии қарзҳои мушкилситон ва чораҷӯӣ оид ба ситондани онҳо
3. Ташкили захираҳои пулӣ барои аз ҳисоб хориҷ намудани қарзҳои мушкилистон
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 13. НИЗОМИ ҲИСОБУ КИТОБ ДАР БОНКҲО

**Нақша:**
Мундарича
1. Аҳамият ва шаклҳои ҳисобу китоб дар бонкҳо
2. Тавозуни бонк ва принсипҳои тартиб додани он
3. Проблемаҳои гузариш ба ҳисобҳои мувофиқ ба талаботҳои МСФО
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 14. ХАВФИ БОНКӢ ВА ТАСНИФИ ОНҲО

**Нақша:**
Мундарича
1. Мафҳуми хавфи бонкӣ
2. Хелҳои хавфи бонкӣ
3. Таҳияи стратегии хавфи бонкӣ ва барқарорсозии меъёри оптималии хавф
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 15. СТРАТЕГИЯИ ХАВФИ БОНКӢ ВА МЕЪЁРИ БАРҚАРОРСОЗИИ ОН

Нақша:
Мундарича
1. Таҳияи стратегияи хавфи бонкӣ
2. Барқарорсозии меъёри оптималии хавф
3. Таҳлили чорабиниҳои паст кардани хавф
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 16. ХУДКОРСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКӢ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ҲОЗИРЗАМОН

Нақша:
Мундарича
1. Худкорсозии фаъолияти бонкӣ ва ташкили низоми иттилоотии бонкӣ
2. Амалиёти бонкӣ бо истифодаи пулҳои электронӣ
3. Индустрияи кортҳои пластикӣ
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 17. НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ БОНКӢ

Нақша:
Мундарича
1. Мафҳуми қарзи байналхалқӣ ва вазифаю намудҳои он
2. Бозори байналхалқии сармояи қарзӣ
3. Мақом ва таснифи қарзҳои байналхалқӣ
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 18. ТАШКИЛОТҲОИ МОЛИЯВИИ БОНКӢ

Нақша:
Мундарича
1. Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ

2. Ташкилотҳои молиявии минтақавӣ
3. Мақоми ташкилотҳои молиявӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 19. АМАЛИЁТҲОИ АНДОЗБАНДӢ ДАР БОНКҲО

Нақша:
Мундариҷа
1. Қоидаҳои умумии андозбандӣ ва баҳисобгирии он
2. Намудҳои андозе, ки бонкҳо ба буҷа месупоранд
3. Ситонидани андоз дар манбаи пардохт, андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 20. ДАРОМАДУ ХАРОҶОТҲОИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ БОЗОРГОНӢ

Нақша:
Мундариҷа
1. Даромади бонк, таркиб ва баҳисобгирии он.
2. Хароҷотҳои бонк ва таркиби онҳо.
3. Фароҳамоварӣ ва истифодабарии фоидаи бонк.
Хулоса
Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 21. БОЗОРГИРИИ (МАРКЕТИНГИ) БОНКӢ

Нақша:
Мундариҷа
1. Мазмун ва қисмҳои асосии бозоргирии бонкӣ
2. Усулҳои бозоргирии бонкӣ
3. Банақшагирии бозоргирӣ ва алоқаи он ба нақшаи стратегии бонк
Хулоса. Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 22. БОЗОРГИРӢ ВА ҚОБИЛИЯТИ ПАРДОХТПАЗИРИИ БОНКҲО

**Нақша:**

Мундарича

1. Мафҳуми бозоргири ва қобилияти пардохтпазирии бонкҳо
2. Гуруҳбандии активҳои бонк мувофиқи бозоргириашон
3. Хавфи бонкӣ ҳамчун меъёри сифати активҳо

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 23. БАНАҚШАГИРИИ БОЗОРЁБИИ БОНКӢ

**Нақша:**

Мундарича

1. Моҳияти бозорёбии бонкӣ
2. Мақсад ва усулҳои вассъ намудани бозор
3. Банақшагирии фаъолият ва бозорёбии бонкӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 24. ИДОРАКУНИИ БОЗОРГИРИИ БОНКӢ

**Нақша:**

Мундарича

1. Мафҳуми идоракунии бозоргирии бонкҳо
2. Идоракунии активҳои бонк
3. Идоракунии пассивҳои бонк

Хулоса

Руйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 25. АМАЛИЁТҲОИ ПАССИВИИ БОНКӢ

**Нақша:**

Мундарича

1. Таркиб ва тавсифи умумии амалиётҳои пассивии бонк
2. Амалиётҳои амонатии бонкӣ
3. Амалиётҳои ғайриамонатии бонкӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 26. АМАЛИЁТҲОИ АКТИВИИ БОНКӢ

**Нақша:**

Мундарича

1. Навъҳои асосии активҳои бонкӣ
2. Таркиби активҳои бонкӣ
3. Амалиётҳои қарзии бонкӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 27. ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ

**Нақша:**

Мундарича

1. Навъҳои хизматрасониҳои бонкӣ
2. Амалиётҳои трастӣ, шакл ва таркиби онҳо
3. Худкорсозии фаъолияти бонкӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 28. ФОИЗИ БОНКӢ ВА МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАБАРИИ ОН

**Нақша:**

Мундарича

1. Навъҳои фоизи қарзӣ
2. Хавфи фоизӣ, тарзи баҳодиҳӣ ва идоракунию ҳисобкунии меъёрҳои фоиз

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 29. ФАЪОЛИЯТИ МИЁНАРАВИИ (ДАЛЛОЛИИ) БОНКҲО

**Нақша:**

Мундарича

1. Мафҳум ва шаклҳои фаъолияти миёнаравӣ
2. Шаклҳои амалиётҳои трастӣ
3. Пулрасонӣ (инкассасия) ва хизмати хазинавӣ

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 30. ЗАХИРАҲОИ БОНКӢ ВА ТАСНИФИ ОНҲО

Нақша:

Мундарича

1. Мафҳуми захираҳои бонкӣ
2. Шаклҳои захираҳои бонкӣ
3. Сармояи бонк ва вазифаҳои он

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 31. ЗАХИРАҲОИ ХУДДИИ БОНК

Нақша:

Мундарича

1. Захираҳои худдӣ ва таснифи онҳо
2. Фондҳои асосии бонк
3. Роҳҳои зиёд кардани захираҳои худдӣ ва самаранок истифода бурдани онҳо

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

## Мавзӯи 32. ВОСИТАҲОИ ПУЛИИ ҶАЛБШАВАНДА

Нақша:

Мундарича

1. Мафҳуми воситаҳои пулии ҷалбшаванда
2. Амалиётҳои амонатӣ ва пасандозӣ
3. Тақсимоти амалиётҳо аз рӯи мазмуни иқтисодиашон

Хулоса

Рӯйхати адабиётҳо

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТҲОИ АСОСӢ


1. Ашуров Н.А. Управление банковскими рисками. Душанбе, Первая типография, 1997. -152 с.
2. Ашуров Н . Лалбеков И. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе, ҶСШК «Матбуот», 2002.-271с.
3. Ашуров Г., Азизмуродов Ш. Баҳисобгирии амалиёт дар бонкҳои тиҷоратӣ. Душанбе: Комб. Полиграфии Вазорати фарҳанги ҶТ, 2009. - 304 с.
4. Банковское дело. Учебник. Под ред. О. И. Лаврушина. М.: Банковский и биржевой научно-консультационный центр, 1992 г.- 428 с.
5. Банковское дело. Учебник. Под ред. Г.Н.Белоглазовой, Л.П. Кроливецкой. М.: Финансы и статистика, 2003 г.
6. Банковское дело. Учебник под ред.Г.Г. Коробовой. М.: Юристъ, 2002 г.
7. Банковское дело. Учебник. Под ред. А.М. Тавасиева. М.: ЮНИТИ, 2001 г.
8. Банковское дело: современная система кредитования. Под ред. О. И. Лаврушина. М.: КНОРУС, 2005 г.
9. Банковское дело. Учебник. Под ред.О. И. Лаврушина. Издание четвёртое. М. «КНОРУСс», 2006 г. 765 стр.
10. Банковское дело: стратегическое руководство. Под ред. В. Платонова, М. Хигинса. М.: Косалтбанкир, 1998 г.
11. Березина М. П. Безналичные расчёты в экономики России.М.: Консалтбанкир, 1997 г.
12. Деньги, кредит, банки. Уч. 3-е изд. Под ред. О.И. Лаврушина. М.:КНОРУС. 2005 г.
13. Ларионова И. В. Реорганизация коммерческих банков. М.: Финансы и статистика 2000 г.
14. Масленченков Ю. С. Технология и организация работы банка. М.: ДЕКА, 1998 г.
15. Масленченков Ю. С. Финансовый менеджмент в коммерческом банке. Кн. 1-3. М.: Перспектива, 1996 г.

16. Основы банковской деятельности (Банковское дело): Учебник. Под ред. К.Р. Тагирбекова. М.: ИНФРА-М, 2001 г.
17. Оймамадов М., Рахимов Ш., Рахматова Г. «Современные международные банковские термины». Тегеран, 1997 г.
18. Панова Г. С. Кредитная политика коммерческого банка. М.: ДиС, 1997 г.
19. Пещанская И. В. Организация деятельности коммерческого банка. М.: ИНФРА-М, 2001 г.
20. Рахимов З. Развитие банковской системы Республики Таджикистан, Душанбе, с. 2003, 310 саҳ.
21. Роуз П. Банковский менеджмент. Предоставление банковских услуг. Пер. с англ. М.: Дело, 1997 г.
22. Синки Дж. (мл.) Управление финансами в коммерческом банке. М.: Каталаксу, 1994 г.
23. Соколинская Н. Э. Учёт и анализ краткосрочных и долгосрочных кредитов. М.: Консолтбанкир, 1997 г.
24. Т. Пиров, А. Хонҷонов, М-Ҳ. Султон. «Фарҳанги молия ва бонкдорӣ», Душанбе, «Эр-граф», 2008-570 саҳ.
25. Управление деятельностью коммерческого банка (Банковский менеджмент).Учебник. Под ред. Проф.О. И. Лаврушина. М.: Юристъ, 2002 г.
26. Финансово-крендитный энциклопедический словарь. М.: Финансы и статистика, 2002 г.
27. Тагирбекова М.Организация деятельности коммерческого банка, М: Весь мир, 2004, 411 с.
28. Хонҷонов А. Краткий справочник банкира, Душанбе, с. 2006 - 62с.
29. Хонҷонов А. Луғати муосири истилоҳоти иқтисодӣ, Душанбе, «Ирфон», 2006. - 224 с.
30. Хонҷонов А.Справочник банкира. Душанбе, «Ирфон», 2006. - 134 с.
31. Хонҷонов А. Бонкдорӣ: саволу посухҳо, Душанбе, с.2009 - 172 саҳ.
32. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе, «Эр – граф», 2008.- 450 с.

# РӮЙХАТИ ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРӢ-ДАСТУРӢ

1. Конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
   - 1.1. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», Душанбе, 05.03.2007
   - 1.2. Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Душанбе, 05.08.2009.
   - 1.3 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Душанбе, 19.05.2009
   - 1.4. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», Душанбе, 04.11.1995
   - 1.5. Қонуни ҶТ «Дар бораи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои молӣ», Душанбе, 2006
   - 1.6. Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеъӣ», Душанбе, 01.08.2003
   - 1.8. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ», Душанбе, 27.12.1993
   - 1.9. Қарори Раёсати БМТ «Дар бораи принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ»

2. Низомномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон.
   - 2.1. Низомномаи 79 «Оиди ба танзим даровардани фаъолияти муассиссаҳои карзӣ»
   - 2.2. Низомномаи 88 «Дар бораи нуқтаҳои намояндагии бонкҳо»
   - 2.3. Низомномаи 95 «Оиди тартиби гузаронидани амалиётҳои асъорие, ки ба гардиши сармоя алоқамананд»
   - 2.4. Низомномаи 116 «Оиди кор бо карзҳо»
   - 2.5. Низомномаи 139 «Оиди тартиби тадбиқи назорати асъорӣ аз болои ба ҶТ ворид шудани даромади асъорӣ аз содироти мол»

3. Дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон.
   - 3.1. Дастурамали 19 «Оиди тартиби интиқоли асъори хориҷӣ аз ҶТ ва ба ҶТ бе кушодани суратҳисобҳои ҷорӣ».

3.2. Дастурамали 75 «Оиди пардохти харочотҳои сафари хизматӣ»
3.3. Дастурамали 90 «Оиди суратҳисобҳои бонкии амонатие, ки дар бонкҳои ҶТ кушода мешаванд»
3.4. Дастурамали 96 «Оиди ташкили назорати дохилӣ дар бонкҳо»
3.5. Дастурамали 98 «Оиди ташкили ҳисобҳои байнибонкӣ дар қаламрави ҶТ»
3.6. Дастурамали 112 «Оиди пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҶТ»
3.7. Дастурамали 116 «Оиди кор бо қарзҳо»
3.8. Дастурамали 138 «Оиди тартиби кушодан, бақайдгирӣ ва амал кардани нуқтаҳои мубодилаи асъор ва бурдани амалиётҳои асъорӣ-мубодилавӣ бо асъори нақдии хориҷӣ»
3.9. Дастурамали 142 «Дар бораи тартиби ба ҶТ содир намудани асъори нақди хориҷӣ ва қоғазҳои қиматноки бо асъори хориҷӣ ифода ёфта»
3.10. Дастурамали 143 «Дар бораи муқарар кардани ҳудудҳои мавқеъи кушодаи асъор ва назорат аз болои риояи онҳо аз ҷониби бонкҳои ваколатдори ҶТ»
3.11. Дастурамали 146 «Дар бораи тартиби аз ҷониби намояндагии бонкҳо кушодан ва пешбурдани ҳисобҳои асъории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ»
3.12. Дастурамали 147 «Оиди тартиби аз ҷониби шахсони воқеъӣ бе кушодани ҳисобҳои асъорӣ дар бонкҳо анҷом додани амалиёти интиқоли маблағҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ аз ҶТ ва гирифтани маблағҳои асъори хориҷӣ аз ҶТ.»
3.13. Дастурамали 153 «Дар бораи захираҳои ҳатмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкие, ки дар БМТ ба амонат гузошта шудаанд»
3.14. Дастурамал «Оиди гузарондани тафтишоти бонкҳо ва дигар муасиссаҳои ғайрибонкӣ (филиалҳои онҳо) аз тарафи намояндагии ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон»
3.15. Дастурамал «Оиди тартиби ба танзим даровардани фаъолияти бонкҳо»
3.16. Дастурамал « Оиди қарзҳои ломбардӣ»

3.17. Дастурамал «Оиди тартиби аз тарафи БМ ва ташкилотҳои он дар маҳалҳо муайян кардан ва татбиқ кардани раводиди ҷаримаҳо нисбати бонкҳо»

3.18. Дастурамали «Оиди тартиби бурдани амалиётҳои асъорие, ки ба гардиши сармоя алоқаманд аст»

3.19. Дастурамал «Оиди принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар муасиссаҳои молӣ-қарзие, ки иҷозатномаи БМТ-ро доранд.

3.20. Дастурамал «Оиди қоидаҳои гузарондани аттестасияи кормандони роҳбарикунандаи муасиссаҳои қарздиҳанда ва аудиторҳои бонкӣ»

3.21. Дастурамал «Оиди тартиби фароҳамоварӣ ва истифодабарии захира барои талафоти потенсиалӣ ва фонди пӯшидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо»

3.22. Дастурамал « Оиди тартиби гузаронидани амалиётҳои интиқолӣ аз ҶТ ва гирифтани воситаҳои пулӣ бо асъори хориҷие, ки ба ҶТ интиқол шудаанд»

3.23. Дастурамали 173 "Оид ба корҳои кассавӣ дар муассисаҳои низоми бонкӣ" , 11 июли 2009 сол

## РӮЙХАТИ ГАЗЕТАЮ ЖУРНАЛҲО


1. Ахбори Бонки Милли Тоҷикистон дар 5 соли охир.
2. Бюллетени омори бонкӣ. Душанбе 2009 сол.
3. Деньги и кредит
4. Финансовая газета
5. «Экономика и жизнь».

# 4. КОРҲОИ АМАЛӢ

## 4.1. ИСТИЛОҲОТҲОРО ШАРҲ ДИҲЕД

1. Истилоҳот:

1. Низоми бонкӣ
2. Бонкҳои тиҷоратӣ
3. Амалиётҳои комиссионӣ
4. Бонкҳои махсусгардонидашуда
5. Амалиётҳои пассивӣ
6. Амалиётҳои депозитӣ
7. Меъёри расмии ҳисобгирӣ
8. Амалиётҳои трастӣ
9. Бонки марказӣ
10. Бахшҳои бонк
11. Амалиётҳои активӣ
12. Қарзи байнибонкӣ
13. Хадамоти иттилоотӣ
14. Аккредитив
15. Иттиҳоди бонкӣ
16. Амалиётҳои ҳисобӣ, хазинавӣ
17. Клиринги байнибонкӣ
18. Лигатура
19. Суратҳисоби ҷории асъорӣ
20. Қарзи молӣ
21. Қарзи тиҷоратӣ
22. Ҳисоби филизӣ
23. Лизинг
24. Ипотека
25. Бозори дохилии асъор
26. Амалиётҳои хазинавӣ
27. Форфетиркунонӣ
28. Аффинаж
29. Ҳисоби транзитии асъор
30. Қарзи онколӣ

Шархи истилохотхо:

1. Амалиёти бонк нисбати чалби воситахои пулии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои амонат ба мӯҳлати муайян ё то дархост кардан.

2. Шакли асосии ҳисоби ғайринақдӣ.

3. Ба Идораи боваринок гузаронидани қоғазҳои қиматноки алоҳида ва сандуқи онҳо; ичрои вазифаи пардохт нисбат ба хизматрасонии коғазҳои ҳиматнок; идора кардани активҳои фондҳои нафақа, сармоягузорӣ ва ғайраҳо.

4. Амалиёте, ки бонк онро бо супориши муштариёнаш ичро карда, барои ин кор аз муштарӣ подош мегирад.

5. Қарзе, ки як бонки тичоратӣ ба бонки дигар медиҳад.

6. Мачмӯи амалиётҳое, ки ба мақсади фароҳамоварии захираҳои бонки тичоратӣ истифода бурда мешавад.

7. Чобачокунии захираҳои худӣ ва чалбшудаи бонк ба мақсади ҳарчӣ бисёртар ба даст даровардани фоида.

8. Аз тарафи бонк ба ивази подоши хизмат муштариёнро таъмин кардан аз ахбороти характери тичоратӣ ва ғайритичоратӣ дошта.

9. Ин бонки марказӣ, муассисаи қарзӣ ва ассосиатсияи онҳо ба ҳисоб меравад.

10. Муассисаи қарзии кулле, ки дар бозори молӣ доираи васеи амалиётҳоро ичро мекунад.

11. Сохтори бонки тичоратие, ки берун аз чои чойгиршавии бонк мавқеъ дошта, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ҳукми қонунӣ ва тавозуни худихтиёр надорад.

12. Муассисаи чамъиятии ғайритичоратиест, ки аъзои он бонкҳои тичоратӣ буда, ба мақсади ҳимояи манфиатҳояшон дар мақомотҳои қонунгузорӣ, ичроия ва додгоҳи ҳакамият, инчунин якчоякунию такмилкунии фаъолияти онҳо таъсис дода мешавад.

13. Фоизи қарз, ки Бонки марказӣ дар вақти ба бонкҳои тичоратӣ додани қарзҳо истифода мебарад.

14. Бонке, ки ҳамчун эмиссиягар ба таври расмӣ сиёсати пулӣ-қарзии давлатро мебарад.

15. Бонкҳое, ки фаъолияташон маҳдуд буда, танҳо як ё якчанд амалиётҳои бонкиро иҷро мекунанд.

16. Фулузотҳое, ки ба мақсади ба онҳо додани сифати гудозиши беҳтар ба қатори фулузоти қиматбаҳо дохил карда мешаванд.

17. Ҳисоби бонкие, ки дар он тозагии миқдори муайяни фулузоти он бо грамм чен карда мешавад.

18. Тарзи ба даст даровардани фулузоти қиматбаҳои аълосифат ба воситаи ҷудокунӣ ва тозакунии он аз ҳар гуна ахлотҳо.

19. Амалиёте, ки бо бурдани ҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, бурдани ҳисобҳо ва пардохтҳои муштариён, аз як ҳисоб ба ҳисоби дигар гузаронидани маблағ бо шакли ғайринақдӣ, додани пули нақд аз суратҳисоб ва ба суратҳисоб дохил кардани он, нигоҳ доштан ва ҳамлу нақл кардани маблағи пулӣ вобастанд.

20. Фаъолияти бонк ба ҳамлу нақл, нигоҳ доштан ва интиқолу додани пули нақд вобаст аст.

21. Низоми ҳисоби ғайринақдӣ байни бонкҳо бо роҳи ба ҳисоб гирифтан ӯҳдадориҳои пулии дутарафаи шахсони воқеӣ.

22. Шакли иҷораи дарозмуддат ки мутобиқи он молу мулк барои фаъолияти тиҷоратӣ ба мӯҳлати муайян дода мешавад.

23. Шакли қарздиҳии экспортёр бо роҳи аз тарафи бонк бе гардиш харида гирифтани васиқаҳо аз ҳисоби амалиётҳои савдои берунӣ.

24. Шакли қарздиҳӣ, ки тибқи он қарз барои харидор дар шакли зам кардани мӯҳлати пардохт дода мешавад.

25. Гарави воситаи ғайриманқул барои таъмин кардани ӯҳдадориҳои пулии кредитор нисбати қарздор.

26. Ҳисобе, ки ба мақсади ҳисоб кардани амалиётҳои асъории аз ҳисоби воридоти мол (кор ва ҳизматрасонӣ) дохил шуда кушода мешавад.

27. Ҳолатҳои ташкил ва идоракунии муносибатҳои пулие, ки дар вақти гардиши асъор ва коғазҳои қиматнок бо асъор ба амал меоянд.

28. Ҳисобе, ки ба мақсади бурдани ҳисобу китоби амалиётҳо бо асъори дар бозори дохилии асъор ба даст даровардa шуда кушода шудааст.

29. Бозорест, ки бонкҳои ваколатдор ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкии ваколатдор, мубодилаи асъор ва барномаҳои асъор иборат асты.

30. Қарзе, ки барои таъминоташ коғазҳои қиматнок ва мол гузошта шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ бо талаби қарздиҳанда дарҳол пардохт карда мешавад.

## 4.2. МАСЪАЛАҲОРО ҲАЛ НАМОЕД :

1. Дар ҳолати зиёд кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ аз 20% то 30% маълум гардид, ки барои низоми бонкӣ ба таври илова захира ба маблағи 60 млн. сомонӣ зарур аст?

*Дар ҳолате, ки маблағи захираро зиёд кардан номумкин аст, пас ҳаҷми маҷмӯи пулро бояд чӣ қадар кам кардан лозим аст.*

2. Меъёри захираи ҳатмӣ - 30% -и маблағи амонатҳои бемӯҳлатро ташкил мекунад.. Низоми бонкӣ ба маблағи 15 млн. сомонӣ захираҳои барзиёдро доранд. *Дар ин ҳолат низоми бонкӣ маблағи амонатҳои бемӯҳлатро чӣ қадар зиёд карда метавонанд?*

3. Дар оғози рӯзи амалиётӣ пули нақд дар хазинаи бонк 32 млн. сомониро ташкил дод. Дар давоми рӯз аз ҳисоби муштариёни бахш 197,5 млн. сомонӣ пули нақд дохил шуд. Дар худи ҳамин рӯз бонк ба муштариён 184,9 млн. сомонӣ пули нақд медиҳад. Меъёри бақияи хазинаи гардишии ин бонк – 40 млн. сомониро ташкил медиҳад.

*Бақияи хазинаи гардиширо дар охири рӯзи амалиётӣ ҳисоб кунед.*

4. *Ҳисоби тавозунии бонкро тартиб диҳед, агар* (ба ҳисоби ҳазор сомонӣ): сертификатҳои тиллоӣ - 10; дигар ӯҳдадориҳо ва сармояи худӣ - 5; коғазҳои қиматнок – 100; банкнотҳои барои гардиш интишор кардашуда – 90; захираи бонкҳои тиҷоратӣ - 30; дигар активҳо – 10; депозити вазорати молия – 5; қарз барои бонкҳои тиҷоратӣ - 10-ро ташкил диҳад.

5. Дар асоси ҳисоби тавозунии содда карда шудаи бонк ба аввали *сол ҳисоби тавозунии солҳои А, Б, В, Г – ро тартиб диҳед, агар:*

а) яке аз амонатгузорон тибқи чек маблағи 50 сомониро аз бонк гирифта, ба бонки дигар интиқол кардааст;

б) амонатгузор аз суратҳисобаш 50 сомониро гирифт. Бонк камомадашро аз ҳисоби БМТ ба маблағи 50 сомонӣ аз ин ҳисоб ҷобаҷо кард;

в) чеки ба маблағи 60 сомонӣ аз тарафи дигар бонк додагӣ дар ин бонк ҷой дода шуд;

г) бонк коғазҳои қиматнокро ба маблағи 100 сомонӣ мефурӯшад.

6. *Дар асоси ин нишондиҳандаҳо тавозуни бонкро тартиб диҳед* (сомонӣ) :

1. Саҳмияи оиншомавӣ - 2 227 305
2. Фоида – 8 154 894
3. Хазина – 2 695 503
4. Ҳисобҳои муросилотӣ дар дигар бонкҳо – 8 625 924
5. Воситаҳои пулӣ дар БМТ – 7 681 650
6. Қарзҳои додашудаи бонк – 59 908 900
7. Воситаҳои пулӣ дар ҳисоби дигар бонкҳо – 1 523 683
8. Дигар пассивҳо – 7 855 415
9. Дигар фондҳо – 4 575 298
10. Пасандозу амонатҳо – 6 293 671
11. Асъори хориҷӣ ва ҳисобҳо бо амалиётҳои асъорӣ (пассив) – 2 991 709
12. Хариди коғазҳои қиматнок – 1 262 603

13. Дигар активҳо – 14 649 731
14. Асъори хориҷӣ ва ҳисобҳо бо амалиёти асъорӣ (актив) – 3 691 604
15. Иморат ва фондҳои асосӣ - 768 121
16. Иштирок дар фаъолияти муштарак (якҷоя) – 110 458
17. Қарзҳои аз дигар бонкҳо гирифташуда – 30 013 078
18. Бақия дар ҳисобҳо – 35 759 631

7. Ба бонки тиҷоратӣ аз корхонаи савдо 4 моҳ пеш аз тайёр шудани мӯҳлати пардохт васиқа ба маблағи 16 млн. сомонӣ дохил шуд. Меъёри ҳисобии БМТ – 13%. Кадом маблағ аз тарафи бонк барои васиқа пардохт мешавад ?

*Амалиёти дисконткунонии васиқа барои бонк чӣ гуна ба роҳ монда мешавад?*

8. Агар таносуби фоида ва активҳои бонк – 3,45% ва воситаҳои худӣ ва ҷалбшуда 27,1% бошанд, *вазъи фоида ва воситаҳои худии бонк чӣ гуна аст ?*

9. Шахси воқеӣ ба бонк маблағи 5 000 сомонро аз рӯи меъёри 14% солона аз 11 феврал то 11 августи ҳамин сол ба амонат гузошт.

*Маблағи андозро ҳисоб кунед.*

10. Ба ҳолати 1 январ бақияи асъор дар ҳисоби ҷории корхона 3 400 доллари ИМА-ро ташкил дод. Қурби асъор ба ин давра – 28, 65 сомониро ташкил дод. Ба 1 апрел бақия дар ҳисоб дигар нашуд, вале қурби асъори БМТ – 28,78 сомониро ташкил дод.

*Фарқи қурби асъорро ҳисоб кунед. Ин фарқ мусбат аст, ё манфӣ?*

11. 2 июл БМТ ба бонки тиҷоратӣ ба маблағи 10 млн. сомонӣ барои 10 рӯз аз рӯи меъёри солонаи 16% қарзи ломбардӣ медиҳад.

*Маблағи фоизҳоро барои истифодабарии қарз ҳисоб кунед.*

12. БМТ 12 марти 2008 сол ба бонки тиҷоратӣ ба мӯҳлати 10 рӯз бо меъёри 14% солона ба маблағи 720 млн. сомонӣ қарзи ломбардӣ медиҳад. Мӯҳлати баргардондани қарз – 22 марти 2008 сол. Дар асл қарз 26 марти 2008 сол пардохт карда шуд.

*Маблағи ҷарима ва фоизи барзиёдро ҳисоб кунед.*

13. ҶС «Вимпел» аз бонки «Сатурн» 300 000 доллари ИМА ба мӯҳлати 3 моҳ аз рӯи меъёри солона 9% қарз гирифта, фоизҳо якбора пардохт шуданд.

*ҶС «Вимпел» бояд чанд доллари ИМА гирад?*

14. Меъёри фоизии солона 22%. Мӯҳлати гардиши миёнаи восита дар ҳоли ҳисоб бо харидор – 14 рӯз. Харидор ҳисоб-фактураро ба маблағи 300 000 сомонӣ пешниҳод кардааст.

*Меъёр ва маблағи пардохтро барои факторинг муайян кунед.*

15.Нархи номиналии васиқа – 1,2 млн сомонӣ. Бонк онро харида, 6 моҳ пеш аз мӯҳлати пардохти васиқа 1 млн. сомониро пардохт мекунад.

*Ҳисоби фоизӣ ва меъёри ҳисобии қарзи васиқаро ҳисоб кунед.*

16. Бақияи воситаи пулӣ дар ҳисоби муштарӣ дар бонк 270 ҳазор сомониро ташкил дод. Дар бонк ҳуҷҷатҳои муштарӣ барои пардохт ба маблағи 315 ҳазор сомонӣ дохил шуд. Фоизи овердрафт 13,5% - солонаро ташкил мекунад. Дохилшавии пул ба ҳисоби муштарӣ баъди ҳар як 10 рӯзи баъди пардохт қарор мегирад.

*Маблағи овердрафт ва пардохти фоизии онро ҳисоб кунед.*

17. Қарзгиранда аз қарздиҳанда (кредитор) ба маблағи 1 млн. сомонӣ бо меъёри 3%-солона вом мегирад. Дар ин давра таваррум (беқурбшавии пул) – 2%-ро ташкил медод.

*Даромади кредиторрро дар як сол ҳисоб кунед.*

18. Маблағи қарз – 50 ҳазор сомонӣ, меъёри фоизи ҳармоҳҳа – 1,5%, мӯҳлати адои қарз – 6 моҳ мебошад.

*Миқдори баробари маблағи пардохти ҳармоҳҳаи қарзро ҳисоб кунед.*

19. Форфетор аз муштарӣ партияро иборат аз 4 васиқа, бо нархи номиналии ҳар кадомашон 750 ҳазор сомонӣ мехарад. Пардохт аз рӯи ин васиқа соле ду маротиба, баъди ҳар як 180 рӯз амалӣ мегардад. Вобаста ба ин форфетор ба муштарӣ 3 рӯзи иловагӣ имтиёз медиҳад. Меъёри ҳисоби васиқа – 10%-и солонаро ташкил медиҳад.

*Ҳаҷми дисконт ва маблағи пардохти форфетор ба муштарӣ пардохт шавандаро ҳисоб кунед. Ба ин мақсад, формулаи дисконт, рақамҳои фоиз ва мӯҳлати миёнаи форфеткуниро истифода баред.*

20. Ҳаққи хизматҳои факторингӣ 2500 сомонӣ, фоизи солонаи қарз – 15% - ро ташкил дод. Гардиши миёнаи восита дар ҳисоб – 10 рӯз.

*Маблағи қарзи факторингиро ҳисоб кунед.*

21. Манбаи пардохти солона барои таҳсил дар Донишгоҳ 2000 сомонӣ буда он вобаста ба меъёри тавваррум 10% зиёд мешавад. Мӯҳлати таҳсил – 5 сол. Донишгоҳ таклиф мекунад, ки барои 5 сол яку якбора 10 000 сомонӣ пардохт карда шавад.

*Дар ҳоли дар ҳамин давра фоизи бонкии амонатҳо – 12% ва маблағи амонат – 12 000 сомонӣ будан, ин амал ба донишҷӯ фоида меоварад, ё зарар?*

22. Манбаи пардохти солона барои таҳсил дар Донишгоҳ 2000 сомонӣ буда он вобаста ба меъёри тавварум (инфилясия) 15% зиёд мешавад. Мӯҳлати таҳсил – 5 сол. Донишгоҳ таклиф мекунад, ки барои 5 сол яку якбора 10 000 сомонӣ пардохт карда шавад.

*Дар ҳоли дар ҳамин давра фоизи бонкии амонатҳо – 13 % ва маблағи амонат – 14 000 сомонӣ будан, ин амал ба донишҷӯ фоида меоварад, ё зарар?*

23. Дар натиҷаи маблағгузории 2. 250 000 сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки маблағи 450 000 сомонӣ фоида ба даст дароварда шавад. Дар ин давра меъёри андоз аз фоида 30 % ва меъёри қарзи бонкӣ 15 %-ро ташкил медод.

*Даромаднокии пешомадаи воситаҳои худиро дар ҳолатҳои зерин ҳисоб кунед:*

*а) Дар ҳолати истифодабарии танҳо воситаҳои худӣ*

*б) Дар ҳоли истифодабарии маблағҳои қарзӣ - 750 000 сомонӣ*

24. Нишондодҳои дар масъалаи пешомадаро истифода бурда; *даромаднокии воситаи худдиро ҳисоб кунед,* дар ҳолате, ки воситаи ҷалбшуда 1 500 000 сомониро ташкил диҳад.

25. Сармоягузор корхонаеро ба маблағи 15 млрд. сомонӣ бояд харад. Дар сохтори пардохтҳо воситаҳои худии сармоягузор 3 млрд. сомониро ташкил доду боқимондааш – 12 млрд.сомонӣ аз ҳисоби қарзи ипотекӣ пардохт карда мешавад.

*Зариби (коэффисенти) қарзи ипотекиро ҳисоб кунед.*

26. Маблаги қарзи гирифташуда - 20 000 сомонӣ, меъёри солона – 18%, пардохти қарз – 1 500. сомонӣ.

*Мӯҳлати гардиши воситаҳоро ба воситаи амалиёти факторингӣ муайян кунед.*

27.ҶСК «Заря» тасмим гирифт, ки ба мӯҳлати 6 моҳ маблағи 10 000 сомониро қарз гирад. Бонки «А» таклиф мекунад, ки қарз ҳармоҳа ба миқдори баробар пардохт карда шавад. Фоизи солонаи қарз – 18% (моҳона – 1,5%). Бонки «Б» ҳамин маблағи қарзро бо меъёри 15% -ии солона бо пардохтҳои гуногун, баъди тамом шудани мӯҳлати шартнома пешниҳод мекунад.

*Маълум кунед, ки кадоме аз ин амалиётҳо барои ҶСК «Заря» қимматтар меафтад?*

28. Баъди маблағгузории 1 500 000 сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки ба маблағи 300 000 сомонӣ фоида ба даст дароварда шавад. Дар ҳоли дар ҳамин давра меъёри андоз аз фоида – 30%, меъёри қарзи бонкӣ - 12% , воситаҳои ҷалбшуда 500 000 сомонӣ будан, ***даромаднокии иқтисодӣ, тафриқаи фишанги молӣ, китфи фишанги молӣ ва самараи фишанги молиро ҳисоб кунед.***

29. Дар ҳолати маблағи қарз - 75 000 сомон, мӯҳлати қарз – 4 моҳ, фоизии ҳармоҳа – 0,06% ва пардохти якхелаи қарз будан, *маблағи пардохти қарз ва фоизҳои ҳармоҳаро ҳисоб кунед.*

30. Пардохти маблағи солонаи хизмати қарзӣ 180 000 сомонӣ, маблағи қарзи ипотекӣ - 1 800 сомонро ташкил дод. Қарзи ипотекӣ ба мӯҳлати 10 сол, бо меъёри 8% солона гирифта шудааст.

*Меъёри доимии ипотекаро муайян кунед ва онро таҳлил намоед.*

31. Пардохти фоизии овердрафт – 438 000 сомонӣ, бақияи маблағ дар суратҳисоби муштарии бонк – 270 000 000 сомонӣ. Ба бонк оиди аз тарафи муштарӣ пардохт кардани 315 000 000 сомонӣ ҳуҷҷат дохил шуд. Дохилшавии пул ба ҳисоби муштарӣ ҳар як 10 рӯзи баъди пардохти ӯҳдадориҳо сурат мегирад.

*Фоизи овердрафтро ҳисоб кунед*

## 4.3. КРИПТОГРАММАҲО

1) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз боло ба поён, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ номи яке аз бонкҳои тиҷоратии ҷумҳуриро хонед




***Аз боло ба поён:***

1. Воситаи пардохти электронӣ. 2. Яке аз бонкҳои ҶТ. 3. Азназаргузаронии аудитӣ. 4. Муштарии бонк. 5. Амалиёт аз ҳисоби маблағи худӣ ва қарзӣ. 6. Яке аз намудҳои қоғазҳои қиматнок. 7. Яке аз бонкҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ. 8. Яке аз намудҳои қарз. 9. Яке аз шаклҳои саҳмияҳои бонк. 10. Беқурбшавии пул. 11. Яке аз равандҳои бонкӣ. 12. Шабакаи электронӣ. 13. Навъи коғазҳои қимматнок. 14. Яке аз бонкҳои тиҷоратии ҶТ. 15. Қоғази бовариноки бонкӣ. 16. Намудҳои кортҳои электронӣ

2) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз боло ба поён, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ шакли пардохти ғайринақдиро хонед



*Аз боло ба поён:*

1. Роҳи ҳалли моҷарои молӣ. 2. Яке аз шаклҳои савдо. 3. Низоми ташкилии бонкӣ. 4. Барзиёдии маҷмӯи пул дар муомилот. 5. Низоми идоракунии бонкӣ. 6. Яке аз намудҳои лизинг. 7. Яке аз сохторҳои бонки тиҷоратӣ. 8. Ҳуҷҷати додугирифти молии тарафайн. 9. Яке аз намудҳои қоғазҳои қиматнок 10. Ҳуҷҷати асосии ҳисобии бонк. 11. Яке аз шаклҳои васиқа

3) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз боло ба поён, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ яке аз намудҳои саҳмияҳоро хонед




***Аз боло ба поён:***

1. Шакли амалиёти ғайринақдӣ. 2. Яке аз қисматҳои тавозуни бонкӣ. 3. Қисми тавозуни бонкӣ, ки воситаҳои ҷалбшудаи бонкро дарбар мегирад. 4. Нашри коғазҳои қиматнок. 5. Яке аз шаклҳои саҳмия. 6. Яке аз намудҳои аккредитив. 7. Ҳуҷҷати ҳуқуқии бонк. 8. Як қисми тавозуни бонкӣ. 9. Раванди бонкӣ

4) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз боло ба поён, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ яке аз шаклҳои қарзи бонкиро хонед




***Аз боло ба поён:***

1. Бонки самаранок. 2. Ҳисоби бонкии шахси воқеӣ. 3. Шабакаи электронӣ. 4. Раванди бонкӣ. 5. Муштарии бонк. 6. Навъи коғазҳои қиматнок. 7. Намуди қарзи бонкӣ. 8. Иштирокчии ҷамъияти саҳҳомӣ. 9. Ширкати самаранок. 10. Яке аз шаклҳои лизинг. 11. Намуди депозитҳо

5) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз боло ба поён, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ номи ҳуҷҷати хаттии бонк оиди ба амонат супоридани пулро хонед




*Аз боло ба поён:*

1. Пули электронӣ. 2. Бонки ҶТ. 3. Навъи чекҳо. 4. Яке аз амалиётҳои бонкӣ. 5. Бароришгари саҳмияҳо. 6. Яке аз вазифаҳои бонк. 7. Ҳуҷҷати нуқтаи мубодилаи асъор. 8. Намуди бонкҳои ҶТ. 9. Хели коғазҳои қимматнок. 10. Сиёсати бонкӣ

6) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз чап ба рост, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ аз боло ба поён номи яке аз ҳисобҳои ҷории муштариро хонед




*Аз чап ба рост:*

1. Ҳисоби ҷории муштарӣ. 2. Муассисаи амонатӣ ва қарзӣ. 3. Ҳисоби шахсони воқеӣ дар бонк. 4. Яке аз бонкҳои тиҷоратии ҶТ. 5. Раванди бонкӣ. 6. Амалиёти ғайринақдӣ. 7. Фонди бонки тиҷоратӣ. 8. Пули электронӣ. 9. Ҳисоби бонкӣ. 10. Шабакаи электронӣ. 11. Иштирокчии бозори коғазҳои қиматнок. 12. Намуди кортҳои бонкӣ.

7) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз чап ба рост, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ аз боло ба поён номи барзиёдии пул дар муомилотро хонед




*Аз чап ба рост:*

1. Гарави воситаҳои ғайриманқул. 2. Тасдиқномаи гарави молу мулк. 3. Барзиёдии маҷмӯи пул дар муомилот. 4. Навъи коғазҳои қимматнок. 5. Шабакаи электронии пардохтӣ. 6. Шабакаи таъминкунандаи ахборот. 7. Якс аз намудҳои қарзи бонкӣ. 8. Низоми оқилонаи ташкилӣ ва идоракунӣ

10) Дар ҳоли дуруст пур кардани ҳамаи хатчаҳо аз чап ба рост, Шумо метавонед дар катаки мобайнӣ аз боло ба поён шакли кафолатномаи шахси ҳуқуқиро хонед




*Аз чап ба рост:*

1. Ҳуҷҷати асосии ҳисоботии бонк. 2. Намуди қарзи имтиёзнок. 3. Шакли махсуси кафолат. 4. Ҳуҷҷате, ки дар он маблағҳои дар сари вақт додашуда қайд карда мешаванд. 5. Тасдиқномаи ба гарав мондашуда. 6. Шакли зарибi пардохтпазирӣ. 7. Намуди қарзи бонкӣ. 8. Ҳуҷҷати тасдиқии БМТ оиди гузаронидани амалиётҳои бонкӣ. 9. Якс аз равандҳои сиёсати бонкӣ. 10. Намуди коғазҳои қиматнок. 11. Намуди дигари коғазҳои қиматнок
2.

## 4.4. САНҶИШИ ТЕСТӢ

**1. Бонк чист?**

а) Бонк муассисаи молиест, ки воситаҳои пулиии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар бонк ҷамъ карда, онҳоро барои додани фоизи амонатҳо истифода мебарад.

б) Бонк муассисаест, ки амонатҳои дар бонк ҷамъкардаро барои гирифтан истифода мебарад.

в) Бонк муассисаест, ки амонатҳою дигар воситаҳои пулиии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъиро дар бонк ҷамъ карда, онҳоро барои додани қарз бо шартҳои дар мӯҳлаташ баргардондану пардохт кардан истифода мебарад.

**2. Сиёсати бонкӣ аз чӣ иборат аст?**

а) аз сиёсати пулӣ; молӣ; иқтисодӣ.

б) аз сиёсати қарзӣ; сиёсати амонатӣ (депозитӣ); сиёсати сармоягузорӣ ва сиёсати фоизӣ.

в) аз сиёсати пулӣ; молӣ; иқтисодӣ ва иҷтимоӣ

**3. Равандҳои бонкӣ кадомҳоянд?**

а) ташкилӣ; иқтисодӣ; ахборӣ.

б) иқтисодӣ; иҷтимоӣ; маънавӣ

в) пулӣ; молӣ; амонатӣ

**4. Вазифаҳои асосии бонкро номбар кунед**

а) ҷамъ кардани амонатҳо, додани қарз, ҳисоб кардани фоизҳо танзими муомилоти пул; миёнарави ҳар гуна субъектҳо; нашр, фурӯш, харид ва нигоҳдории қоғазҳои қиматнок.

б) бонақшагирӣ; идораи активу пассивҳо, манбаъҳои пулии худӣ, фоиданокӣ, хавфҳо; ҷамъ кардан ва истифодабарии манбаъҳои пулӣ; танзими муомилоти пул; миёнарави ҳар гуна субъектҳо; нашр, фурӯш, харид ва нигоҳдории қоғазҳои қиматнок.

в) ҷобаҷокунии манбаҳои пулӣ, қабулу додани маблағҳои пулӣ фоиданокӣ, хавфҳо; ҷамъ кардан ва истифодабарии манбаъҳои пулӣ;

**5. Фаъолияти бонкӣ аз чӣ иборат аст?**

а) аз ҷобаҷокунии маблағҳо ва тақсимоти онҳо

б) аз танзими асъори хориҷӣ;

в) аз фаъолияти муасиссаҳои пулӣ - қарзист дар соҳаи муносибатҳои иктисодӣ.

**6. Таъиноти асосии бонк аз чӣ иборат аст?**

а) дар сари вақт додани фоизҳои қарзӣ ба қарзгирандагон

б) миёнарав будан байни қарздиҳанда ва қарзгиранда, байни фурӯшандагон ва харидорон.

в) гирифтани фоида ва ҷамъ кардани маблағҳои пулӣ.

**7. Фарқи Бонкҳо аз дигар муссисаҳои молиявию қарзӣ дар чист?**

а) паҳн кардани воситаҳои хусусии худ, хариди қоғазҳои қимматнок; ӯҳдадориҳои пулӣ ва хавфу хатарҳоро ба зиммаи худ гирифтан

б) кушодани суратҳисоб ва ҳисобҳои ҷорӣ

в) ҷавобгарӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ ва қабули амонатҳо аз шахсони воқеӣ.

**8. Бонкҳои тиҷоратӣ мувофиқи кадом Қонуни ҶТ фаъолият мекунанд?**

а) Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ»

б) Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»

в) Дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ"

**9. Мақсади асосии Бонк аз чӣ иборат аст?**

а) таъминоти аҳолӣ аз маблағҳои пулӣ

б) гирифтани фоида аз фаъолияти худ мебошад.

в) дар сари вақт пардохтани андозҳо

**10. Ифтитоҳ, бақайдгирӣ ва барҳам додани бонкҳо дар асоси кадом Қонуни ҶТ амалӣ мегардад?**

а) дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ"

б) дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ»

в) дар асоси Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон»

**11. Дар кадом ҳолатҳо бонк ташкилшуда ҳисоб мешавад?**

а) дар ҳолати гузаштани санҷиши молӣ-пулӣ

б) дар ҳолати дар Бонки миллии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштан

в) дар ҳолати аз тарафи Раиси Бонки миллӣ додани иҷозатнома

**12. Дар ҳолатҳои бе иҷозатнома гузаронидани амалиёти бонкӣ кадом чораҳо дида мешаванд?**

а) ба андозаи ду баробари фоидаи ба дастомада ҷарима ситонда мешавад

б) ҷарима ситонда шуда, фаъолияташ боздошта мешавад

в) огоҳ карда мешавад

**13. Мустақилияти бонкҳои тиҷоратӣ дар чӣ ифода меёбад?**

а) дар худтаъминкунӣ ва худидоракунӣ

б) дар мустақилияти фаъолияташон ва аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ҷавобгар набуданашон

в) дар мустақилияти амалиётҳои бонкӣ

**14. Мақсади асосии танзими бонкӣ ва бурдани назорат аз чӣ иборат аст?**

а) ба даст даровардани фоида

б) роҳ надодан ба муфлисшавӣ

в) нигаҳдории босуботи системаи бонкӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**15. Нисбати камбудиҳо дар фаъолияти бонкҳо аз тарафи БТ кадом чораҳо андешида мешаванд?**

а) иҷозатномаи гузаронидани баъзе амалиётро бозхонд карда, маъмурияти муваққатӣ таъин мекунад

б) бонкро барҳам медиҳад

в) фаъолияти бонкиро боз медорад

**16. Мудири муваққатӣ кадом чораҳоро мебинад?**

а) фаъолияти бонкиро боз медорад

б) нақшаи муфассали барқарорсозии бонк, нақшаи дигаргунсозии сохтори бонк ва тавсияҳо оиди аз бонк бозхондани иҷозатномаи фаъолияти бонкиро тартиб медиҳад.

в) тамоми амалиётҳои бонкиро боз медорад

**17. Мувофиқи кадом ҳуҷҷат бонку мизоҷонаш муносибатҳои худро танзим мекунанд?**

а) дар асоси қонунҳои ҷорӣ

б) дар асоси гуфтугӯи дутарафа

в) дар асоси шартномаи дутарафа

**18. Шаклҳои андозе, ки бонкҳо пардохт мекунанд кадомҳоянд?**

а) андоз аз маоши шахсони воқеӣ аз фоида, аз даромади иловагӣ, аксизҳо, андози иҷтимоӣ, андози замин, андоз аз истифодаи чизҳои табиат, андоз аз чизу чора, андоз аз соҳибони нақлиёт, андоз аз ҳисоби истифодабарии роҳҳои нақлиёт, андоз аз фурӯш, боҷи гумрукӣ, боҷи давлатӣ, андоз аз воситаҳои ғайриманқули шахсони воқеӣ, андоз барои нигоҳ доштани нақлиёти ҷамъиятӣ.

б) андоз аз маоши шахсони воқеӣ, андоз аз фоида, андоз аз даромади иловагӣ, аксизҳо, андози иҷтимоӣ, андози замин, андоз аз истифодаи сарватҳои табиӣ, андоз аз амвол, андоз аз соҳибони нақлиёт

в) андоз аз ҳисоби истифодабарии роҳҳои нақлиёт, андоз аз фурӯш, боҷи гумрукӣ, боҷи давлатӣ, андоз аз фурӯши молҳои чакана, андоз аз воситаҳои ғайриманқули шахсони воқеӣ, андоз барои нигоҳ доштани нақлиёти ҷамъиятӣ.

**19. Омилҳои асосии омӯхтани талабот ба хизмати бонкӣ кадомҳоянд?**

а) тарзи бурдани амалиётҳои бонкӣ

б) омӯхтани фаъолияти бонкӣ

в) омӯхтани сатҳи талаботи ҷорӣ ва ояндабинии талабот.

**20. Омилҳое, ки ба ҳолати талабот таъсир мерасонанд, кадомҳоянд?**

а) омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ;

б) омилҳои табиӣ ва сиёсӣ

в) тағйирёбии нархи хизмати бонкӣ

**21. Барои танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ Бонки Миллии Тоҷикистон кадом усулҳои иқтисодиро истифода мебарад?**

а) ҷарима гузошта мешавад ва тамоми амалиётҳои бонкӣ боздошта мешаванд.

б) тағйир додани захираҳои ҳатмӣ; ҳудуди додани қарз ба субъектҳои хоҷагидорӣ; додани фоизи қарз; гузаронидани амалиёт бо коғазҳои қиматнок, асъори хориҷӣ.

в) тамоми амалиётҳои бонкӣ боздошт мешаванд ва Иҷозатнома боздошт карда мешавад.

**22. Муштариёни бонк киҳоянд ?**

а) шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ

б) ширкатҳо, муасиссаҳо, давлат

в) қарзгирандагон ва соҳибони пасандозҳо

**23. Усулҳои танзими фаъолияти бонкӣ кадамҳоянд?**

а) баланд кардани фоизи қарз; тағйир додани меъёри захираҳои ҳатмӣ

б) тағйир додани сатҳи фоизи қарз;

в) дигар кардани меъёрҳои захиравӣ; амалиёт гузаронидан дар бозори қоғазҳои қиматнок ва амалиёт бо асъори хориҷӣ;

**24. Саҳмдорони Бонк киҳо шуда метавонанд?**

а) шахсони ҳуқуқӣ ва воқей

б) шахсони ҳуқуқӣ ва воқей, резиденту ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон .

в) резиденту ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**25. Ӯҳдадориҳои бонк аз чӣ иборат аст?**

а) бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои саҳмдоронаш ҷавобгар нест. Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ва мақомоти он ҷавобгар нест. Давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонк ба истиснои ҳолатҳос, ки худи давлат ӯҳдадории мазкурро ба зимма гирифтааст, ҷавобгар нест.

б) бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ва мақомоти он ҷавобгар нест.

в) давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонк ҷавобгар нест

**26. Амалиётҳои бонкҳои тиҷоратиро номбар кунед**

а) амалиёти махзанӣ (сейфӣ); хизматгузорӣ барои нигаҳдорию ҳифзи коғазҳо, ҳуҷҷатҳо ва ашёи арзишдори муштариён; амалиёти ломбардӣ: додани кредитҳои кӯтоҳмуддат бо гарави амонатгузории коғазҳои кимматноку амволи манқули осонфурӯш;

б) ҷалби амонатҳои шахсони воқей ва ҳуқуқӣ; кушодани суратҳисобҳои бонкии шахсони воқей ва ҳуқуқӣ, бонкҳо ва муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ, фулузоти қимматнок; -

амалиёти хазинавӣ; - амалиёти интиқолӣ; амалиёти ҳисобгирӣ; амалиёти қарздиҳӣ: додани кредит дар шакли пулӣ; бо пул таъмин кардани сармоягузорӣ;амалиёти эътимодӣ (трастӣ): идора кардани воситаҳои пулӣ, коғазҳои қимматнок ба манфиат ва супориши шахси ваколатдиҳанда; амалиёти клирингӣ ва ғайраҳо;

в) барориши (эмиссияи) чекҳо; - барои инкассо, пазира (акцепт) қабул кардан, пардохтану тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, кушодану тасдиқ кардани эътиборномаҳои (аккредитивҳои) тиҷоратӣ.

**27. Дар кадом ҳолатҳо барои харидани саҳмияҳо ба Бонки Милли Тоҷикистон муроҷиат карда мешавад?**

а) шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ ки соҳиби зиёда аз 5 фоизи саҳмияҳои бонкро дорад – бояд ба Бонки Милли Тоҷикистон хабар диҳад ва соҳиби зиёда аз 20 фоиз бояд розигии Бонки Милли Тоҷикистонро гирад.

б) дар ҳамаи ҳолатҳо

в) агар зиёда аз 10 фоизи саҳмияҳоро харад

**28. Ӯҳдадориҳои саҳмдорон аз чӣ иборат аст?**

а) бояд ҳамаи қонунҳои бонкиро риоя намояд

б) сари вақт харидани саҳмияҳои дархостшуда; риояи муқаррароти Оинномa ва дигар ҳуҷҷатҳо; нигоҳ доштани ахбори махфиии бонк; ӯҳдадориҳояшро иҷро намоянд;

в) дар сари вақт ба бонк ҳисобот диҳад; ба бонк мусоидат кунанд; аз амалҳое, ки ба бонк зиён оварда метавонанд, худдорӣ намоянд.

**29. Вазни қиёсии саҳмияҳои имтиёздор чанд фоизи саҳмияҳои умумиро бояд ташкил кунад?**

а) аз 15 фоиз зиёдтар

б) на кам аз 20 фоиз

в) метавонад аз 25 фоизи маблағи сармояи оинномавии Бонк зиёдтар бошад.

**30. Фоидаи холиси Бонк чист ва чӣ гуна тақсим мешавад?**

а) фоидаи холиси Бонк ин фоидаест, ки баъд аз пардохтани андозҳо ва пардохтпулиҳои ҳатмии дигар ба буҷет ва фондҳои ғайрибуҷетӣ дар ихтиёри бонк мемонад.

б) ин фоидаст, ки дар ихтиёри саҳмдорон мемонад

в) ин фарқи байни даромаду хароҷоти бонк аст

**31. Андозаи пардохтҳои солона ба фонди захиравии бонк чанд фоизи фоидаи соф аст?**

а) на кам аз 5 фоизи фоидаи соф

б) зиёда аз 5 фоиз

в) то 10 фоиз

**32. Дар кадом ҳолатҳо воситаҳои пулии мизоҷон метавонанд ҳабс шаванд?**

а) дар ҳолатҳои муфлисшавӣ

б) танҳо дар ҳолатҳо ва ба тартибе, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, метавонанд ҳабс ва ё ситонида шаванд.

в) дар ҳолатҳои барнагардонии қарз

**33. Мақомоти идоранамоии бонкро номбар кунед**

а) мақоми олӣ – Маҷлиси умумии саҳмдорон; мақоми идора – Шӯрои директорон; мақоми иҷроия – Раёсат; мақоми назоратӣ – Комиссияи тафтишотӣ.

б) Шӯрои директорон, Маҷлиси умумӣ ва Раёсати Бонк

в) Раёсати Бонк ва Маҷлиси умумии саҳмдорон

**34. Роҳбарӣ ба фаъолияти ҷории Бонкро кӣ ба ӯҳда дорад?**

а) Шӯрои директорон

б) Раёсати Бонк

в) Раиси раёсат

**35. Тавозуни бонкӣ чист?**

а) ин ҳуҷҷатест, ки дар он гурӯҳбандии маблағҳои хоҷагӣ ва сарчашмаи пайдоиши онҳо бо воҳиди пулӣ акс меёбад.

б) ҳуҷҷатест, ки дар он активу пассивҳо нишон дода шудаанд

в) ҳуҷҷатест, ки дар он ҷамъбасти молии бонк акс меёбад

**36. Тавозун аз кадом қисмҳо иборат аст?**

а) аз даромаду хароҷотҳо

б) аз актив, пассив, капитал, даромад, хароҷот, ҳисобҳои ғайритавозунӣ

в) аз актив, пассив, даромад, капитал

**37. Тавозуни бозоргир (ликвидный) чист?**

а) қобиляти аз ҳисоби маблағҳои активӣ пӯшидани ӯҳдадориҳои пассивӣ аст.

б) қобилияти дар сари вақт баргардондани фоизи қарзҳост

в) қобилияти дар сари вақт баргардондани маблағи қарзҳост

**38. Ба активҳои бозоргир чиҳо дохил мешаванд?**

а) даромадҳо, фоизҳои қарз, маблағгузориҳо

б) хазина; маблағгузорӣ дар коғазҳои қиматнок; қарзҳои ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ додашуда; маблағгузориҳо

в) маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои дигар бонкҳо, коғазҳои қиматнок; маблағгузорӣ дар коғазҳои қиматнок; қарзҳои ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ додашуда;

**39. Тавозуни намунавӣ (пробный) ва ҳисоботӣ.**

а) дар тавозуни намунавӣ актив, пассив, капитал, даромад, хароҷот аз рӯи тамоми низоми бонк акс меёбад. Дар

тавозуни ҳисоботӣ актив, пассив, капитал аз рӯи танҳо Сарбонк (бе филиалҳо) акс меёбанд.

б) дар тавозуни намунавӣ активу пассивҳо ва капитал акс меёбад. Дар тавозуни ҳисоботӣ - ҳамаи ҳисобҳои тавозунӣ (бе филиалҳо) акс меёбанд

в) дар тавозуни намунавӣ активу пассивҳо ва даромаду хароҷотҳо акс меёбад. Дар тавозуни ҳисоботӣ - капитали бонк (якҷоя бо филиалҳо)

**40. Тавсифи активу пассивҳо**

а) дар қисми активҳо – даромадҳои бонк, дар қисми пассивҳо – хароҷоти бонк нишон дода мешаванд

б) дар қисми активӣ - сарчашмаҳои пайдоиши маблағҳо, **дар қисми пассивӣ** - ҷойгиркунии маблағҳои ҷалбшуда нишон дода мешавад

в) дар қисми активҳо – манбаъҳои худӣ, дар қисми пассивҳо – манбаъҳои ҷалбшуда нишон дода мешаванд

**41. Ҳисобҳои активиро номбар кунед**

а) даромадҳо, маблағгузориҳо. даромад аз қоғазҳои қиматнок; қарзҳои дебиторӣ, воситаҳои ҷалбшуда

б) хароҷотҳои дохилӣ ва берунӣ, андозҳо ва фоизҳо; воситаҳои истифодабурдашуда - хазина, қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат

в) хароҷотҳои буҷаи давлатӣ, хароҷот барои маблағгузориҳо дохил мешаванд.

**42. Ҳисобҳои пассивиро номбар кунед**

а) ресурсҳои бонк барои додани қарз ва дигар амалиётҳо – фонди бонк; қарзҳои дебиторӣ дохил мешаванд

б) ресурсҳои худӣ ва ҷалбшуда; маблағҳои корхонаҳо, муассисаҳо, шахсони воқеӣ

в) хароҷотҳои дебиторӣ ва кредиторӣ; даромади буҷаи давлат; хароҷотҳо барои маблағгузориҳо

**43. Картотекаи рақами 2 чист?**

а) қарзи муштарӣ дар назди бонк аст

б) ба сабаби набудани маблағи пулӣ дар суратҳисоби мизоҷон ва аз ин сабаб дар сари вақт пардохт накардани маблағ аз рӯи ҳуҷҷатҳои ҷойдошта ба ҳисоб меравад

в) қарзи бонк дар назди муштарист

**44. Системаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ чист?**

а) ба мизиҷон додани пули нақд аст

б) амалиёт бо пули нақд аст

в) ташкили муомилоти пулии ғайринақдӣ буда, он бо қонунҳои давлатӣ ва қоидаҳои бонкӣ танзим карда мешавад.

**45. Хелҳои ҳисоббарбаркуниҳои ғайринақдӣ кадомҳоянд?**

а) ҷорӣ ва корреспондентӣ

б) байнишаҳрӣ ва дохилишаҳрӣ

в) тавозунӣ ва ғайритавозунӣ

**46. Ҳисоби махсуси қарзгирӣ ҳисоби активист ё пассивӣ?**

а) ҳисоби махсуси қарзгирӣ барои бонк ҳисоби актив мебошад

б) ҳисоби махсуси қарзгирӣ барои бонк ҳисоби пассивӣ мебошад.

в) ҳисоби махсуси қарзгирӣ барои бонк ҳисоби активию пассивӣ мебошад

**47. Контокоррент ҳисоби активист ё пассивӣ?**

а) контокоррент ҳисоби активист

б) контокоррент ҳисоби активу пассив мебошад

в) контокоррент ҳисоби пассивист

**48. Бақияи дебетӣ чист?**

а) бақияи кредист, ки бонк аз мизоҷон қарздор аст

б) бақияест, ки субъекти хоҷагиҳо бояд аз бонк гиранд

в) бақияиест, ки субъекти хоҷагидорӣ аз бонк ба андозаи бақия (салдо) қарздор мебошад.

**49. Бақияи кредитӣ чист?**

а) маблағест, ки субъектҳои ҳоҷагидорӣ ба андозаи ҳамин бақия дар ихтиёри худ воситаи пулӣ доранд.

б) маблағест, ки субъектҳои ҳоҷагидорӣ ба андозаи ҳамин бақия дар бонк пул доранд

в) маблағест, ки субъектҳои ҳоҷагидорӣ ба андозаи ҳамин бақия аз бонк қарздоранд

**50. Дархости пардохти пул (платёжное требование) чист?**

а) ҳуҷҷати ҳисоббаробаркуние мебошад, ки талаби пулдиҳанда аз пулгирандаро дар бораи тавассути бонк пардохтани миқдори муайяни маблағ дар бар мегирад.

б) ҳуҷҷати ҳисоббаробаркуние мебошад, ки талаби мизоҷонро оиди пардохтани миқдори муайяни маблағ дар бар мегирад.

в) ҳуҷҷати ҳисоббаробаркуние мебошад, ки талаби пулгирандаро аз пулдиҳанда дар бораи тавассути бонк пардохтани миқдори муайяни маблағ дар бар мегирад.

**51. Супоришномаи пардохт (платёжное поручение) чист?**

а) ҳуҷҷати ҳисоббаробаркуние мебошад, ки супориши пулдиҳандаро ба бонк дар хусуси аз ҳисоби ӯ ба ҳисоби пулгиранда гузаронидани як миқдори муайяни маблағ дар бар мегирад.

б) ҳуҷҷати ҳисоббаробаркуние мебошад, ки супориши пулгирандаро ба бонк дар хусуси аз ҳисоби ӯ ба ҳисоби пулдиҳанда гузаронидани як миқдори муайяни маблағ дар бар мегирад.

в) ҳуҷҷати ҳисоббаробаркуние мебошад, ки супориши пулдиҳандаро ба бонк дар хусуси аз ҳисоби ӯ баровардани як миқдори муайяни маблағ дар бар мегирад.

**52. Чеки ҳисоббаробаркунӣ чист?**

а) ҳисобест, ки дар варақаи махсус чоп шуда, супориши шахси чекгирандаро ба бонк дар хусуси ба ҳисоби ӯ гузаронидани маблағи муайян дар бар мегирад

б) ҳуҷҷати ҳисобиест, ки дар варақаи махсус чоп шуда, супориши шахси чекдиҳандаро ба бонк дар хусуси аз ҳисоби ӯ ба ҳисоби дорандаи чек (чекгиранда) гузаронидани маблағи муайян дар бар мегирад.

в) ҳисобест, ки дар варақаи махсус чоп шуда, супориши шахси чекгирандаро ба бонк дар хусуси аз ҳисоби ӯ ба ҳисоби чекдиҳанда гузаронидани маблағи муайян дар бар мегирад.

**53. Пазира (аксепт) чист ва барои чӣ истифода бурда мешавад?**

а) Пазира (аксепт) додани розигӣ барои пардохт аст.

б) Пазира (аксепт) даст кашидан аз пардохт аст

в) Пазира (аксепт) шакли қарзситонӣ аст

**54. Ҳисоббаробарӣ тавассути супоришномаи пардохт чист?**

а) супориши хаттии пардохткунанда ба бонк оиди ба ҳисоби вай гузарондани маблағи пулист

б) супориши хаттии пардохткунанда ба бонк оиди воситаҳои пулиро аз ҳисоби вай баровардa, ба ҳисоби пулгиранда гузарондан аст

в) супориши хаттии соҳиби суратҳисоб оиди воситаҳои пулиро ба ҳисоби пулгиранда гузарондан аст.

**55. Навъҳои чекҳои ҳисоббаробариро номбар кунед**

а) чекҳои пазирашуда; чекҳои пазиранашуда; чекҳои маҳдуд ва номаҳдуд чекҳои оддӣ; чекҳои пазиранашудаи бонк; чекҳои маҳдудшуда; чекҳои номаҳдуд.

б) чекҳои дар сари вақт пазирашуда ва пазиранашуда

в) чекҳои аз ҷониби бонк пазира нашуда; чекҳои пазирашудаи бонк; чекҳо аз дафтарчаҳои чекҳои маҳдудшуда; чекҳо аз дафтарчаҳои чекҳои номаҳдуд.

**56. Ҳисоббаробарӣ тавассути аккредитив дар кадом ҳолатҳо истифода бурда мешаванд?**

а) агар робитаҳои хоҷагии байни молрасон ва харидор яккарата буда, ин шакли ҳисобу китоб дар шартнома ё созишномаи байни молрасон ва харидор пешбинӣ шуда бошад.

б) агар робитаҳои хоҷагии байни молрасон ва харидор доимӣ буда, ин шакли ҳисобу китоб дар шартнома ё созишномаи байни молрасон ва харидор пешбинӣ шуда бошад.

в) агар робитаҳои хоҷагии байни молрасон ва харидор вуҷуд надошта, ин шакли ҳисобу китоб дар шартнома ё созишномаи байни молрасон ва харидор пешбинӣ шуда бошад.

**57. Хелҳои аккредитивро номбар кунед**

а) беҳуҷҷат; қобили пардохт; доимӣ; ивазшаванда

б) ҳуҷҷатӣ; қобили бозхонд; бебозхонд; бебозхонди тасдиқнашуда; бебозхонди тасдиқшуда.

в) содда; мураккаб; бозхонд; бебозхонд

**58. Манбаъҳои пардохтро номбар кунед**

а) ҳисобҳои ҷорӣ, қарзҳои муштариён ва буҷети давлат

б) маблағҳои худӣ ва захиравӣ

в) ҳисоби маблағҳои худӣ, қарзҳои бонк ва маблағҳои буҷетӣ давлатӣ

**59. Мафҳуми пардохтпазирии бонк аз чӣ иборат аст?**

а) яъне, қонеъ намудани талаботи муштариёне, ки амонат ва пасандозҳои худро дар бонк нигоҳ медоранд

б) пардохтпазирии бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳолатҳои зарурӣ ҷавоб додани он ба талаботи муштариён

в) қобилияти нигоҳ доштани активҳои бонк

**60. Омилҳои асосии таъмини пардохтпазирии бонк кадомҳоянд?**

а) сармояи хусусӣ; воситаҳои пулии ҷалбшуда ва ҷобаҷогузории онҳо.

б) активҳо, пассивҳо ва капитал

в) даромадҳо, активҳо ва пассивҳо

**61. Меъёрҳои иқтисодиро кӣ муайян мекунад?**

а) Шӯрои директорон

б) Бонки миллӣ (марказӣ)

в) Раёсати бонк

**62. Меъёрҳои иқтисодиро номбар кунед**

а) кифоягии маблағи нақд; меъёри пардохтпазирӣ ва ҳадди аксари хавф; муқаррар намудани хатар ба як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирон; муқаррар намудани ҳадди аксари хатарҳои калони қарзӣ

б) хатари калони қарз; фоизи баланди амонатҳо; кифоягии сармояи худӣ; ҳадди аксари қарзҳо ва кафолату замонатҳое, ки аз тарафи бонк ба саҳмиядорони худ дода шудаанд; истифодаи маблағҳои хусусии бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ барои харидории саҳмияҳои шахсони ҳуқуқӣ

в) кифоя будани сармояи онҳо; меъёри пардохт-пазирӣ;.

**63. Марҳилаи аввал хатари бонкӣ аз чӣ иборат аст?**

а) аз фоизҳое, ки дар натиҷаи додани қарз ба даст меоянд,

б) аз бақияи қарз

в) аз надоштани воситаҳои худӣ

**64. Барои зиёд намудани даромад, бонк бояд кадом корҳоро иҷро намояд?**

а) бонк бояд амалиётҳои фоиданокро истифода барад

б) бонк бояд хизматҳои ғайриқарзиро истифода намояд

в) бонк бояд хавф надошта бошад

**65. Идора кардани амалиёти пассивӣ дар чӣ зоҳир мегардад?**

а) дар паст кардани амалиёти активӣ

б) дар мавҷудияти бақияи дебитӣ

в) дар кам кардани хатари бонкӣ ва даромаднокӣ

**66. Амалиёти хазинавии бонк чист?**

а) амалиётест, ки дар он ҷо пул дода мешавад

б) амалиётест, ки бо инкасатсия, қабул, нигоҳ доштан ва додани пули нақд, асъори хориҷӣ ва дигар сарватҳо алоқаманд аст.

в) амалиётест, ки дар он ҷо пул иваз мешавад

**67. Амалиётҳои хазинавӣ мувофиқи кадом ҳуҷҷат бурда мешаванд?**

а) Дастурамали N 54 «Оиди кори хазинаҳои бонк»

б) Дастурамали N 46 «Оиди амалиётҳои хазинавӣ»

в) Дастурамали N 173 «Оид ба корҳои кассавӣ дар муассисаҳои низоми бонкӣ»

**68. Хелҳои хазинаро номбар кунед**

а) хазинаи воридотӣ; хазинаи бозшуморӣ; хазинаи хароҷотӣ.

б) хазинаи воридотӣ ва содиротӣ

в) хазинаи даромадӣ ва хароҷотӣ

**69. Моҳият ва зарурати қарз дар чӣ ифода меёбад?**

а) ин маблағи пулиест, ки ба мизоҷони бонк барои ба даст даровардани фоида дода мешавад

б) ин маблағест, ки аз тарафи бонк ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ҳолатҳои дар муддати зарурӣ пасгардондан ва пардохт кардан дода мешавад.

в) ин маблағест, ки аз тарафи бонк ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ дода мешавад

**70. Мутобиқи кадом Дастурамали Бонки Миллӣ Тоҷикистон дар бонкҳои тиҷоратӣ захираҳои ҳатмӣ ташкил карда мешаванд?**

а) Мутобиқи дастур "Дар бораи захираи ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ"

б) Мутобиқи дастур "Дар бораи захираҳои ҳатмие, ки дар БМТ нигоҳ дошта мешаванд"

в) Мутобиқи дастур "Дар бораи заҳираҳои ҳатмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзие, ки дар БМТ нигоҳ медоранд"

**71. Фонди захираҳои ҳатмӣ аз ҳисоби чӣ ташкил карда мешавад?**

а) ин захира аз ҳисоби воситаҳои пулии худӣ ва ҷалбшуда ташкил карда мешавад.

б) ин захира аз ҳисоби воситаҳои пулии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ, ки бонкҳо чун захираҳои қарз ҷалб менамоянд, ташкил карда мешавад.

б) ин захира аз ҳисоби активҳои Бонк ташкил карда мешавад.

**72. Шаклҳои қарзҳои бонкӣ аз рӯи таъинот кадомҳоянд?**

а) истеъмолӣ; саноатӣ; савдо; кишоварзӣ; маблағгузорӣ.

б) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

в) дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат

**73. Шаклҳои қарзҳои бонкӣ аз рӯи ҷои истифодаашон кадомҳоянд?**

а) барои васеъ кардани истеҳсолот

б) барои саноат, савдо, кишоварзӣ

в) барои такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ ва ташкили воситаҳои гардон

**74. Қарзҳо аз рӯи ҳаҷмашон чанд хел мешаванд?**

а) қарзҳои калон, миёна ва хурд

б) қарзҳои калон, калонтарин, хурд, хурдтарин

в) қарзҳои калон, миёна, хурд ва хурдтарин

**75. Шаклҳои хавфи бонкӣ кадомҳоянд?**

а) хавфи ҷорӣ ва эҳтимолӣ

б) хавфи қарз ва хавфи фоиз

в) – хавфи доимӣ ва яквақта

**76. Музояда (аукцион) чист?**

а) бозорест, ки дар он маблағҳои қарз ҷамъ карда мешаванд

б) бозорест, ки дар он маблағҳои қарз хариду фурӯш мешаванд

в) бозорест, ки дар он сарчашмаҳои қарз тақсим карда мешаванд

**77. Музоидаи қарзӣ чист?**

а) бозорест, ки имконият медиҳад рафти тақсимоти маблағҳои қарзиро танзим намояд ва имкон диҳад, ки тамоми бонкҳо харидори ин музоида шаванд

б) бозорест, ки дар он тақсимоти маблағҳои қарзӣ *гузаронида мешавад*

в) бозорест, ки имконият медиҳад қарзҳо танзим шаванд ва музоида шаванд

**78. Шаклҳои таъминоти қарз кадомҳоянд?**

а) бақия дар ҳисоби активӣ

б) бақияи маблағҳои худӣ

в) маблағҳои пулӣ, сангҳои қиматбаҳо, коғазҳои қиматнок, манзили истиқомат, техника ва ғайраҳо.

**79. Хати қарзӣ чист?**

а) бақияи қарзи қарзгиранда дар назди бонк

б) ӯҳдадории бонк дар назди қарзгиранда оиди додани қарз дар ҳудуди меъёри созишшуда

в) бақияи қарзҳои баргардонданашудаи мизоҷон

**80. Захира дар кадом ҳолатҳо истифода бурда мешаванд?**

а) дар ҳолатҳои суст шудани фаъолияти молиявии бонк ва муфлисшавӣ

б) дар ҳолатҳои муфлис шудани бонк

в) дар ҳолатҳои зиёд шудани қарзҳои дебиторӣ

**81. Шартҳои асосии қарзро номбар кунед**

а) қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат

б) қарзҳои оддӣ, боэътимод ва мӯҳлатнок

в) мӯҳлатнок будан ва бозгардонидани он, таъминот доштан ва музднокӣ

**82. Омилҳои асосии системаи қарздиҳӣ кадомҳоянд?**

а) нархгузорӣ

б) усули қарздиҳӣ

в) муайян кардани фоизи қарз

**83. Шаклҳои хатти қарзиро номбар кунед**

а) бемӯҳлат ва бомӯҳлат

б) барқарорнашаванда ва барқароршаванда.

в) пазирашуда ва пазиранашуда

**84. Пеш аз додани қарз чӣ бояд кард?**

а) қобилияти муштариро оиди дар вақташ баргардондани қарз месанҷанд.

б) қобилияти пардохтпазирии тавозуни муштариро месанҷанд

в) қобилияти бо пуррагӣ баргардондани қарзро месанҷанд

**85. Усулҳое, ки бонкҳо бо ёрии онҳо пардохтпазирии муштариёнро меомӯзанд кадомҳоянд?**

а) Зарибҳои таъинотӣ, таъминотӣ ва самаранокӣ

б) Зарибҳои ҷорӣ, амалӣ ва ҳисобӣ

в) Зарибҳои пардохтпазирӣ, самаранокӣ, фоиданокӣ ва бозаргонӣ:

**86. Шаклҳои таъминоти қарзҳои додашуда кадомҳоянд?**

а) шартнома ва кафолатнома

б) гаравнома ва замонатнома

в) кафолатнома ва ӯҳдадорӣ

**87. Барои гирифтани қарз муштарӣ ба Бонк кадом ҳуҷҷатҳоро бояд пешниҳод кунад?**

а) ариза, бизне-нақша, шартномаи гарав ё кафолат, тавозуни солона ва моҳҳона, лоиҳаи шартномаи қарзӣ, маълумот дар бораи қарзҳои аз дигар бонкҳо

б) ариза, бизне-нақша, Шартномаи гарав ё кафолат, лоиҳаи шартномаи қарзӣ, маълумот дар бораи қарзҳои аз дигар бонкҳо

в) ариза, бизнес-нақша, тавозуни солона ва тавозун дар моҳи ҷорӣ, шартномаи гарав ё кафолат; ӯҳдадории мӯҳлатнокии баргардонидани қарз, маълумот дар бораи қарзҳои аз дигар бонкҳо гирифта шуда

**88. Ҳудуди хатари ба як муштарӣ додани қарз чӣ қадар аст?**

а) бояд аз 15%-и сармояи хусусии бонк зиёд набошад.

б) бояд аз 20%-и сармояи хусусии бонк зиёд набошад.

в) бояд аз 10%-и сармояи хусусии бонк зиёд набошад.

**89. Қарзҳои боваринок ба киҳо дода мешаванд?**

а) ба муштарие дода мешавад, ки бонк вайро муштарии дараҷаи аввал мешуморад ва пардохтпазирии хуб дорад.

б) ба муштарие дода мешавад, ки дар сари вақт маблағи қарзро партозад

в) ба муштарие дода мешавад, вай дар назди бонк қарздор набошад

**90. Амалиёти лизингӣ (иҷоравӣ) чист?**

а) амалиётест, ки ба корхонаҳо маблағи даркориро қарз медиҳад

б) амалиётест, ки ба корхонаи истеҳсолкунандаи мол воситаҳои истеҳсолот ё дигар амвол ба иҷора дода мешаванд.

б) амалиётест, ки ба корхонаю муасиссаҳо, ширкатҳо ва аҳолӣ қарзҳои дарозмуддат медиҳад

**91. Гурӯҳои лизингро номбар кунед**

а) лизинги молӣ ва лизинги пулӣ

б) лизинги пардохтшаванда ва лизинги пардохтнашаванда

в) лизинги зудамал ва лизинги молиявӣ.

**92. Усулҳои қобилияти таъминнокии қарзро номбар кунед**

а) усули ба гарав мондани молу мулк ва усули пешниҳод кардани кафолати бонки дигар ва ё ягон корхонаи пардохтпазир

б) усули саривақтии баргардондани қарз ва фоизи қарз

а) усули банақшагирӣ ва таҳлили тавозуни муштарӣ

**93. Фоизи қарзӣ бо асъори хориҷӣ аз рӯи чӣ муайян карда мешавад?**

а) аз рӯи меъёри фоизи қарз бо асъори хориҷӣ

б) аз рӯи сатҳи фоизи амонат ва пасандозҳо бо асъори хориҷӣ

в) аз рӯи меъёри фоизи қарз ва сатҳи фоизи амонатҳо бо асъори хориҷӣ

**94. Сарчашмаи асосии қарзи бонкӣ кадомҳоянд?**

а) маблағҳои пулии худии ба ғанимат гирифта шуда ва қарзи мутамарказии Бонки миллӣ

б) маблағҳои пулии мизоҷон, фурӯши коғазҳои қиматнок, амонату пасандозҳои аҳолӣ,

в) маблағҳои пулии худӣ, фурӯши коғазҳои қиматнок, амонату пасандозҳои аҳолӣ, карзи мутамаркази Бонки миллӣ.

**95. Қарзҳои мушкилистон чист?**

а) қарзҳое, ки бо сабабҳои объективӣ ва ё субъективӣ дар мӯҳлати муқарраршуда баргардонда намешаванд

б) қарзҳо ва фоизҳое, ки дар мӯҳлати муқарраршуда баргардонда намешаванд

а) қарзҳое, ки бо сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мӯҳлати муқарраршуда баргардонда намешаванд

**96. Қарзи таъминоти моддӣ надошта чист?**

а) Қарзи таъминоти моддӣ надошта ҳамон қарзе ҳисоб мешавад, ки умуман таъминоти моддӣ надорад

б) Қарзи таъминоти моддӣ надошта ҳамон қарзе ҳисоб мешавад, ки умуман таъминоти моддӣ надорад ё таъминоти моддиаш аз 60 фоизи маблағи қарз камтар аст.

в) Қарзи таъминоти моддӣ надошта ҳамон қарзе ҳисоб мешавад, ки умуман таъминоти моддӣ надорад ё таъминоти моддиаш аз 50 фоизи маблағи қарз камтар аст.

**97. Қарзҳои «беэътимод» кадомҳоянд?**

а) қарзҳое, ки мӯҳлати пардохташон аз 160 рӯз ва зиёдтар ба таъхир афтодааст ва таъмини моддӣ доранд

б) қарзҳое, ки мӯҳлати пардохташон аз 180 рӯз ва зиёдтар ба таъхир афтодааст ва таъмини моддӣ надошта бошанд

в) қарзҳое, ки мӯҳлати пардохташон то 180 рӯз ба таъхир афтодааст ва таъмини моддиҳ пурра надошта бошанд

**98. Навъҳои қарзи байналхалқии бонкӣ кадомҳоянд?**

а) қарзи молӣ ва асъорӣ

б) қарзи дохилӣ ва берунӣ

в) қарзи воридотӣ ва қарзи содиротӣ

**99. Шаклҳои махсуси маблағгузории қарзии робитаҳои иқтисоди хориҷиро номбар кунед**

а) амалиёти хазинавӣ, амонатӣ ва пасандозист.

б) амалиёти лизингӣ, факторингӣ ва фарфейтингӣ ба ҳисоб меравaнд.

в) амалиёти ғайринақдӣ ва нақдӣ ба ҳисоб мераванд.

**100. Лизинг чист?**

а) – қарордоди иҷораи моликият ба муддати аз се то понздаҳ сол

б) – қарордоди иҷораи моликият ба муддати аз се то даҳ сол

в) – қарордоди иҷораи моликият ба муддати аз се то панҷ сол

**101. Форфейтинг чист?**

а) - аз тарафи бонк ё форфетор бо шартҳои пешакӣ харидани векселҳо

б) - аз тарафи муштарӣ харидани вомҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои молиявӣ мебошад

в) - аз тарафи бонк ё форфетор бо шартҳои пешакӣ қарордодшуда харидани векселҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои молиявӣ мебошад.

**102. Факторинг чист?**

а) - аз тарафи ширкати бонкӣ харидани талабҳои пулии содиркунанда ба ба андозаи то 60-70% маблағи қарордод то расидани вақти пардохти он аст. Мӯҳлати қарз то 110 рӯз аст

б) - аз тарафи ширкати молиявии махсус харидани ҳамон талабҳои пулии содиркунанда ба воридкунандаи

хориҷӣ ба андозаи то 70-90% маблағи қарордод то расидани вақти пардохти он аст. Мӯҳлати қарз то 120 рӯз аст.

в) - аз тарафи ширкати молиявии махсус харидани ҳамон талабҳои пулии мизоҷон ба андозаи то 50-60% маблағи қарордод то расидани вақти пардохти он аст. Мӯҳлати қарз то 160 рӯз аст.

**103. Коғазҳои қиматнок чист?**

а) – воситаи махсуси фондӣ ва ҳар гуна ҳуҷҷатест, ки бо нархи муайян хариду фурӯш карда мешавад.

б) – воситаи махсуси пулист, ки ба саҳҳомон фурӯхта мешавад.

в) – ҳар гуна ҳуҷҷатест, ки пардохт карда мешавад.

**104. Вазифаҳои коғазҳои қиматнок аз чиҳо иборатанд?**

а) - тақсим кардани маблағ (пул) байни соҳаҳои гуногуни иқтисод; ҳуқуқи махсус додан ба соҳибони коғазҳои қиматнок; таъмин кардани даромад аз ҳисоби саҳмгузорӣ дар шакли дивиденд (даромад) ва баргардонидани маблағи худи саҳмия.

б) - тақсим кардани маблағ байни саҳмдорон; ба даст даровардани фоида; ҳуқуқи махсус додан ба соҳибони коғазҳои қиматнок.

в) - тақсим кардани маблағ байни соҳаҳои гуногуни иқтисод; таъмин кардани даромад аз ҳисоби фурӯши коғазҳои қиматнок, саҳмгузорӣ дар шакли дивиденд.

**105. Хелҳои коғазҳои қиматнок**

а) - талабномаи пардохтӣ; вомбарг; вексел; чек; тасдиқномаи амонатӣ;

б) - саҳмия; тасдиқномаи пардохтӣ; вомбарг; вексел; чек; тасдиқномаи амонатӣ

в) - саҳмия; вомбарг; вексел; чек;

**106. Хелҳои саҳмияро номбар кунед**

а) – беном ва номдор

б) – содда ва мураккаб
в) – оддӣ ва имтиёзнок

**107. Навъҳои векселро номбар кунед**

а) - бонкӣ; давлатӣ; тиҷоратӣ; интиқолӣ; дорои камбудии расмӣ; вексел ба мӯҳлати пешниҳод; вексел бо мӯҳлати пардохт; вексел бо мӯҳлати муайяни пардохт; векселли мӯҳлати пардохташ дар рӯзи муайян.

б) - векселли бонкӣ; векселли давлатӣ; векселли тиҷоратӣ; векселли интиқолӣ.

в) - векселли бонкӣ; векселли давлатӣ; векселли тиҷоратӣ; векселли интиқолӣ; векселли дорои камбудии расмӣ; вексел ба мӯҳлати пешниҳод.

**108. Кадом намуди коғази қиматнок ҳуқуқи овозро надорад?**

а) – имтиёзнок
б) – оддӣ
в) – беном

**109. Навъҳои коғазҳои қиматнокро номбар кунед**

а) - дарозмуддат ва сармоягузорӣ
б) – номӣ, беном ва бекоғаз
в) – оддӣ ва мураккаб

**110.Коғазҳои қиматнок аз тарафи кадом субъектҳо интишор мешаванд?**

а) – бонк; давлат; бонки миллӣ; субъектҳои хориҷӣ.

б) – бонки миллӣ; бонки тиҷоратӣ; давлат; субъектҳои хориҷӣ.

в) - давлат; бахши хусусӣ; субъектҳои хориҷӣ.

**111. Бозори коғазҳои қиматнок чист?**

- ҷамъияти саҳҳомиест, ки ба савдои когазҳои қиматнок машғул аст, вале мақсади ба даст овардани фоида аз ҳисоби фурӯши ин коғазҳоро надорад.

- ҷамъияти саҳҳомиест, ки ба хариду фурӯши коғазҳои қиматнок ба мақсади ба даст овардани фоида амал мекунад.

- ҷамъияти саҳҳомиест, ки мақсади ба танзим даровардани фурӯши коғазҳоро дорад.

**112. Навъҳои бозори қоғазҳои қиматнок кадомҳоянд?**

